Х А Д И Ч А
ДАВЛАТМАМАДОВА

# МАВҶУ АВҶИ ЗИНДАГӢ

*(Дафтари хотираҳо)*

«ПОМИР»
2014

ББК 84 Тоҷик 7-4
Д-18

Муҳаррир *Қурбон Аламшоев*

**Хадича Давлатмамадова.**
**МАВҶУ АВҶИ ЗИНДАГӢ.**
– «Помир», 2014, 144 саҳ.

Китобе, ки дар даст доред, навиштаи як сокини оддии деҳаи дурафтода ва баландкӯҳи Помир Авҷ **Хадича Давлатмамадова** мебошад. Ин китоб аз ду қисмат иборат буда қисмати аввали он, ки наср аст, дар бораи зиндагии як бонуи баиффат, ки бо заҳмат ва меҳнати вазнин, вале ҳалоли худ роҳи дурусти зиндагиашро ёфта, соҳиби обрӯ ва эҳтироми ҳамагон гардидааст, ҳикоят мекунад. Ин нахустнавиштаи бону Хадича бошад ҳам, аз истеъдоди нотакрори вай дарак медиҳад. Китоб бо забони равону ширин эҷод шуда, бо ҷузъиёти шавқовар оро дода шудааст.

Қисмати дуввуми китоб аз шеърҳо иборат аст. Абёти гуфтаи бону Хадича бори шеъри касбиро намекашад, вале ба унвони инъикоскунандаи дарди дили як фард таваҷҷӯҳи касро ҷалб мекунад.

ISBN 978-99947-2-38-58

© Хадича Давлатмамадова, 2014

***Ба хотираи неки ҷигарбанди***
***саргумам Ҷамшедҷон мебахшам.***

01.09.2009, сешанбе. Гӯсфандонро мечарондаму фикр мерондам. Ва ба қарори қатъӣ омадам. На, бояд навишт. Дигар вақте нест. Ширин нанавишт. Ҳар қадар илтимос кардам, пурсидам, вале шӯрӯъ карду монд, ҳеҷ илҳомаш пайдо нашуд. Ҳамин қадар зиндагиномаи аҷоибулғароиб дорад, аммо..., ё вақташ нест, ё бо сабаби дигаре ин корро накард...

Баъди чанд вақти дигар ман дар шифохона бистарӣ шудам. Фикру ҳушам ҳамоно побанди хотираҳоям буд. Масъалаи рӯи коғаз овардани онҳо дигар оромам намегузошт. Ман бояд нависам, чунки зиндагиномаи мо пайвасти ҳамдигар ҳаст.

Вале ман сар мекунам аз кӯдакию ҷавонии худам.

## КӮДАКӢ

Ёд дорам, духтараки 4-5 сола будам. Модарам маро сари *дегдон* (танӯри нонпазӣ) ҳазориспанд дуд карда дар дудии он медошт.

Ман сарфарзандаш, ҷигаргӯшаи ба қавле «ба сад пуфу чуф ёфтааш»». Каме, ки тобам мегашт, кораш фақат ҳамин буд. Зеро то ман ду нафар фарзандони як ва якунимсолаашро гум карда будааст.

Баъдҳо, вақте худам модар шудаму худам фарзанд гум кардам, он гоҳ эҳтиёту эҳсосоти бечора модарамро пурра дарк кардам...

Ёд дорам, қариби ҳафтсола шуданам, модарам қалам ба дастам доду маро бо ҳуруфи «Алифбо» шинос кард, хондану навиштанро омӯхт.

Модарам нахустин муаллимаи деҳаамон, хатмкунандаи омӯзишгоҳи педагогии шаҳри Хоруғ буд. Бисёр зани саводноку фаъол буд. Аз нақли калонсолон шунидам, замони ҳанӯз бешавҳар буданаш, як аспи сафед доштааст ва онро доимо савор шуда аз қишлоқи худашон – Намадгут, ба

қишлоқи ҳамсоя Сумҷин меомадаст, то ки омӯзгорӣ кунад ва одамони бесаводро қадре босавод кунад.

Дар ёддории ман, модарам дар нуқтаи алоқа почтальон, яъне хаткашон шуда кор мекарданд. Баъзан вақте бо падарам, ё ки бо мо фарзандон қаҳраш мегирифту оташин мешуд, мегуфт: «*Аз қаҳри шумо мерам ғоибона хондан, ба сарам ҳамин фикр омад»*. Ман, ки ҳанӯз ин чизро намедонистам, ҳайрон мешудам, «ғоибона» хонданаш чӣ бошад? Баъдан, бо мурури вақт маънояшро дарк кардам.

Ёд дорам, вақте ки ба синфи се гузаштам, якум бор касал шудам, дарди гулӯ сахт азобам медод. Маро дар беморхонаи ноҳия хобонданд. Ман бисёр тарсончак будам, аз торикӣ ҳам метарсидам, аз одамони хилъати сафеддор ҳам, аз сӯзандору тамоман талхакаф будам.

Шодравон падарам гӯё маро ҳамроҳӣ мекарданд, вале вақте маро хоб мебурд, секин хона мерафтанд. Пагоҳӣ бедор шавам, ягон шахси дилсӯз дар барам нест. Ба ман ин сахт алам мекард. Ҳамин тавр як ҳафта давом дод. Вақти аз беморхона баромаданам, падарам ба ман китоби хониши синфи серо оварданд ва бо ҳамин ман тамоми аламҳоямро фаромӯш кардам. Дар даст китоб, хурсандиам ҳадду канор надошт...

Падарам деҳқони асил буданд, кори замину заминдориро ба дараҷаи аъло медонистанд, гарчанде саводи кофӣ надоштанд, вале зеҳнашон хеле тез буд. Адабиёти бадеиро дӯст медоштанд. Аз синфи сеюм сар карда, ҳар бегоҳ дар рӯшноии чароғи керосинӣ ман ба падарам афсонаҳо ва китобҳои бадеиро мехондам. Баъдан ин корро бародаронам, ки аз ман майдатар буданд, анҷом медоданд.

Номи падари бечораамон ҳам дар рӯихати сиёҳшудагони солҳои 37-38-и қарни гузашта афтода буд. Он вақт он кас раиси колхоз буданд, ки намедонам, бо кадом ҷурме ӯро ҳабс карданд. Падарам он вақт зани ҷавоне ва писаре ноболиғ доштанд. Вақте ки соли 1939 баъди 3 соли ҳабс ба хона бармегардад, занашро зинда намеёбад. Он кас дар ҳасрати дидори шавҳари ҳабсшудааш касал шуда мемурад. Писари ягонаашро, яъне акаам Қурбонбекро аммаю момоямон мавриди бонӣ қарор дода бисёр ба эркагӣ калон мекунанд. Модари

акаам духтарамаки модари мо буд ва падарам ба хотири он, ки писараш хору зор нашавад, холаи ӯро ба занӣ мегирад. Модарам дигар муаллимӣ кардан натавонистанд. Дар пеши вай масъулияти ҷиддитаре буд. Бояд фарзандро нигоҳубин ва кори хонаро иҷро кард. Солҳои баъди ҷанг, нони шикамсерӣ набуд, аз сӯи дигар азобу шиканҷаи ҳамсояамакҳоро поён набуд...

Эй бечора модарам...

Ҳамаи азобу хорию зории ту пеши назарам ба мисли лентаи киност... Замоне буд, ки хурду хӯрок ҳамеша камчин буд, аммо хонаамон доимо аз меҳмонони раҳгузар пур буд. Он вақт нақлиёт набуд, одамон пиёда сафар мекарданду куҷое, ки шаб мешуд, ҳамон ҷо меистоданд. Гарчанде, ки мо кӯдакон нимсеру нимгуруснa мегаштем, модарам албатта як нонро аз мо пинҳон мекард, барои *«оянда»* – яъне, меҳмони раҳгузар.

Шукр, ки ҳоло замони серу пур, вале ман ҳамон анъанаи модарамро то ҳанӯз ҳам давом дода истодаам...

Ёдам меояд, дар синфи 4-ум падарам ба ман (аз кадом маблағе бошад, дарк намекардам) мизи дарстайёркунӣ харид. Чунин мизро дар деҳа касе надошт. Фақат аз мо буд. Аҷаб фахр мекардем, ману додарам Абиб.

Бори нахуст ман дар синфи 4-ум ба мошина савор шудам, моро аз мактаб ба шанбегӣ барои тоза кардани хатти сарҳад аз санг мебурданд. Ҳама талабагон ором, вале ман аз тарс доду фиғон мекардам.

Баъди солҳо шавҳарам Ширинҷон маро ба як деҳаи баландкӯҳи камодам, як ҷое, ки оҳ асту фарёд не, оварду хонаю дар сохт ва акнун на тарси ҷину на тарси деву парӣ дорам. Шукрати он дорам, ки ин макони бузургвор моро қабул карду арвоҳи калонон нигаҳбони ман ҳастанд.

Ёд дорам, дар синфи 5-ум маро ба гурӯҳи рақсию овозхонии назди мактаб ҷалб карданд. Бояд, ки дар рӯзҳои иду чорабиниҳо баромад мекардем, аммо маро падарам овозхонӣ намонданд, он кас бисёр шахси порсо, посдори урфу одат буданд. Агар шодравон амакам Тоҳир, ки ҳамаи шудагию будагиям вобастаи ӯст, намебуданд, кай маро маро хондан

мемонданду кай ба ин рӯз расидан. Амакам, ки худ навхатмкунандаи Институти варзиш буданд, дар ҳамаи корҳои ҷамъиятӣ фаъолона иштирок мекарданд (он кас бисёр акробати номии замони худ буданд ва дар консертҳою ҷамъомадҳо машқҳои акробатикӣ нишон медонад). Ана баъд амакам барои ман шуда бо падарам қаҳрӣ шуданд. Як ҳафта зиёд гап назаданд, гарчанде якҷо мезистанд. Падарам ноилоҷ маро гуфтанд: *«Мӯйбурида, бирав, чизе, ки аз дастат омад, аз барои ту шуда бача қатимон қаҳрӣ»*.

Ҳамин тавр, амакҷонам бар хурофот ғолиб баромаду ман дар консерт рӯи саҳна бо либоси миллии бадахшонӣ суруди *«Баҳор омад садои булбул омад, насими фораму бӯи гул омад, лола, лола гули лола...»*-ро бо ҳамроҳии дугонаам Хотун замзама кардем.

Шодравон амакам Тоҳир бисёр ҳам одами сер ёру ҷӯра ва меҳмоннавоз буданд, дили васеъ доштанд. Аз муҳаббати ӯ хонаамон доимо пури меҳмон буд. Сад афсӯс, ки фарзандонаш, ба хусус писаронаш, аз паи кору бори падар нарафтанд, хулқу атвори падарашонро нагирифтанд. Кунун дари хонаи худораҳматӣ амакамро кам касон мекушоянд...

Тавре гуфтам, айёми кӯдакию наврасиам, ман бисёр духтараки тарсончаку камзаҳрае будам. Вақти чойхӯрӣ агар модарам фаромӯш карда нонро рӯи дастархон намегузошт, ман ҳамин хел бе нон ширчойро дам мекардам. Корам рӯзи дароз рӯбу чин, шустушӯ, нигоҳубини бараю бузғола буд. Пагоҳии барвақт аз сабаби он, ки оби хӯрданиямон дур буд, обкашӣ доштам. Болои сарам ҳам сатили об, ҳам тапаки тари говро дар сабад мекашидам. Шояд ҳамин сабаб бошад, ки ба назарам нағз қад намекардам. Дар синни 14-солагиам ҳанӯз ба духтараки 9-10-сола монандӣ доштам. Вақте ки дар синфи 7-ум таҳсил мекардам, амакам Амирбек Ҳабибов, номзади илм, баъдан доктори илмҳои филология, ҳамроҳи завҷа ва духтаронаш ба хонаамон омад. Завҷааш ба падарам тавсия дод, ки маро бади хатми синфи 7-ум ба хондан фиристанд. Худораҳматӣ худашон одами бомаърифат, корманди ҳукумат буданд – Раиси иттифоқи касабаи ҷумҳурии онвақта. Ҳамин тавр ба тавсияи занамакам – Ҳамроҳхон Мавлонова (зодаи

шаҳри Конибодоми вилояти Суғд) амакам Тоҳир бо ризогии падару модарам як гови хоҷагиамонро фурӯхта ба ман роҳкирою, харҷи сафарро омода карда, маро ба хондан ба омӯзишгоҳи рақами 5-и шаҳри Душанбе, ки кормандони алоқаро тайёр мекард, бурданд. Албатта он вақт мошинҳо дар масири Хоруғ – Душанбе ин гуна равуо надоштанд ва барои рафтан ба Душанбе аввал бо мошина ба шаҳри Хоруғ ва аз он ҷо бо тайёра ба шаҳри Душанбе мерафтанд.

Ман ба сафари нахуст баромадам. Ёд дорам, шаби аввали ҷудоӣ аз хонаю аз волидон чӣ душворие, чӣ азияте дошт!!

Шабро мо дар Хоруғ дар хонаи дӯсти амакам – Аминбек Ғуломносиров гузаронидем. Маҳз дахли бевоситаи ҳамин шахс шуд, ки ҳаёти ман бо касби оянда ва дӯстдоштаам – хизмат ва ёрии тиббӣ расондан ба беморон ва модарони оянда пайваст шуд. Акои Аминбек сардори шӯъбаи нигоҳдории тандурустии вилоят буданд. Вақте фаҳмиданд, ки ман ба омӯзишгоҳи алоқа равонам, даррав ҳуҷҷатҳоямро аз нав карда ба омӯзишгоҳи тиббӣ роҳхат доданд ва илова карданд, ки: *«Дар ноҳияи Ишкошим кормандони тиб намерасанду шумо ба омӯзишгоҳи алоқа рафтаниед»*. Ман, ки ҳамагӣ сездаҳуним сол доштам, на маънои акушеркаро мефаҳмидам, на маънои фельдшерашро.

Ҳоло наврасони ҳозираро дида ба синнусоли онвақтаам муқоиса карда, фарқ байни замину осмонро мебинам.

Ҳамон шаби ҷудоӣ аз модар то ба ҳозир дар пеши чашмам, дар хаёлам аст. Гиря мекардам дарун ба дарун. Зор-зор. Духтарҳои акои Аминбек гиристанамро дида рафта ба падарашон ва амакам, ки шоҳмот мебозиданд мегӯянд. Аз ин рафтори ман амакам сахт ҷаҳл кард, маро ҷанг кард. Бисёр одилона гуфт: ман туро ба зӯрӣ ба хондан намебарам, намехоҳӣ, пагоҳ пас мегардем хона. Ман дигар аз тарси он, ки амакам ин корро накӯнад, зуд ором гирифтам ва дам ба дарун задам.

Хуллас, рафтем бо тайёра ба Душанбе. Ногуфта намонад, ки дар вақти парвоз ҳам мурданивор тарсидам, талхакаф шудам. Дар шаҳр дар хонаи амакам Амирбек меистодем. Амакам Тоҳир (худо ҷояшро ҷаннат кунад) дар тараддуди

ҳуҷҷатсупорию дигар масоили дохилшавиям буд. Ӯ пешо-пеш ва ман ҳамчун сагча аз қафояш медавидам. Он кас, ки худашон варзишгар буданд, бисёр ҳам тез роҳ мерафтанд ва ман аз ӯҳдаи дарёб карданаш намебаромадам. Вай зуд-зуд ба қафо менигаристу мегуфт: *«Тез-тез биё, бо ман ҷур роҳ гард»*. Вай намедид, ки ман аз пасаш фақат медавидам.

Аз ёдам ҳеҷ намеравад нахустин яхмоси хӯрдаам! Онро амакам харида дод. Вале, ӯ, ки худаш пеш– пеш мерафт, нафаҳмид, ки ман яхмосро барои бисёр хунук буданаш хӯрдан натавонистаму онро як сӯ ҳаво додам. Ҳатто мазза-ашро нафаҳмидам.

Чӣ беақлӣ-а, фикр мекунед, шумо, хонандаи азиз? Оре ҳақиқатан ҳам ҳамин тавр буд. Ҳоло ҳам бисёр корҳои то синни ҳаждаҳсолагӣ гузаштаро ба ёд оварда ҳам хандаам меояду ҳам гиря.

Як нуктаро қариб фаромӯш мекардам. Акнун он ба ёдам омад, ман бояд онро гуфта гузарам. Вақте ки чашм ба олами ҳастӣ кушодам ва соҳиби ақл шудам, момокалони мо (ба лаҳҷаи ишкошимӣ – «биби») ҳамеша дар паҳлуямон буд. Худораҳматӣ бибиамон Садаф ном дошт. Вай модари угаи падарамон буд ва амакам Тоҳир фарзанди он кас буданд. Аммо мо модари угай буданашро ҳеҷ эҳсос намекардем. Зеро аз рӯзи аввали чашм ба олами ҳастӣ кушодан, ин зани меҳрубон дар паҳлуямон буд. Бисёр инсони нексириште буданд. Падараму амакҳоям ӯро хеле ҳурмату эҳтиром мекарданд. Маро, ки номи модари падарамро гирифта будам, «*наник*», яъне оча мегуфтанд. Бибиам Садаф тахминан дар даҳ соли охири умрашон нобино шуда буданд. Ман ӯро аз дасташ гирифта, берун барои ҳоҷаташ мебурдам. Фақат «*наник*» – гуфта фарёдам мекард. Ёд дорам, як шаби тобистон (дар ҳавлӣ, дар пешайвон мехобидем) маро бедор карда натавониста, худаш танҳо берун баромадааст. Вақти пас гаштан бечора бибиам роҳро гум карда, даруни боғ медарояд ва палмосида-палмосида ба дарахтҳои зардолу бармехӯрад, мефаҳмад, ки роҳ гум шудааст. Аз ҳамон ҷояш наҷунбида, падарамро: *«Ҷалол-Ҷалол»* – гуфта чеғ мезанад ва падарам бедор шуда, ӯро ба ҷои хобаш мебарад. Ман аз ин воқеа субҳи дигар ха-

бардор шудам. Сипас вақте ки ман хондан равон шудам бибиҷонам гирякунон гуфт: *«Ту меравӣ, маро дигар кӣ берун мебарад, кӣ ҷои рахти хобамро тахт мекунаду меғундорад? Худоҷон мушкилама осон кунаду амонаташа бигирад, ки хор нашаваму ба падару модарат, ба ҳеҷ кас сарборӣ нашавам»*. Дуои бибии бечораам мустаҷоб шуд. Ҳамон соли рафтагиам он кас ба олами ҳастӣ падруд гуфтанд, ҳамон сол янгаам, зани акоям Қурбонбек низ вафот карданд, аз касалии сил.

## СОЛҲОИ НАВРАСИЮ ДОНИШҶӮӢ

Барои дохил шудан ба омӯзишгоҳ дуто имтиҳон доштем: яке математика ва дигарӣ – диктант аз забони русӣ. Дар мактаби қишлоқамон ман гӯё, ки аълохон, толибаи беҳтарин, сардори синф ва намуна будам. Тағоям Ҷангибек Муборакшоев (худо биёмурзадаш) роҳбари синфамон буд ва бисёр шахси масъулиятшиносу серталаб. Хусусан нисбати ман, ки ҷиянашон будам, беандоза сахтгир буданд. Ҳамсинфонам ягон айб кунанд, дарсҳояшонро тайёр накӯнад, – ҷавобгар ман, *«Ту – сардори синфӣ»* мегуфт. Баъдан, вақте ки дар Хоруғ кор мекардаму тағоям наздамон меомад, беадолатиашро нисбатам вақти мактабхониам хотиррасон мекардам, шӯхиомез мегуфт: *«Сахтгириҳои ман буд, ки ту одам шудӣ»*.

Дар синф ҳамагӣ 8-нафар будем: шаш духтару ду писар. Фақат ман ва писараки дигар бо номи Шамс, ки падарашон аълочии маориф буд, аъло мехондем, дигарҳо – миёна. (Бечора Шамс ҳам дар ҷанги шаҳрвандии бародаркуш, соли 1992 бе ному нишон шуд). Ана акнун аълохониам маълум шуд. Математикаро супоридаму аз диктант баҳои ду гирифтам. Он солҳо дар қишлоқ муаллимон ҳам забони русиро ба таври кофӣ намедонистанд, чӣ ҳоҷати гуфтан аз толибилмонашон. Бечора амакам Тоҳир зиқ шуд. Амаки номзади илмам тавсия дод: *«Бубараш ба хона, духтар чию ҳонданаш»*. Ана гапу мана гап. Аммо амакам Тоҳир бисёр одами ба ору номус буданд. Ӯ ба худаш шармандагӣ меҳисобид, ки маро дохил накарда ба хона бозгардонад. Вай хеле чурт заду як фикри аҷоиб ба сараш омад. Азбаски хушхатнавис будам, ба ман

фармуданд, ки ба номи вазири тандурустии республика Раҳимов Я.Р. ариза нависам. Баъди навиштани ариза роҳи вазоратро пеш гирифтем. Ман бо аризаам тарсону ларзон назди вазир даромадам. Ӯ ҳайрон-ҳайрон ба ман нигоҳ кард, на қаду на ҷасад, як духтараки 9-10-сола, чӣ мехоҳад? Аризаамро гирифта пурсид: *«Аз кадом районӣ?»* – *«Аз Ишкошим»*, ҷавоб додам ман. Сарашро чунбонда, – *«Бисёр дур, ман ба райони шумо се карат сафар кардаам»* – гуфту ба аризаам ким чӣ навишт. Аризаро ба ман доду гуфт: *«Равед ба назди директори омӯзишгоҳ»*. Амакҷонам бошад дар қабулгоҳи вазир ба ман интизор буд. Вақте ки ба навиштаҷоти вазир нигоҳ кардем, дидем: *«Мухаббат Каюмовна (директори омӯзишгоҳи тиббӣ), зачислите её на 1 курс акушерской группы»*. Хурсандиамон ҳадду канор надошт. Ҳамин тавр ман донишҷӯи омӯзишгоҳи тиббӣ шудам. Бечора амакам даводав карда, хобгоҳ ҳам гирифтанд, чунки дар хонаи амаки шаҳрӣ истоданам ғайри имкон буд ва хонааш хеле дур ҳам буд. Дар хобгоҳ дар як ҳуҷра бо донишҷӯёни курсҳои боло – ду нафар духтарони ишкошимӣ ва ду нафар духтарони рус иқомат доштам. Як чизро бояд қайд кунам, ки дар давоми умри начандон кӯтоҳам, ҳаёт маро ба намояндагони халки бузурги рус дучор гардонид ва ман аз онҳо фақат некӣ медидам, дар мушкилиҳоям дасти ёрӣ дароз мекарданд. Азбаски ман духтараки қишлоқӣ бо пул ҳеҷ сару кор надошта будам. Дар курси якум – 13 сӯму 30 тин идрорпулӣ (стипендия) мегирифтам, вале намедонистам, ки бо ин пул чӣ кор кунам. Барои ҳамин шуда ин пулҳоро ба духтарҳои ҳамшаҳриам додам, ки агар чизе барои хӯрданӣ харанд, ман ҳам якҷо қатиашон хӯрам. Онҳо як-ду рӯз нону макарон хариданду дигар ман ба чашм чизе надидам. Агар ҳамин русдухтарҳо намебуданд, ким-кайҳо аз гуруснагӣ мемурдам. Онҳо *«малышка»* гуфта маро ҳамроҳи худашон базӯр мехӯронданд. Ана номи вайҳо кофиру мо мусулмон. Як рӯз бегоҳӣ чизе нахӯрда хоб рафтам, пагоҳи дигар ба дарс рафтам, аз дарс омада боз гурусна хоб рафтам (ман дигар шарм мекардам бемузд хӯрдан, дурӯғ мегуфтам, ки ман аллакай хӯрдаам). Пагохи дигар ҳолу мадорам кандагӣ ба дарс рафтам. Қариб

буд беҳуш афтам. Роҳбари гурӯҳамон Тамара Петровна маро ба пункти тиббии омӯзишгоҳ бурданд. Дар он ҷо ҳамхонаам Нелля (вай калонсолтар ва оиладор буд), ки дугонаи духтур буд, ҳозир дошт. Маро аз назар гузаронида духтур ба Нелля гуфт, ки: *«У неё голодный обморок»*, яьне беҳушӣ аз гуруснагӣ. Нелля маро ба қаҳваххонаи омӯзишгоҳ бурда, ким-чӣ хӯрданӣ харид, аммо ман гуруснагиамро ҳис намекардам, фақат беҳол будам, дилам беҳузуру сарам чарх мезад. Нелля маро ба хобгоҳ бурда хобонду рақами телефони амаки шаҳриямро аз ким – куҷо ёфта, ба ӯ занг зад. Ман бехабар дар хоб, яке чашмро боз кунам, бинам амакам дар болои сарам. Нелля ӯро ҷанҷол дорад: *«Шумо чӣ хел одамони беинсоф, наметавонед ақаллан як бор аз аҳволи ин кӯдак хабардор шавед»*. Амакам маро ба хонаашон бурду як-ду рӯз ҳамроҳашон мондам. Каме ба худ омадаму боз ба хобгоҳ баргаштам. Вақти бозгашт зани амакам ба ман як сӯм доданд. Албатта дар он замон як сӯм қадр дошт, 4-то «хлеб» харида, 4-5 рӯз бо об тановул карда, зиндагӣ кардан кардан мумкин буд. Амакам, ки ба рӯзномаю маҷаллаҳо менавиштанд – ҳаққи қалам (гонорар) мегирифтанд. Аз як ҳаққи қаламашон ба ман пальточаю пойафзол харида доданд, аз оилаашон пинҳонӣ. Хайрият, ки қадам паст буд. Охир, бечора амакам илоҷ надоштанд, аҳли оилаашон иборат аз шаш нафар буд, онҳоро хӯрондану пӯшондан лозим буд. Хулоса, дар курси якум хеле азоб кашидам. Ба замми ин дарсҳоям ҳама ба забони русӣ буд. Аммо чуноне, ки мегӯянд дунё бо одамони нек боқист. Муаллимаи забони русиам – Галина Ивановна Попова мададашонро аз ман ҳеҷ дареғ намедоштанд. Он кас зани афсари сарҳадчӣ буданд ва чанд солҳо дар диёри куҳистони мо адои хизмат кардаанду шефтаи ин диёри афсонавӣ ва мардумони хоксору меҳмоннавозаш буданд. Мумкин барои ҳамин бошад, нисбати ман таваҷҷӯҳи хосе доштанд. Муаллима маро ба китобхонаи омӯзишгтоҳ бурда, китобе интихоб карда доданд. Номи ин китоб то ҳол дар ёдам ҳаст: «Широкое течение». Лекин мазмуну маъноящро намедонистам, ки дар бораи чист. Муаллима гуфтанд: *«Бихон, маъноящро надонӣ ҳам, бихон то охир, инро тамом кардӣ, боз дуюмашр*

*гир».* Ҳамин тавр, ман китобҳои бадеиро ба забони русӣ мехондагӣ шудам ва ин амал то ба ҳол ҳам давом дорад. Галина Ивановна ҳар рӯз маро ба пештахтаи синфӣ ҷеғ мезаданду вазифаро пурсида баҳо намегузоштанд, то ки забонам рост шавад. Баъди як моҳ баҳои 4 монданду гуфтанд*: «Ана ҳоло ту забонро ёд гирифтӣ, дигар хондан ба худат вобаста».* Бисёр сипосгузорам аз Худованди Олам, ки ҳамин гуна одамонро дучорам кард. Якум соли хондан бо ҳасрати ҷудогӣ аз волидон (ҳар гоҳ сӯрудҳои бадахшонӣ аз радио садо медод, ман мегиристам) бо мушкилиҳои зиёде паси сар шуду бо як хушнудию хурсандӣ ба хона омадам. Вақти таътил раҳматӣ амакам Тоҳир либосҳояшро ба ман шустанӣ дода гуфт: *«Шимҳоямро дарзмол мекунӣ, агар натавонистӣ, хондан намеравӣ»* (ӯ маро озмоиш кардан мехост). Ман бо овози ларзон ҷавоб додам: *«Ман касби духтуриро хонда истодаам, на дарзмолкунро,ман дар он ҷо шими киро дарзмол кунам, ки ёд гирам».* Раҳматӣ амакҷонам хандидану: *«Эй муре, хуб, ки ба ҳамин ақлат мерасад»,* – гуфтанд. Таътил ба охир расиду роҳи шаҳрро пеш гирифтам. Акнун андаке ба ман осонтар шуда буд, чунки забонро медонистам, каму беш эҳтиёту сарфи пулро ҳам. Дар курси дуюм бо ҳамроҳии ҳамкурсони худам, ки аз ноиҳаҳои гирду атроф буданд, якҷо хобгоҳ гирифтам: Мутриба Исмоилова аз Қурғонтеппа, Зина Маматова аз Шаҳритус, Рая ва Уғулой аз шаҳраки Октябрскии вилояти Қӯрғонтеппа, Галя аз ноҳияи Мурғобу банда аз Ишкошим. Идрорпулиамонро якҷо карда хӯрду хӯрок мегирифтем, барои дар як моҳ як ду бор ба кино рафтан ҳам пул ҷудо мекардем. Гурусна намемондем, ҳеҷ не барои нон пул доштем, нон, ки буд бо об мехӯрдем. Баъзан духтарҳо рӯзҳои истироҳат ба хонаҳошон мерафтанд ва як чиз – ним чиз меоварданд. Рӯзҳои ид ҳам духтарони аз ҷойҳои наздик хона мерафтанд. Фақат мо бадахшониҳо мемондем. Ман ҳам баъзан хонаи амакам мерафтам, аммо чун он қадар онҳо маро интизорӣ надоштанд, кӯшиш мекардам, ки худам ҳам камтар равам. Дар урфият беҳуда нагуфтаанд, ки: *«Бар хонаи дӯсти худ ту бисёр марав, ҳарчанд азизӣ, оқибат хор шавӣ».* Ман наметавонам некии ягон касро фаромӯш кунам. Дугонаам

Галяи Мурғобӣ бисёр духтараки шӯх буданд, сурудхониро дӯст медошт ва овози хубе ҳам дошт. Аз сари ману ӯ бисёр воқеаҳо гузаштаанд, ки онҳоро қайд хоҳам кард.

Ман ба ӯ бисёр унс гирифта будам. Ногуфта намонад, ки вақти чаҳор соли донишҷӯиам, хешдухтарам Наҷаф, ки аз нигоҳи синну сол аз ман калон буданду дар Донишгоҳи омӯзгорӣ мехонданд, аз ҷиҳати иқтисодӣ доимо кӯмакам мекард, аз аҳволам хабар мегирифт. Шароити хонаи онҳо хеле хуб буд, чунки акояшон корманди давлатӣ буданд.

Бечора волидонам шароити ёрдам кардан надоштанд. Дар курси якум хонданам як бор равона (посылка) фиристонданду дар курси дуюм – 15 сӯм, вассалом. Ба таътили тобистона бо идрорпулӣ меомадаму рафтан ба Душанбе бо пули волидон. Хайрият, ки он вақт чиптаи тайёра ҳамагӣ 10-14 сӯм буд. Ва пули онвақта гӯё, ки бобаракаттар буд. Бо моҳонаи ночиз рӯзамонро мегузарондем. Курси дуюмро ба хондану таҷрибаомӯзӣ гузаронида оҳиста-оҳиста ба касби интихобкардаам меҳр бастам ва ба фикрам он қадар душворӣ накашидам, ғайр аз он, ки шабе модарамро дар хоб касали вазнин дидаму гӯё он кас даргузаштаанд, хеле гиря кардам дар хоб. Духтарҳо бедорам карданд, ки чӣ гап шуд? Асли хобамро нақл кардам. Онҳо маро тасаллӣ дода, хоби нағз хостанд, умри модаратон дароз мешавад, гуфтанд. Ҳамон сол ба қишлоқ омадам вақти таътил, хама хурду калон маро табрик мекарданд, ки модарат вазнин касал буду худо ӯро дубора ба шумо бахшид. Модарам ҳамагӣ 44 сол доштанд. Таътилро гузаронда вақти ба хондан рафтанам боз расид. Чун ҳарвақта бо ҳамроҳии амакам Тоҳир дар мошинаи боркашӣ роҳи Хоруғро пеш гирифтем, аз он ҷо бо тайёра сӯи пойтахт. Мавриди сафарамон дар истигоҳи таи Авҷ, ки ҳоло ин ҷо офиятгоҳи чашмаи шифобахш ҷойгир аст, мошинамонро ҷавони ҷингиламӯй, базеб, қадаш андаке пастттар боздошту бо зани нуронии миёнасол, ки модарашон буд, ба мошин савор шуданд. Аз куҷо медонистам он вақт, ки дар оянда қисмат маро бо ҳамин ҷавон якумра мепайвандад. Зан бо забони вахонӣ аз ман пурсид: *«Духтарам аз куҷо астӣ?», – «Аз қишлоқи Рын»* – посух додам ман. Дарав ба забони

ишкошимӣ (рынӣ) гузашта пурсид: *«Духтари кӣ?», «Аз Ҷалол»* – гуфтам ман. «*О Ҷалол хеши ман, бародарам мешавад. Дар куҷо мехонӣ?*» Чун фаҳмиданд, ки дар омӯзишгоҳи тиббӣ мехонам, пурсиданд: *«Лаьлбегимро мешиносӣ?»* – *«Ҳа»,* гӯён тасдиқ кардам. *«Пас ба ӯ бигӯ, ки модаркалонат ба шаҳр омад, ба ҷарроҳии чашмаш*». Бале, Ширинҷон ҳангоми донишҷӯ буданаш амакашро, модарашро барои табобат ба шаҳр мебурданд. Он вақт ин кори калон буд, аз дасти ҳар кас намеомад. Чун баъдан бисёр озмудам, вай доимо дар хизмати падару модар, амакҳояш, акаҳояш ва умуман кулли хешу табораш буд. Аз чӣ сабаб бошад, ки ҳозир аз тарафи фарзандони онҳо ин ҳурматро нисбаташ кам мебинам.

Сипас дар шаҳри Хоруғ мо мусофирон аз ҳам ҷудо шудем. Ширинбекро баъд баъзан дар Душанбе медидам. Агар дучор мешудем, бо забони ишкошимӣ (онро хуб медонист) аҳволпурсиам мекард: *«Ҳа, ҳамшаҳрӣ чӣ хелӣ, хуб астӣ?»* Ва бо ҳамин тамом, дигар на ягон нишонаи меҳру на нишонаи мухаббат, чунки ман ҳанӯз духтараки соддаяки назарногире будам.

Дар яке аз рӯзҳои ид, ки ҳамагон хонаашон мерафтанду ману Галя танҳо мемондем, ҳамкурсамон Азиза Ҳасанова, ки дар шаҳр зиндагӣ мекард, моро ба хонааш даъват кард. Мо ҳам баъди*»не-не»*-ҳои зиёд розӣ шудем. Дар хонааш ба ғайр аз мо якчанд ҷавонони дигар ҳам буданд. Як ҷавони лоғарандоми сиёҳтоб бо русдухтар Полина низ дар ин ҷамъомад ҳузур доштанд. Дар бало задаму мондам. Ин ҷавон таваҷҷӯҳашро нисбатам зоҳир намуда, ба сӯям нигоҳҳои маънидор меандохт. Ба ростӣ, ки худамро бисёр ноҳинҷор ҳис мекардам. Ба Галя гуфтам: биё равем аз ин ҷо ва ҳамин хел ҳам кардем. Баъд аз ин ин ҷавон дигар моро ором намемонд. Ман намедонистам, ки чӣ гуна аз дасти вай халос шавам. Аз як тараф тарсу ваҳми бачаҳои ҳамшаҳриамон буд, ки агар бинанд, мекушанд. Он солҳо донишҷӯёни бадахшонӣ – писарҳо мо духтаронро зери назорат доштанд то, ки ягон қадами беҷо, рафтори ношоиста накӯнем. Ин ба фикрам бисёр ҳам хуб буд, чунки мо духтарҳо аз тарсу ҳурмати онҳо кори ғайри чашмдоште намекардем. Ёд дорам, чунин

воқеаро: рӯзи шанбе буд, бегоҳӣ ҳамроҳи Мутриба ҳаммом мерафтем, навбати зиёди занон истода буд. Навбати мо баъди ду соат расид, оббозӣ карда баромадем, ки қариб 3-4-соат гузашт, соат 12-30, троллейбусҳо аллакай намегаштанд. Пиёда тарафи хобгоҳамон роҳсипор шудем, ки аз он тарафи роҳи пиёдагард ду нафар роҳи мошингардро бурида назди мо омаданд. Ману Мутриба ҳамдигарро пучидаю газида аз тарс намедонистем ба куҷо гурезем. Вақте ки ки онҳо ба мо наздик шуданд, маълум шуд, ки ин хешбачаи ман, худораҳматӣ Султоналӣ, ки дар донишгоҳи тиббӣ мехонд бо як ҳамроҳи дигарашон будаанд. *«Куҷо дар ин шаб мегардед?»* – бо қаҳр хитоб зад ӯ. – *«Мо дар ҳаммом будем»* – ларзида ҷавоб додам. Чун афту андомамон ҳақиқатан ба ҳаммом кардагӣ монанд буд, бовар карду моро то хобгоҳамон бурда расонд. Духтарони ҳамхонаамон гуфтанд, ки ӯ омада пурсид, ки шумо куҷоед. Мо гуфтем ҳаммом рафтаанд. Барои ҳамин ҳам роҳи моро поида мунтазир истодааст, то боварӣ ҳосил кунад, ки дурӯғ намегӯем. Худо биомурзадшон – ҷавони хуб буданд ва ҷарроҳи беҳамто. Афсӯс, ки дарди бе дармон ӯро айни ҷавонию камолот аз бари ёру дӯстон ва хешу ақрабо абадӣ рабуд. Ва шукри он, ки имрӯз писарашон Парвизхон касби падарро интихоб карда, сазовори номи падар ҳастанд ва кору пешаи ӯро давом дорад.

Баъд худ бубинеду қазоват кунед, ки бо ин гуна назорат аз паи мо, агар мехостем ҳам ягон ҷо рафтан, наметавонистем. Ба фикри ман ин бисёр ҳам нағз буд, аз назари ору номуси бачаҳои бадахшонӣ. Хулоса, ман аз он ҷавон, ки ҳамеша маро пайгирӣ мекард, худамро пинҳон мекардам, духтарони ҳамхонаам бо омаданаш ба ӯ мегуфтанд: «*ӯ нест, ба таҷрибаомӯзӣ (практика) ба фалон беморхона рафтааст*». Он кас ба беморхона рафта, пурсӯҷӯ карда, маро наёфта боз хобгоҳ меомад. Ҳамин тавр чандин вақт вақт давом кард. Баъд ба сарам як фикр омад. Ба ӯ хатча навиштам, ки *«агар зинда будан хоҳӣ, дигар аз қафои ман нашав, бачаҳои бадахшонӣ дар паят истодаанд, агар бинанд, ҳардуямонро мекушанд»*. Кадоме аз духтарҳо хатчаро ба ӯ доду ҷонам аз ҳамон рӯз халос шуд, кош тезтар ҳамин корро мекардам.

Моҳҳои аввали тирамоҳ, мо донишҷӯёнро пахтачинӣ мебурданд. Азобҳои пахтачинӣ кам набуд. Хусусан дар курси якум. Мо бадахшониҳо, ки қаблан бо пахта сару кор надошта будем, азоби дукарата мекашидем, на либосамон мувофиқ буд, на ҳунари пахтачинӣ доштем. Ёд дорам, вақти дар курси якум буданам маро барои надоштани либоси гарм, сардори гурӯҳ аз пахтачинӣ озод карда ба шаҳр фиристонд. Ба куҷо равам, пул нест, ки либосро даррав харида гирам. Ноилоҷ ба умеди дарёфти либоси кӯҳна роҳи шиноси хонаи амакамро пеш гирифтам. Хайрият, ки зани амакам дар хона набуданду духтарашон Раъно, ки ҳамсоли ман буд, бо фаҳмидани мақсади ман аз сандуқ либосҳои гармашро ҷудо карда доду гуфт: *«Бо роҳи дигар рав, ки ба модарам дучор наёӣ, агар бинад, маро ҷанг мекунад, ки бе пурсиши вай либосҳоро додам»*. Ҳамин тавр ҳам кардам. Ин некии Раъноҷон умрбод дар ёди ман боқӣ мондааст...

Дар курси сеюм гурӯҳи моро, ки иборат аз 30 кас буд, ба ҷои пахтачинӣ, ба райони Ғарм (ҳоло – Рашт) ба эмкунӣ (прививка) алайҳи касалии гулак (оспа) фиристонданд. Намедонам, ҳоло вазъи хадамоти тандурустии ин ноҳия чӣ гуна бошад, аммо он вақт ҳолашон хеле вазнин буд. Хурофоти динӣ ҳама чизро пахш мекард. Духтаронро мактаб намемонданд. Онҳоро дар синни 14-15-солагӣ ба зӯр шавҳар медоданд. Муаллим намерасид, будагиҳояш аз дигар манотиқи ҷумҳурӣ буданд, ки бо роҳхати вазорати маориф ба ин ҷо фиристода шуда буданд. Дар бораи ҳолати ҳифзи сиҳат ҳоҷати сухан ҳам набуд. Шаби якумро мо дар шаҳраки Ғарм гузаронидем. Дар гурӯҳамон ба ғайри ману як немисдухтар – Анна Валл, дигар ҳама мӯйбурида буданд. Духтарони дигар ба рақми мардуми маҳаллӣ дар Ғарм ҳар дуи моро қапида базӯр мӯйҳоямонро то китф кӯтоҳ карданд. Чӣ қадар муқобилият кардем, натавонистем. Баъди бозгашт ба Душанбе, ман аз тарси амакаму хешбачаҳои дигар, ду кокул бофта лентачаҳои сафед сахт мекардам то, ки маълум набошад, ки мӯям буридагӣ аст. Ана ин хел тарсу ҳарос доштем. Тобистони ҳамон сол вақти таътил модарам мӯйҳоямро дида хеле танбеҳ дод. Хайрият, ки падарам нафаҳмиданд, набошад, аҳволам тамоман вазнин мешуд.

Дар Ғарм якумин бор устоди шеъру ғазал – Зафар Нозимро дидем, ки бо мо вохӯрӣ гузаронд. Он вақт он кас ҳам ҷавон буданд. Пагоҳӣ рӯзи дигар гурӯҳамонро ду касӣ ҷудо карда ба қишлоқҳо тақсим карданд. Вазифаамон эмгузаронӣ ба кӯдакону мактаббачагон буд. Ману Галя ба се қишлоқ, ки номҳояшонро бо мурури вақт фаромӯш кардам, хизмат мерасонидем. Хона ба хона гашта кӯдакони аз 3-моҳа то 14-соларо сӯзандору мегузарондем, ба мактабҳо мерафтем. Ҷои зистамон дар меҳмонхонаи як нафар шахси раҳмдилу боинсоф буд. Ӯ моро пухтан намемонд, оилаашон бароямон ғизо тайёр мекард, чизе аз мо дареғ намедоштанд. Дар инҷо мо якумин намояндагони соҳаи тиб будем ва ба мо одамони бисёре барои ёрии тиббӣ муроҷиат мекарданд. Илтимос мекарданд, ки ҳамин ҷо муқимӣ шуда ба онҳо хизмат расонем. *Барои чӣ духтаронатонро хондан намемонед,* – мепурсидем мо, – *бигузор рафта хонанду омада хизмататон кунанд. – Ба духтарони мо хондан мумкин не,* – ҷавоб медоданд онҳо. – *Хайр, чӣ илоҷ, мо ба зодгоҳи худамон бармегардем.*

Дар яке аз рӯзҳо моро ба назди пирамарде, ки панҷаҳои дасти ростașро санги осиёб зер карда бурида буд, чеғ заданд. Бечора мӯйсафед хеле батоқат буд. Бо вуҷуди ин ки мо таҷрибаи хуби муолиҷа надоштем, вай ба ҳамаи ҳаракатҳои мо тоқат мекард. Ҳар бегоҳӣ баъди анҷоми корҳоямон ба назди ӯ барои аз нав бастани дасташ мерафтем. Ҳамроямон писарбачаи 10-12-солаи соҳибхона низ мерафт. Як рӯз ҳарвақта барин мерафтем, ки як ҷавони қавқозисурат дучорамон шуд. Вай дар даст милтиқи шикорӣ дошт.

Чун фаҳмид, ки духтаракони таҳҷоӣ нестем, бисёр тааҷҷуб кард. Мо худро муаррифӣ кардем. Аз суханҳояш фаҳмидем, ки ӯ имрӯз бо гурӯҳи геологҳо ба ин ҷо омадаст.

Тахминан баъди як, якуним соати баргаштан аз хонаи пирамард, мо боз ӯро вохӯрдем, аммо афту башарааш тамоман дигар буд, ӯ арақ нушида, базӯр ба по меистод, базӯр сухан мекард. Мо аҳволашро дида ба ростӣ, тарсидем. Ӯ бо овози баланд *«истед»* – гуфта хитоб кард, лекин мо аҳамият надода роҳамонро давом додем. Вай боз ба қаҳр гуфт: *«Истед, вагарна мепаронам»*. Мо давидему дар ин вақт садои тир аз па-

си гӯшҳоямон садо дод. Намедонам, он лаънатӣ ба ҳаво тир паронд ё сӯи мо, маълум нест, аммо моро талхакаф кард. Писарбачаи ҳамроҳамон дод гуфта ба як ҳавлии наздик даромад, мо бошем бо тамоми қувват давида ба хона даромадем. Аз доду фиғони мо ҳамсояҳо ҷамъ шуданд, писарак ҳам расида омаду асли воқеаро гуфта дод. Бисёр аламовар буд, ки ҳаққи хизматамон ҳамин мешуд: дар ғарибӣ, бе ёру дӯсту хешу ақрабо, бе ҳеҷ сабабе моро аз байн мебурданд. Одамони калон, ҳамсояҳо моро тасаллӣ дода тавсия доданд, ки пагоҳ назди роҳбари геологҳо рафта ҳамаашро гӯем, то ки ҷазои он нобакорро диҳанд. Ҳамин хел ҳам кардем ва ӯ аз мо бахшиш пурсид. Ана ба чӣ хел моҷаро дучор шудем! Ҳамин тавр як моҳ паси сар шуду мо вазифаҳои супоридагиро анҷом дода боз ба шаҳр баргаштем барои идомаи хондан.

Моҳи маи ҳамон сол моро ба таҷрибаомӯзӣ ба ноҳияҳои гирду атроф роҳхат доданд. Ману Галяро ба шаҳраки Октябрскии вилояти Қӯрғонтеппа фиристонданд. Воқеан, ҳоло намедонам номи ин шаҳрча чӣ бошад? Баъди як ҳафтаи дар беморхона кор кардан, моро ба экипажи тайёраи «кукурузник», ки он солҳо ба пахтазорҳо дору мепошид, вобаста карданд. Куҷое, ки онҳо мепариданд, мо ҳамроҳашон, чунки дору заҳролуд буд ва эҳтимоли заҳролудшавии экипаж ва одамони дигар вуҷуд дошт. Талабот ин буд, ки мо бояд ба расондани ёрии аввалини тиббӣ ҳамеша омода бошем. Аз се нафар сарнишин, ки миллаташон рус буд, гилае надоштем, ба мо *«духтарамон»*-гуфта муроҷиат мекарданд, гарчанде синну солашон ҳам он қадар калон набуд. Ин ҷо ҳам мусулмонҳои мо худашонро нишон дода, қариб буд ҳаётамонро месӯзонданд.

Воқеа ин тавр буд: як бегоҳӣ тахминан соатҳои 5-6 ронандаи мошинаи боркаш, ки дар ихтиёри экипаж ва мо буд, бо як марди 30-35-сола ба назди мо омада гуфт, ки дар кимкадом қишлоқ кӯдакон заҳролуд шудаанду рафта ёрии тиббӣ расондан лозим. Мо ҳам бовар карда ба мошина савор шуда рафтем. Дар нимаи роҳ маълум шуд, ки хабар дурӯғ ва мақсади он палидон дигар чиз будааст. Мо доду фиғон бардоштем, худамонро мекушем гуфта аз мошина айни

ҳаракаташ худро ҳаво доданӣ шудем ва илова кардем: *«Сарнишинон диданд, ки шумо моро гирифта бурдед, акнун ҷазоятонро хоҳед дид»*. Намедонам, ки гуфтаҳои мо сабаб шуд, ё худо ба дилашон раҳм андохту яке ба дигараш гуфт: *«Аз дасти ин девонаҳо ба бало дучор нашавем, биё баргардем»*, ва моро ба ҷои зистамон бе ҳеҷ нуқсон баргардонданд.

Шукри худованди яккаю ягона, ки ҳамаи ин озмоишҳоро ба мо нишон медоду боз худаш роҳи наҷотро мекушод. Таҷрибаомӯзиамон ба охир расиду имтиҳонҳоро супорида ба хона раҳсипор шудем. Бояд қайд кунам, ки он солҳо ҳамин хел мошингардӣ байни пойтахту Бадахшон набуд. Соатҳо ва рӯзҳо дар навбати чиптаи тайёра меистодем, бо як азобу машаққат онро ба каф меовардему боз ҳафтаҳо интизори боду ҳавои муносиб мешудем. Як моҳи таътиламон умдатан ба ҳамин ҳолат мегузашт. Шукри замони истиқлолият, ки ҳоло мо бадахшониҳо ба тайёра он қадар ҳам мӯҳтоҷ нестем. Аз сардори давлатамон ба ҳамин ду корашон сипосгузорам: якум ин ки роҳи мошинагардиро мунтазам кард ва дуюм мавҷҳои телевизиони тоҷикро дар ҳамаи минтақаҳо дастрас кард. Ба ин ду кор дар даврони шӯравӣ ҳеҷ аҳамият намедоданд ва инҳо ҳалношуданӣ ҳисоб меёфтанд. Албатта, аз ҳама асосаш сулҳу амният дар Тоҷикистон барқарор шуд. Аммо ман модари фарзандгумкарда аз он менолам, ки баъди Иҷлосияи 16 уми Шӯро, раиси ҷумҳурамон 4-декабри 1992 ба Душанбе баргашту ҳамон рӯз ҷигаргӯшаи бегуноҳи ману чандин бегуноҳони дигар ба шаҳодат расиданду бедарак шуданд, ки дигар на мурдааш ёфт шуду на зиндааш. Ва ба мисли ман то ҳанӯз чандин модарон чашминтизору ба умеданд.

Инак, ба тайёра чиптагирӣ натавонистему мо як гурӯҳ ҷавонон барои рафтан ба Бадахшон ба мошинаи боркашӣ савор шуда, роҳи Хоруғро пеш гирифтем. Дугонаам Галя ҳам ҳамроҳи мо буд. Дар ин сафар ҳам як ҷавони ҳамшаҳриам ба ман хеле таваҷҷӯҳ зоҳир кард, лекин дар дили ман нисбати ӯ ягон ҳиссиёт набуд. Вақти давом додани таҳсилам, аз вай мактубҳои пай дар пай аз шаҳри Тошканд (ӯ дар он ҷо таҳсил мекард) мегирифтам, аммо ҷавобашро намегардондам. Рӯзе як мактуб гирифтам, ки дар он худашонро бисёр таърифу

тавсиф карда ба ман кӯҳҳои тиллогию зиндагии биҳиштосо ваъда кардааст. Ҳамроҳи Галя нишаста ба ӯ ҷавобе иншо кардем ва хуб шармандаю масхарааш кардем. Баъди ин мукотибааш тамом шуд ва ман хаёл мекардам, ки аз дасташ халос ёфтам. Аммо вай боз баъди чанд вақт пайдо шуду бо ҳамон гапҳояш: *«Агар ба ягон каси дигар ба шавҳар бароӣ, ҳардуятонро мекушам»*. Ҳақиқатан ҳам, ӯ ба хонаам хостгор фиристонд, лекин на волидон ризо буданду на ман. Ҳамин тариқ, ҷавобашро додему гӯё, ки халос шудем.

Солҳои 80-ум, замоне ки дар Хоруғ кор мекардам, дидем, ки ӯ дар бемористон хоб аст ва Ширин – духтури табобатгараш. Як рӯз номашро гирифту ман ёдовараш шудам, ки ҳамин шахс моро куштанӣ буд. Ҳайрон шуда гуфт, ки боварам нест, ки ин кас қотил бошад, айни ҳол ӯ сахт мӯҳтоҷи таваҷҷӯҳ ва ғамхорӣ аст. Ӯ бо русдухтаре издивоҷ карда соҳиби ду фарзанд будааст. Феврали соли 93-ум, вақти ҷустуҷӯ ва кофтани Ҷамшедҷонам, бо занаш дучор шудам. Аз гуфти мардум ин зан низ писарашро гум карда сонӣ ёфта халос кардааст ва шавҳарашро ба Русия гурезондааст. Аҷоиб зани қобил. Ман бо умед наздаш рафтам, то ки ягон маълумот дарёбам, шояд бо кӯмаки ӯ писарамро ёфта тавонам.

Вале сад афсӯс, ки занак тамоман асабӣ буд, маро на дидан хосту на қабул кардан. Ҳолати онвақтаи маро худо медонисту халос. Девонавор мегиристаму худро дар ба дар мезадам. Духтараш аз ҷониби модараш узр хоста гуфт, ки *«Модарам дар ин шабу рӯз, ки бародарам гум буд, ваъзи саломатиашро комилан аз даст додааст...»*

Соли 4-уми хонданамон бештар бо таҷрибаомӯзӣ мегузашт. Моҳи маи 1965 моро ба таҷрибаомӯзии давлатӣ фиристонданд. Ин дафъа ҳамроҳам ҳамкурси шаҳриям Шавкат Бузурукова буд. Моро ба участкаи «Искра»-и ноҳияи Шаҳритус роҳхат доданд. Дугонаам Галяро бошад, бо дигар кас ба ҷои дигар фиристонданд. Ба фикрам, Шаҳритус гармтарин нуқтаи Тоҷикистон аст. Аз сабаби гармӣ беморон ҳам ин ҷо зиёд буданд, хусусан байни кӯдакону наврасон. Бинобар ин даву този мо ҳам бо ташвиш буд.

16-маи соли 1965 – ин рӯзе, ки мумкин гуфтан дубора ба

дунё омадам. Ман ва Шавқати ҳамкурсам аз сабаби бисёр гарм будани обу ҳаво ба лаби дарёи Кофарниҳон рафтем. Афсӯс хӯрдем, ки шиновари наметавонем, аммо Шавкат, ки духтараки муқимии шаҳрӣ буд, аз сирри оббозӣ хабардор будааст. Яке бинам, худро ба об партофта шино кардан гирифт.

Хаёл кардам осон будааст ва ман ҳам ҳамин хел карда метавонам. Худро ба об партофтам, лекин чун шино кардан наметавонистам, даррав ғарқ шудан гирифтам. Шавқат ин ҳолро дида зуд ба наздам шитофт. Ман ӯро маҳкам қапида намемондам, ки ӯ ҳаракате кунад. Ҳар дуямон ғарқ шудан гирифтем. Дуртар аз мо якчанд мард моҳигирӣ мекарданд. Шавқат: «*Ёрӣ диҳед!*» – гуфта фарёд кард. Хайрият, онҳо шунавиданду ба назди мо омада, моро наҷот доданд, рангҳо сап – сафед, худи мурда барин. *«Девона! Ҳозир беҳуда мемурдем»,* – ҷангам кард Шавқат. Ҳақиқатан ҳам девонагӣ. Чаҳор сол хонда ба ҷои мани дипломдор, пеши падару модар мурдаамро мебурданд, чӣ мешуд?! Вой бар ҳоли онҳо! Инро ҳам ман аз лутфу карами худо мебинам, ки кушта дубора ҷонам дод.

Имтиҳонҳои давлатиро бо баҳои хубу аъло супоридам ва азми сафари хона доштам. Чаҳор нафар ҳамкурсҳоям, ки омӯзишгоҳро бо дипломи сурх тамом карда буданд, барои дарёфти роҳхати имтиёзнок, баҳри дохил шудан ба Донишгоҳи тиббӣ, ба Вазорати тандурустӣ рафтанд. Аз вазорат омаданду маро ёфта гуфтанд: *«Хадка (ҳамкурсҳоям ва дугонаҳоям маро ҳамин хел номида муроҷиат мекарданд) номи ту ҳам дар рӯйхати имтиёздорон ҳаст».*

Гарчанде ман бо дипломи сурх омӯзишгоҳро тамом накарда бошам ҳам, шояд, ки кӯшиш ва рафторамро ба назар гирифтаанд. Ҳар чӣ хам бошад, ман ғарқи эҳсосот будам. Бисёр мехостам, ки маълумоти олии духтурӣ гирам, лекин медонистам, ки шароити хона имкон намедиҳаду волидон ва, хусусан, падарам ҳеҷ гоҳ розӣ намешаванд. Амаки меҳрубонам Тоҳир ҳарвақта барин дар Душанбе буд. Вай инро фаҳмида, бисёр хурсанд шуд ва гуфт: *«Бисупор ҳуҷҷатҳоро ба донишгоҳ. Ман ба хона рафта волидонатро розӣ мекунам».* Ман ҳуҷҷатҳоямро супорида, ба имтиҳонҳо

омодагӣ диданро сар кардам. Амакам хона рафтанду баъди як ҳафта телеграмма гирифтам бо ин маъно: *«Дафъатан биё, модарат касали вазнин»*. Телеграммаро духтур Давлатмамадов тасдиқ карда мӯҳр мондааст. Намедонистам, ки маро қисматам ба наздаш чеғ зада истодааст. Ман ба назди декани факултаи педиатрӣ, ки ҳуҷҷатхоямро ба ин факулта супорида будам, рафта телеграммаро нишон додам. Фозил Абдураҳмонович телеграммаро аз назар гузаронида гуфтанд: *«Духтарам, то саршавии имтиҳонҳои қабул ҳоло вақт бисёр, рафта модаратро хабар гирифта биё»*. Ҳуҷҷатҳоямро ба дастам надоданд.

Ҳамин тавр, ман дигар ба даргоҳи Донишгоҳи тиббӣ пас нагаштам. То синни 35-солагӣ ҳанӯз умед доштам, ки албатта ба ин донишгоҳ дохил шуда духтур мешавам, аммо насиб набудааст. Ҳарвақт афсӯс хурда ба падарам мегуфтам, ки шумо монеъи хонданам шудед, ҳаётамро сӯзондед. Худораҳматӣ дар ҷавоб: *«Духтарам, кӣ медонад, ки хонда ҳаёти оилавиат чӣ гуна мебуд? Шукри он кун, ки шавҳари хуб, фарзандони хуб дорӣ»*.

Баҳри ҳар як падару модар бахти накӯи фарзандаш муҳим аст ва ман инро вақте модар шудам, дарк кардам ва тасмимҳои волидонамро дар он вақту шароит маъқул донистам.

Ба хона омада бинам, ки модарам сиҳат ва саломат. Ба ман бардурӯғ телеграмма додаанд. Бечора модарам нақл кард: *«Падарат маро ҷанҷол карда гуфт, ки ин айби ту ӯро хондан мондӣ, 4 сол магар кам буд, ки боз 6-соли дигар хонад. Ба мо боз ягон беобруӣ наёрад»*. Ман бошам қаҳр мекардам, ки дар 14-солагӣ аз онҳо ҷудо шудам, беақл набудаму ҳоло ки қариб 18-сола шудаам ва шисту хезамро ба хубӣ медонам ва дӯстро аз душман фарқ мекунам, магар беақлам?

## ҶАВОНӢ ВА ОҒОЗИ ФАЪОЛИЯТИ МЕҲНАТӢ

Ба идомаи хондан дигар иҷозатам надоданд. Ноилоҷ дар бемористони маркази ноҳия ба кор шӯрӯъ кардам. Солҳои 60-ум буд. Дар ноҳия духтурони маълумоти олидор ва кор-

мандони миёнаи тиб хеле камчин буданд. Ҳамагӣ 5 духтури маълумоти олидор, 5 нафар бародарони шавқат, якто ҳамшираи тиббии утоқи ҷарроҳӣ ва ман ягона момодоя (акушерка). Шӯъбаи занона алоҳида набуда, дар назди бемористони марказӣ фаъолият дошт, шабона якто бародари шавқат навбатчӣ меистоду агар зани ҳомиладор ба зоиш дохил мешуд, маро ҳатман ҷеғ мезаданд ва ман дар навбати худ агар ягон зарурият пайдо мешуд, духтури акушер-гинекологро фарёд мекардам.

Гарчанде таҷрибаомӯзиам вақти хондан ба дараҷаи баланд буду ҳамаи нозукиҳои корро аз худ карда будам, вале дилам доимо дар хавосу таҳлука буд. То ба хубӣ анҷом ёфтани марҳилаи зоиш, хавотир будам. Нисбат ба Ширин нафрат доштам, чунки телеграммаи дурӯғинро тасдиқ карда буд. Ин норизогиамро ба ягона ҳамшираи шавқат, ки синнан аз ман калон буд иброз кардам. Ӯ маро тасаллӣ дода мегуфт: *«Ҳеҷ гап не, ҳоло бубин, ки ҳаётатро бо ӯ мепайвандӣ»*. Ман бо қаҳр ҳамроҳаш ҷанҷол мекардам.

Чун ҳамаи кор дар бемористон ба ҳам вобаста буд, ман ғайри кори асосиам ба дигар корҳо низ ҷалб мешудам; аз ҷумла хона ба хона гашта беморон ва занҳои ҳомиларо ба рӯйхат мегирифтем, сӯзандору мегузаронидем. Сардухтури бемористон акои Аминбек Ғуломносиров, ки дар вақташ ҳуҷҷатҳоямро ба омӯзишгоҳи тиббӣ равона карда буд, бисёр марди наҷибу сарвари доно, масъулиятшиносу серталаб буданд. Вақти сарварии ин кас вазъи ҳифзи сиҳати ноҳия дар вилоят ҷои аввалро ишғол мекард.

Аз сабаби норасидани кормандони миёнаи тиб, дар яке аз рӯзҳои аввали корам баъди шаби бехобии навбатчигӣ маро бо ҳамроҳии Ширин ба деҳаи Намадгут, барои гузаронидани сӯзандору фиристонданд. Ман бовар намекунам, ки сарварамон моро махсус ба ягон мақсад якҷоя фиристонд. Ӯ ин тавр инсон набуд, вале воқеан ҳам кормандони тиб намерасиданду халос. Бояд қайд кард, ки он солҳо мо он қадар парвои пул набудем ва тамоми буду шуд ва ҳастиамонро ба вазифаи баӯҳдагирифта бахшида будем. Аз нуқтаи назари ҳозира, он моҳонаи ночизе, ки мегирифтем, бароямон қаноатбахш буд.

Зиёда даву тозу қап-қап аз паи пул набудем. Солҳои баъдӣ медидам, ки агар коркунонро шаб чеғ мезананд, ё ягон кори ба вазифаи онҳо далх надоштаро фармоянд, онҳо соатҳои кор мекардагиашонро навишта муздашонро мегирифтанд.

Дар Намадгут то бегоҳ коркунони сохтмони канал ва неругоҳи барқиро сӯзандору гузаронидем. Ширин саломатии одамонро муоина мекард, ба ман мефармуд онҳоро сӯзандору кунам. Ҳисоб кардан мумкин, ки аз ҳамин рӯз сар карда ӯ ба ман таваҷҷӯҳ зоҳир кард. Ман ҳам бо дидани ӯ ягон корро дар наздаш иҷро кардан наметавонистам. Дасту поям меларзид. Дилам тез-тез кор карда, гумон мекардам, ки аз қафаси синаам мебарояд. Ин ҳиссиёт якум бор ба ман рӯй дода буду сабабашро намедонистам. Шояд ҳамин ишқ бошад. Ман ҳис мекардам, ки ӯ бо ман гуфтугӯ кардан мехоҳад, лекин ман ба ҳар баҳонае худамро мегурезондаму ҳеҷ бо ӯ танҳо намемондам. Яке аз рӯзҳои октябр бо ҳамроҳии духтури бачагона (педиатр) Людмила Васильевна ба маркази ноҳия барои аз назар гузаронидани кӯдакони ширмак хона ба хона мегаштем. Қарибӣ шӯъбаи алоқа омадем, ки корманди онҳо Садаф маро чеғ зада, ба ман мактуберо супорид, ки кадоме ба номи ман навиштааст. Кушода хондаму дар тааҷҷуб мондам. Ин нома аз ҷавони ношинос-донишҷӯи донишгоҳ, зодаи маркази ноҳия. Ман, ки дар қишлоқамон синфи 7-умро тамом карда хондан рафта будам, одамони зиёди ноҳияро тамоман намешинохтам. Ба кор сар кардаму кам-кам одамонро мешинохтагӣ шудам. Ин ҷавон бошад гӯё маро дар Душанбе дидаасту маъқулаш шудаам ва мехоҳад хостгорҳо фиристонад. Ҳайрон будаму фикр мекардам, ки ин кӣ бошад. Людмила Васильевна ҳоламро дида: *«Ҳа, мактуб аз кӣ ва дар бораи чӣ»* – гӯён пурсӯҷӯ кард. Ман мазмуни мактубро гуфтам, вай ҳам ҳайрон шуд, ки чӣ гуна одами ношинос ҷуръат карда хат менависад. Аз пушти идомаи кор мактубро фаромӯш кардем. Людмила Васильевна дар яке аз ҳуҷраҳои бемористон бо ҳамроҳии модараш, ки ҳамшираи хоҷагидор буд, истиқомат мекарданд.

Шаб ман навбатчӣ будам. Дар утоқи кориам нишаста фармоишҳои духтуронро аз таърихномаи бемории ба варақаи

фармоиш менавиштам. Тахминан соатҳои 8-30 ба утоқ акаи Шамсидин-фельдшери санитарӣ, ки ҳамроҳи Ширин дар якҷо мезистанд, сӯруди «ширин-ширин, ширинтари аз ҷони ширин»-ро замзама карда даромаду ба ман мактубчаеро дароз кард. Ман онро нагирифтам. Вай бошад бо қаҳр: *«Гир хону ҷавобашро тез навис»* – гуфта мактубро ба зӯр ба ман дод. Ман аллакай сарфаҳм шудам, ки ин мактуб аз кист. Ширин дар мактуб навишта буд: *«Бисёр хостам, ки бо ту рӯбарӯ гап занам, лекин ту фақат мегурезию имкони сухан намедиҳӣ. Ман шӯхӣ намекунам, ман одами ҷиддӣ ҳастам ва мехоҳам ки ту ҳамсафари ҳаётам бошӣ».* Албатта даррав ҷавобро нанавиштам, ба акои Шамсидин гуфтам, то пагоҳ фикр мекунам. Бисёр хавотир будам, ҳар дам оҳ мекашидам. Людмила Васильевна, ки дар наздам буд пурсид:

– Ба ту чӣ гап, чаро ин қадар дар изтиробӣ? Ё барои ҳамон мактуби ҷавони ношинос ин қадар фикр мекунӣ?

– Эй Людмила Васильевнаи азиз! Он мактубро ман кайҳо фаромӯш кардам. Гап дар сари мактубчаи дигар!

Пурсид:

– Аз кӣ? Ягон коркуни мо?

Ман бо тасдиқ сар ҷунбондам. Чун мактуб ба забони русӣ навишта шуда буд, номи Ширинро хат задаму додам ба ӯ, то ки бихонад. Вай ҳамаи коркунони муҷаррадро номбар мекарду ман не мегуфтам.

– Охир кӣ?

Дар бораи Ширин ҳеҷ гумонбар набуд, вақте гуфтам, бисёр ҳам дар тааҷҷуб монд:

– Наход, ки ӯ ҳам ба мухаббат вақт доштааст, ин ба ӯ монанд не, – гуфт Людмила Васильевна.

Ҳақиқатан ҳам Ширинҷон беҳад сарсупоридаи касбу корашон буданд, нисбати ҳамкасбон ва мо кормандони миёнаи тиб хеле серталаб буд. Бемореро, ки ҷарроҳӣ мекард, то хуб шудану ба по хестанаш шабу рӯз дар паҳлуяш буд. Чуноне ки пеш қайд кардам, аз сабаби кам будани коркунони соҳаи тиб, духтурон ба ғайри вазифаи касбии худ, ба кӯдакон, ба касалони дарди даруна ва занони ҳомилае, ки зоишашон вазнин мегузашт, низ ёрдами тиббии худро мерасонданд.

## ИШҚУ МУҲАББАТ

Рӯзи дигар акои Шамсидин боз омад наздам барои ҷавоб. Ҷавобам ин буд: *«Агар падару модарам розӣ шаванд, ман розӣ»*. Ҳамин тавр якҷо кор карда мукотибаи хаттӣ байни мо сар шуду худораҳматӣ акои Шамсидин байнамон алоқачии хаткаш. Он кас баъд ба хонаашон, ноҳияи Ванҷ баргаштанд. Мо ӯро ба туямон даъват кардем, омад, чунки аввалин хиштгузори дӯстии мо буд.

Мо мукотиба доштему ба хонаамон хостгорҳо аз тарафи хешовандони дуру наздик меомаданд. Ба хаёлам қариб аз 8 то 10 кас омаданд. Умуман, ман аз таҷрибаи ҳаётам озмудаам: духтарина як маврид дорад, ки ҳама маъқулаш мекунанду хостгорҳо дарашро мекӯбанд. Ин маврид як-ду-сол, аз синни 18 то 20-22 давом меёбад. Аз ин ки гузашт тамом, пирдухтар мемонад. Бисёр касонро мешиносам, ки нозу нуз карда ин мавридро аз даст додаанд. Ба хаёли онҳо ҷавонию хушрӯгӣ охир надорад, аммо афсӯс... Чеҳраашон ожанг пайдо карда бошад ҳам, шаҳзодаи худро савори аспи сафед интизоранд.

Албатта, Ширин ҳам аз теъдоди хостгорҳои зиёд хабар ёфта зудакак хостгорҳои худро фиристонд. Чун ба модарам ҳамаи рози диламро мегуфтам, аз интихобам бохабар буд. Модарҷони сиёсатмадорам ба падарам маслиҳатомез сухан мекунад: *«Мардак агар ба яке аз хешовандонат духтарро фотеҳа кунем, дигараш хафа мешавад. Биё, ки ба ҳамин бегона (яъне Ширин) ризо шавем»*. Дар вақти ҷавониҳои мо албатта розигии амакҳо, акаи калонро мепурсиданд. Ҷавобгари хостгории ман бар дӯши амакҷонам Тоҳир буд. Лекин аз сабаби он, ки волидонам монеъи хонданам шуданд, ӯ бо хонаводаамон қаҳрӣ буд. Бояд қайд кунам, ки то соли 1964 мо бо оилаи амакам якҷоя дар хонаи бобогӣ зиндагӣ мекардем. Баъди тамом кардани омӯзишгоҳи касбӣ – техникии дар Хоруғ акаам Қурбонбек бо ҳамроҳии падарам алоҳида хона сохтанд. Акаам устои чӯбтарош ва хеле ҳам устои моҳир буд.

Худораҳматӣ амакам Тоҳир гуфт: *«Маро дар он лаҳзае, ки духтар бояд мехонд, напурсидед, ҳозир бошад барои*

*шавҳаркуниаш мепурсед».*

Сарвари бемористон акои Аминбек дӯсти амакам буданду Ширин писари аммаашон. Вай ба назди амакам рафта гуфтугӯ карда ӯро розӣ кунондааст. Як рӯзи муқаррар кардагӣ хостгорҳо омаданд. Хешу табори падарӣ, амакҳо, писарамакҳои падарам ҷамъ шуданд. Бо урфу одати бадахшониҳо ҳама розигиашонро баён карда, як нафар хеста бӯи хуш дар болои алов партофту ҳамзамон халифа дуои фотеҳа хонд. Бӯи хушро аз гиёҳҳои араќи расул (гӯё араќи Пайғомбари худо) ва ҳазориспанд бо равған омехта тайёр мекунанд ва дар маросими тӯю маърака истифода мебаранд. Ин ҷо ҳам амакам Тоҳир ягон касро зиёдтар гап задан намонда, бӯи хушро худаш андохт. Ман дар ганҷина дам ба дарун шишта будам ва андаке садоҳо ба гӯшам меомад. Акаам Қурбонбек ба наздам даромаду гуфт: *«Ҳамааш ба хубӣ анҷом ёфт»*. Шукри худо гуфта оҳи сабук кашидам. Чуноне, ки дар боло қайд карда будам, оилаи якуми акаам даргузашта буданд, ҳоло бошад ба ӯ ҳам хостгорӣ кардаанду бояд аввал тӯи ӯ гузараду баъд аз ман.

Ҳамин хел баъди фотеҳа ҳам ба кор мерафтам, навбатчигӣ мекардам ва Ширинро ҳар рӯз медидам, чунки ин марбути кори мо буд. Аммо аз нуқтаи назари урфу одат мо бояд ҳамдигарро набинем. Бинобар ин бо дидани ӯ ман худамро пинҳон мекардам. То рӯзи тӯй фаро нарасад-ҳамин гуна ҳолат. Охир чӣ хел ман вазифаи кориамонро, ки бо ҳам зич пайваста аст, яксӯ монда, беморро бе ёрии тиббӣ монда худамро пинҳон кунам.

Ба фикрам, баъзе урфу одатҳоро гӯё барои бекорӣ баровардаанд.

## ВОҚЕАҲОЕ, КИ ЗИМНИ ФОТЕҲААМ РУХ ДОДАНД

Иди 7-уми ноябр (ҷашни ғалабаи инқилоби Октябр) буд. Ин ҷашн он солҳо хеле бодабдаба қайд мешуд. Ман дар беморхона навбатчӣ, ва иттифоқан беморон кам буданд. Барои ҳамин зуд ҳамаи фармоишҳои духтуронро анҷом додам.

Коллективамонро Ширин ба хонааш даъват карда буд. Ин хонаро дар вақти муҷаррадиаш ба ӯ дода буданд, ки баъдан якумин хонаи оилаи мо шуд. Хушбахтии модариро ҳамин ҷо чашида бисёр хурсандона зиндагӣ кардем, гарчанде бештари вақтамон дар бемористон мегузашт. Шишта менавиштам, ки телефон занг зад. Сардухтурамон-акои Аминбек маро пурсиданд, ки: *«Дар бемористон вазъият чӣ хел, ҳама тинҷӣ аст, оё фармоишҳоро ба ҷо овардаам ё не?»* Ман бо тасдиқ ҷавоб додам. – *«Набошад биё ба шабнишинӣ»,* – даъват кард вай. Ман баҳона карда, не гуфтам. Он кас бо қаҳр гуфтанд: *«Чӣ, ту гапи аз худ калонро гуш намекунӣ? Ман роҳбарат астам, агар мур гӯям, ту бояд бимирӣ»*. Чун хона ба бемористон наздик буд, ноилоҷ раҳсипор шудам. Бисёр хиҷолат мекашидам, охир ман аллакай ба Ширин номзад будам, кормандони шифохона чӣ мегӯянд, айб аст. Худамро хоидаю суп-сурх шуда, вориди хона шудам. Ҳама дар гирди мизи идона шишта буданд. Людмила Васильевна ва модараш ҷоро холӣ карда маро дар паҳлуи Ширин шинонданд ва гуфтанд: *«Ну Ширин ухаживай за невестой!»*. Замин намекафид, ки маро фурӯ барад. Шармандагӣ! Бародарони шавқат (якеаш ҳамдеҳаам буд) сӯям бад-бад нигоҳ мекарданд. Агар ба гӯши акаам Қурбонбек расад, маро мекушад, вай бисёр ҳам бадҷаҳл буд. Тарсидаю ларзида нимсоатак шиштаму хеста ба корам давидам. Баъди чанд вақт бинам Ширин ҳам омад. *«Барои чӣ ин кадар тез рафтӣ?»*-пурсид ӯ. Ман ба ӯ ҷуръати гап заданам надоштам. Умуман солҳои аввали ҳаёти якҷояамон нисбати шавҳарам безаҳра будаму оҳиста-оҳиста гапзан шудам, бахусус баъди таваллуди нахустфарзанд.

Дар утоқи корӣ ҳарду танҳо будем. Ӯ таърихи беморони худро аз назар мегузаронд, ман китоби фармоишҳоро пур мекардам. Ногоҳ дар кушода шуду акаам Қурбонбек даромад. Азбаски рӯзи ид буд, ӯ ба ман ким-чи хурданӣ оварда буд. Аз қиёфааш маълум буд, ки ба ӯ якҷо будани мо нафорид, аммо шукри худо, ки худро ба даст гирифта тавонист, ким-чӣ пиччирос заду тезакак баромада рафт. Ман дар ҷоям шах шуда будам, на орои ханда доштам, на гиря. Ба Ширин гуфтам, ки акаам акнун дар хона ҷазоямро медиҳад. – *Барои*

*чӣ? Мо ку ягон кори бад накардем?* – тааҷҷубомез гуфт вай. Ҳақиқатан ҳам акаам ба хона рафта хеле мағал бардоштааст. Бечора модарам тарафи маро гирифта гуфтаст, ки ин чӣ гап, ки ҳамаи гапу калоча ба сари ӯ, ҳар чӣ шавад, айбдор ӯ. Акаам бо қаҳру ғазаб гуфтааст, ки: «*Аввал тӯи духтарро гузаронед, ӯ моро шарманда мекунад, чунки бо домодшаванда якҷо мебошанд»*. Пагоҳ хона омадам, бечора модарам ҳамаи инро ба ман гуфта дод. Ба ростӣ, ки қаҳрам омад. Гуфтам, ба акоам фаҳмонед, ки шармандакун мебудам дар 4-соли хонданам мекардам, чунки айни беақлиам буд, ҳоло каму беш дасти ростро аз чап фарқ мекунам, асло шармандаатон намекунам. Домод ҳам беақл не, ҳаргиз ба бешармию беобругӣ даст намезанад. Модарам баъди гапҳоям хушҳол гардида, маро тасаллӣ дод. Албатта рӯзҳои навбатдориам Ширин ба наздам меомад. Мо дар ҳар хусус сӯҳбат мекардем, нақшаҳо мекашидем, бештар ӯ гап мезад, ман фақат бо ишораи тасдиқ ҷавоб медодам. Зиёда аз ин, нисбати ман, аз тарафи ӯ ягон ҳаракати беҷою, сухани беҷо набуд. Ӯ аз ин боло буд ва ман барои ин муомилааш бисёр ҳам миннатдор будам. Ӯ хуб медонист, ки ба мардум фақат асос деҳ, баъд сар мешавад гапу гапча, пичир-пичиру ғайбат. Ӯ худро чунон водор мекард, ки гӯё маро тамоман намешиносад. Дар ҷамъомади 5-дақиқаи ҳарпагоҳина маро хезонда саволборонам мекард. Агар ягон фармоишеро иҷро накарда бошам, басо ҷангам мекард. Худоё ин қадар бадқаҳр, ингуна одам қатӣ чӣ хел зиндагӣ мекунам, мегуфтам дар дилам. Лекин вақти рӯбарӯ омадан бо вай ва ё танҳо мондан бо ӯ ҷуръати пурсидан надоштам. Вале баъди хонадоршавиамон худоро ҳазорон бор шукргузор будам аз он, ки дар ҳаёти оилавӣ ӯ тамоман дигар буд. Фақат бо лутфи хушу меҳри беандоза нисбати ману хешутаборам ва умуман нисбати ҳама рафтор мекард. *«Кор кору хона – хона»* – мегуфт ӯ. Вале боз ҳам дар хона мо бисёртар масъалаҳои корамонро ҳал мекардем. Дар ин бобат, яъне вазифаи касбиамон ҳамдигарфаҳм будем. Аз баландии таҷрибаи ҳаётам ба ҳамин хулоса омадам: зану шавҳар бояд ҳамкасб бошанд, то ки ба дарду ғами якдигар шарик бошанд, шодию муваффақияташонро бо ҳам бинанд. Як воқеаи дигар ба хо-

тирам омад. Ҳанӯз дар фотеҳа будем. Шабе маро ба хонаи ҳамсоя чеғ заданд. Ҳамсоязане, ки ҳомиладории 24 хафтаина дошт, ногаҳон дучори хунравӣ шуд. Тавре ман мефаҳмидам исқот (аборт) барои барои ҳаёти модар хатарнок буд. Ман мошинаи ёрии таъҷилиро чеғ задаму ӯро ба бемористон бурдам. Духтури акушер-гинекологамон дар рухсатии меҳнатӣ буд. Бе дахолати духтури калони таҷрибадор, бароям танҳо мубориаз бурдан бо марг рӯбарӯ шудани зан амри маҳол буд. Одатан дар ин мавридҳо мо духтурони ҷарроҳро ба ёрӣ чеғ мезанем. Ҳар вақт, ки саломатии зан-модар дар хатар бошад, ҳамаи духтурон дар такудав шуда ба расондани ёрии амалии худ омода мешаванд. Он шаб ман барои Ширин одам фиристондам, лекин ӯ – *«Ман гинеколог нестам»* – гуфта омадан нахостааст. Қаҳрам омаду худам рафтам. (Ман ҳам вақти зарурӣ қаҳру ғазаб доштам). Хулоса ӯ омад. Якҷоя ба бемор хун гузаронда, амалҳои даркориро ба ҷо овардему ӯро наҷот додем.

Воқеаи дигар. Зани ҷавони-35-сола тахминан соатҳои даҳ, даҳуними шаб дар хона таваллуд карда ба мушкилоти зиёде дучор шудааст. Духтурро чеғ назадаанд. Ҳамрояки ҷанин то пагоҳ наафтида хунравии зиёде шудааст. Баъди тамоман беҳолу бемадор шуданаш, наздиконаш моро соатҳои ёздаҳуними рӯзи дигар чеғ заданд. Аммо аллакай дер шуда буд. Ба бемор хун гузаронида, ҳамроякро аз бачадон тоза карда баровардем, вале ҳамааш бенатиҷа, волидаро наҷот дода натавонистем. Бисёриҳо ҳанӯз ҳам инро намедонистанд, ки вақти ба дунё овардани тифл, як пои модар дар он дунёю як пояш дар ин. Баъди ин гуна воқеаҳои нохуш мо хеле рӯҳафтода мешудем...

10-ноябри соли 1965 тӯи акаам Қурбонбек баргузор шуд. Моҳи дигар, 5-уми декабри ҳамон сол, тӯи мо. Бояд қайд кунам, ки ин якум тӯи хонаводаи Ширин буд, ки дар деҳаи Мулвоҷ мегузашт. То соли 1964 ҳамаи тӯйҳояшон дар деҳаи хурдакаки Авҷ гузашт. Аз сабаби кам будани хоҷагӣ дар Авҷ, набудани мактаб, хоҷагиҳоро маҷбуран ба Мулвоҷ кӯҷонданд.

Тӯй – аҷоиб лаҳзаи нотакрори ҳаёт, ки як бор ба вуқӯъ

меояду то охири умр хотирмон мемонад. Бо расму русуми ишкошимӣ (дар дигар минтақаҳои Бадахшон ин вуҷуд надорад) орусро дар дигар хона (амак, писари амак, ягон хеши дигар) тӯй дода ороиш медиҳанду сару либоси қимматбаҳо тӯҳфа мекунанд. Мӯйҳояшро шустушӯ карда, махсус мебофанд. Ин маросимро *саршӯён* мегӯянд. Домод-шаҳро низ ҳамин амал интизор аст, фақат онро *сартарошон* меноманд. Баъд орусро ба хонаи падар бурда он ҷо тӯи калон барпо мешавад. Рӯзи дигараш шаҳ барои орус меояд. Он солҳо вақти тӯи мо, домод шабро дар хонаи орус мегузаронду пагоҳаш гирифта ӯро мебурд. Ҳоло ин расм аз байн рафтааст ва бисёр ҳам хуб шудааст. Зани хонаводае, ки дар он саршӯён гузашт, орӯсро ба хонаи шавҳар ҳамроҳӣ мекунаду ӯро *пасорус* меноманд. Боз ягон хешбачаи дигар ҳамроҳи орус меравад ва ӯро *ҷилавгир* меноманд. Вақти қадим орусро савораи асп мебурданду ягон кас ҷилави аспро мегирифт. Ҳозир орусонро бо мошинаҳои хориҷӣ мебаранду ҷилавгир ҳамоно вуҷуд дорад. Ҳамин тавр, Ширин шоҳ шуда, 4-уми декабри соли 1965 омад барои ман. Санаи 5-ум маро ба хонаи падараш, ба Мулвоҷ бурд. Никоҳи мусулмониро одатан дар хонаи орус мегузаронанд. Дар даврони шуравӣ, ҳамаи расму русуми диниро пинҳонӣ мегузаронданд, то ки аз тарафи ҳукуматдорон таъқиб нашаванд. Акои Шердил (худораҳматӣ – бародари шавҳарам) аъзои ҳизби коммунистӣ буданд. Барои ҳамин никоҳи моро ҳам пинҳонӣ гузаронданд. Аз хондагиҳоям медонистам, ки вақте ки давлати шӯравӣ ба қудрат омад, гап дар бораи он буд, ки дин аз давлат ҷудо бошад. Аммо ин ҳама аз нофаҳмиҳои роҳбарони сиёсии давлат буд, ки диндорон ва расму оини диндориро таъқиб мекарданд. Ман аз падараму хушдоманам фақат таърифи ҳокимияти шуравиро мешунидам. Бобоёнамон ҳам аз давлати шӯро розӣ буданд. Мегуфтанд: *«советӣ адолатпарвару парастори ятимону бенавоён»*. Ҳақиқатан ҳам ҳамин тавр буд. Агар шӯравӣ намебуд, мо кучову хондан куҷо, бе пулу пайса хона медоданд, дар бемористонхо бе пул табобат мекарданд, хӯрок медоданд, барои беморҳо либос медоданд. Ҳозир бошад агар дар беморхона хоб равӣ либос аз худат, дорую воситаҳои

доругузаронӣ аз худат. Ҳамшираи тиббӣ ба ҳуҷраи бемор медарояду ҳар кӣ халтаашро бо дорувориаш мебарорад. Ин чӣ гап? Ба ман ҳамин хел воситаи хизматрасонӣ ҳеҷ маъқул нест. Агар шуду шаб касе аз беморон вазнин шавад, барои ёрии аввалинаш ягон чиз дар бемористон нест, фақат хешу табори бемор таку дав карда аз ҳарҷо ва ба ҳар нархе ва доруҳои номаълум пайдо мекунанд. Вақте ки мо кор мекардем, ин тавр набуд ва ба ман ин бисёр аламовар аст. Ҳарзамон ҳаминро мегӯям, ки агар давлати шӯравӣ аз ноӯҳдабароии президенти баднишони шумпоиқадам Горбачёв пош намехӯрд, дар ҷумҳурии мо ҷанги бародаркуш намешуду ҷигарбанди бегуноҳам беному нишон ва саргум намешуд. Ҳаминро ҳам яқин медонам, ки гуноҳкорон бо молу мулк, бо мошинахо гурехтанду бегуноҳҳоро таъқиб карда куштанд...

5-уми декабри соли 1965 маро орус ба хонаи падару модари Ширин оварданд. Хонаи калони бадахшонӣ. Оилаи калон, иборат аз 14 ё 15 кас. Акаи калон – Шердил бо аҳли оилааш иборат аз дувоздаҳ нафар, акои Акимбек бо се нафар ва хусуру хушдоманам. Баъди як ду-се соли дигар ба акои Акимбек хона сохтанду онҳо ҷудо шуданд. Раҳматӣ хусурам бо писари калонашон монданду хушдоманам ҳамроҳи писари майдаашон-акои Акимбек. Ман фикр мекардам, ки ин бисёр нодуруст буд. Бояд ки пиру кампир то охири умр якҷоя бошанд. Акои калони Ширин – акаи Бодурбек буду вай барвақттар хонаю дар сохта, алоҳида зиндагӣ мекарданд. Маскани мо аввал дар маркази ноҳия буду сипас дар шаҳри Хоруғ.

Аз 5-ум то 11-уми декабр мо дар тахти орусӣ фақат шишта будем. Рӯзи дуюм ҳамаи занони қишлоқ орӯсбинон омаданд. Як чиз фаромӯш кардам: вақте ки орӯсро ба хонаи шавҳар мебиёранд, яке аз дӯстони шоҳ (ин масъаларо пешакӣ ҳал мекунанд) пардаи ҳарирeро, ки дар рӯи орус аст, боло мекунад, яъне рӯяшро мекушояд минбаъд *падархонди* орӯс ҳисоб мешавад. Ин расм дар дигар минтақаҳои Бадахшон низ вуҷуд дорад. Падархонди ман як ҷавони бомаърифат, марди наҷиб, ки баъдтар ваю занаш – модархондамро ҳамчун волидони

ҳаққонӣ дӯст доштам. Ҳардуяш муаллим буданд. Падархондам Бодурбек Амирбеков баъдан солҳои зиёд ба ҳайси мудири шӯъбаи маорифи ноҳия кор карданд. Аммо марги нобаҳангом ин ҷавонмарди бохирадро аз байни ёру дӯстон рабуд. Завҷаи меҳрубонашон ҳам дар ҳасрати ӯ обу адо шуда баъди чанде даргузаштанд.

Ёдатон ба хайр, ҷойҳоятон ҷаннат бод, падархонд ва модархонди азиз!

Рӯзи 11-уми декабр – рӯзи *тахтҷамъкунӣ*. Дар ин маросим наздикони Ширин, волидони ман ва падархонду модархондамон даъват мешаванд. То омадани онҳо арӯс сар шуста, либоси нав ба бар мекунад ва зери назорати хушдоман хамир мекунад. Баъди омадани меҳмонон дастархон кушода хӯрок мехӯранд. Дар анҷоми ин маросим хушдоманам дар алов бӯи хуш андохта, 5-сутуни хонаро орд пошид ва пардаеро, ки таи ин чанд рӯз ҷои шишту хобамонро маҳкам мекард, гирифт. Онро бо дигар тӯҳфаҳо ба падархонд медиҳанд. Онҳо ҳам албатта тӯҳфа оварда буданд. Волидонам як сару тан оварда, тӯҳфа мегиранд (инро ҷои мо *пойтахс* меноманд). Ҳозир ин маросими тахтҷамъкунӣ тамоман дигаргун шудааст. Инро ҳам чун як тӯи бодабдабаю худнамоишдиҳӣ мегузаронанд. Умуман, аз мушоҳидаам мебинам, ки ҳозир ба волидон тӯи орусии фарзандонашон бисёр ҳам гарон меафтад, чунки орусон серталаб: гарнитураи хоб бошад, гарнитураи ошхона бошад, қолину палосу курпаю курпачааш беҳисоб. Кӯтоҳ карда гӯям, бояд бо ҳамаи лавозимоти худаш ба хонаи шавҳараш равад. Ба фикрам, ин тамоман нодуруст аст. Асосаш, бахти неки духтар, ки ин дар муҳаббат ва ҳамдигарфаҳмии тарафайн ва дигар нозукиҳои ҳаёти якҷоя дида мешавад. Молу мулк бошад – ин як чирки даст. Бисёр дидаам, ки одамон тӯи бодабдаба гузаронида, молу мулки зиёде ҷамъ карда, баъди чанде навхонадорон ҷудо мешаванд.

Вақти орусии худамро бо орусони ҳозирзамон муқоиса карда, фарқи замину осмонро мебинам. Ман парвои чизе надоштам, ҳеҷ колае аҷоибиам намекард. Аз даҳто куртае, ки бо худ доштам, яктоаш фақат атлас буд, дигаронаш – читу сатину крепсатин. Ягона куртаи қиматбаҳоям – атласро,

хушдоманам ба пасорусам пойтахс (тӯҳфа) доданд. Куртаҳои дигарро низ тибқи расму русум ба ҳар кӣ тӯҳфа кардам ва дар бисоти ман танҳо чор курта боқӣ монд. Аммо ман на дар ғами курта будаму на ғами латта, шояд беақлак будаам. Шукр мегӯям, ки фарзандонамон ҳам чиздӯст нестанд. Духтарҳоямонро тӯй кардем мувофиқи шароитамон, онҳо ҳам ягон шарт намонда, чизҳои гаронбаҳо наталабида хости дили моро карданд ва илоҳо барака ёбанд.

Бо ҳамин тӯямон тамом шуду мо ба ноҳия ба хонаи зистамон баргашта, ба кору бори ҳаёти оилавию, меҳнатӣ шурӯъ кардем. Ман ҳазорон бор аз худою қисматам розӣ ҳастам, ки маро бо чунин шахс дучор карду қисматамонро бо ҳам пайваст. Дар тӯли ҳаёти якҷояамон ҳардуямон бисёр мушкилиҳо ва сахтиҳо дидем: бармаҳал аз дунё рафтани модарам, бародарони вай, бародарони ман ва тири сӯзон ба ҷигари ҳардуямон – ин беному нишон бедарак шудани нахустфарзандамон, ҷону ҷигарамон – Ҷамшед. Ҳамеша шукри худо мекунем, ки ягона духтараш, ки вақти бедарак шуданаш расо якмоҳа буд, аз ӯ нишона мондааст. Ин духтарак дар бораи падараш аз мо, аз модараш аз навиштаҷоти падараш медонад. Аз синни 5-солагӣ сар карда, набераамон ҳар тобистон ба қишлоқ омада (нахуст бо модараш, ҳозир худаш) ҳамроҳамон ҳамаи кори қишлокро иҷро мекунад, дар бораи падараш пурсӯҷӯ мекунад ва мо шукрати онро мекунем, ки Зеварҷон нишонаи ёдгории писарамон Ҷамшедҷон аст. Аз сунорамон (келин) Гулрӯ сипосгузорем, ки ба ёду хотири ӯ вафодор шуда, қисматашро дигар бо ягон кас напайваста, ягона фарзандашро, нишонаашро тарбия мекунаду бо мо алоқаи зич дошта, ба ҳама ғамхорӣ мекунад.

Ҳамин тариқ, киштии ҳаёти оилавиамон ба маҷрои худ равон шуд. Чуноне ки қайд кардам, бештари вақтамон дар бемористон мегузашт. Дар ин ҷо бо ҳамшираи тиббӣ – Валентина Яковлева, ки оилаи низомӣ буду як писарча дошт, шинос шуда дӯст шудем. Ӯ ҳам ба наздикӣ ба кор омада буд. Азбаски хонаамон дар наздикии бемористон буд, ман барои тайёр кардани хӯроки нисфирӯзӣ хона меомадам. Он вақт қувваи барқ набуд ва мо керогаз гуфтанӣ асбобро истифода

мебурдем. Вақти хӯрокхӯрӣ хонаи мо мисли як ошхонаи ҷамъиятӣ буд. Хешу табори ману Ширин ва ҳамдеҳагонаш меомаданд. Ман на ин ки хешу табори Ширинро, балки тамоми мулвоҷиёнро дӯст медоштам, ҳамагонро ҳурмату эҳтиром мекардам. Ин аз сабаби беандоза дӯст доштани Ширин. Вақте Ширин дар Душанбе дар курси дусолаи курси такмили ихтисос (ординатура) мехонд, дар он шаҳр иҷоранишин будем. Хонаамон пури равуои одам буд, албатта, бештарашон – донишҷӯён. Ба соҳиби хона ин нафориду аз мо илтимос кард, ки дар ҷустуҷӯи манзили нав шавем. Чӣ илоҷ! Расми бо бадахшониён ҳамин хел: якто ба хеш, даҳто ба ӯ. Соҳиби хонаи дигар пиразани рус буд, ки вай ҳам ҳамин аҳвол дошт. Як рӯз Ширинро наздаш хонду гуфт: *«Мамедович хонаамро харед, ман ба шумо арзонакак медиҳам»*. Он замон мо 2,5-ҳазор пули советӣ ва фикри хонахариро аз куҷо доштем. Вақто Ширин гуфт, ки мо пул надорем, базӯр худамона сер карда истодаем, иҷорапулӣ медиҳем. Пиразан – *«ин қадар одамҳо пешатон меоянд»* – гуфту ҳайрон монд. Бечора занак фикр мекардааст, ки ҳамаи меомадагиҳо ба мо пул медиҳанд.

Зиёда аз 20-соле, ки дар Хоруғ истиқомат доштем, аҳвол ҳамин буд. Мо фақат дар хизмати хешу қавму ҳамдеҳагонамон будем. Касал шуда меомаданду мо қатишон саргардон. Миннат нашавад, тавре қайд карда будам, барои Ширинҷон шуда ҳамаашонро иззату эҳтиром мекардам. Аммо вақте ки мо соли 1992 ба қишлоқ омадем, соле, ки мо ҷигарбандамонро гум кардем, соле, ки эҳтиёҷманди тасаллӣ будем, ба ғайри акои Акимбек (додари Ширин), писарамакҳои Ширин: акои Рашид ва Шакар, дигар ягонтоашон дарамонро накӯшоду напурсид чӣ ҳол доред? Ин гуна муносибат бисёр ҳам аламовар буд. Албатта, дар ин ҷо ҳам рафту омади дӯстон кам нест, шукри худо. Одам бо одам зинда асту *«шинанда барои раванда»* – ҳамин хел мегуфтанд волидонамон.

Қисми низомӣ, ки дугонаам Валя он ҷо иқомат дошт, аз бемористон дур буд, ӯро ҳам базӯр хӯрокхӯрӣ мебурдам. Ҳеч гоҳ бо дасти холӣ намеомад, чун ин хоси миллаташон буд.

Бисёр ҳам дар тааҷҷуб мекард, ки чӣ хел ҳар рӯз аз ӯҳдаи меҳмонҳо мебароям. Мегуфт: *«Дилам ба ту месӯзад, медавӣ кору медавӣ хона, охираш аз по мемони»*. Вале ман ҷавон будаму мондагиро ҳис намекардам.

Баъди чанд моҳе ҳис кардам, ки модар мешавам ва дугонаам Валя маслиҳатгарам буд. Ӯ ба ман куртачаҳо барои навзод бурида нишон доду ман бо тамоми шавқу муҳаббат онҳоро духта гулдузӣ мекардам. Мо интизори духтарча будем. Он вақтҳо ташхиси ультрасадо набуд. Моҳи 8-уми ҳомиладорӣ рафтем Душанбе. Худораҳматӣ бародарам Гулбек бисёр ҳам шӯх буд. Ҳанӯз синфи 6-ум буд, ки аз болои хар афтида дасташро шикаста буд. Ӯро барои ҷарроҳӣ Душанбе бурдем. Ҳамагӣ даҳ рӯз истодем. Вақти гаштан ба хона тӯҳфаҳо харидан лозим буд. Мехоҳам беҷуръатиамро ҳамин ҷо инъикос намоям. Ман барои хушдоманам сарупо харидаму интизор будам, ки Ширин мегӯяд, ки ба модари худат ҳам хар, аммо ӯ нагуфту ман ҳам ҷуръат накардам. Ҳамин доғ дар дилам якумр монду азобам медиҳад. Мани беақл гумон мекардам, ки модарам ҳоло ҷавону хизматашро мекунам, вале сад афсӯс...ҳозир аз таҷрибаи умри якҷоя бо Ширин хулоса баровардам, ки ӯ хасис нест, моҳонаашро ба ман медоду ҳамаи камукости зиндагӣ, дӯстию душманӣ ба гардани ман буд. Ҳеч гоҳ намепурсид: куҷо кардӣ, чӣ гирифтӣ? Ман ҳам сазовори бовариаш будаму ягон корро бе маслиҳати ӯ намекардам ва то ҳоло ин давом дорад. Аммо беҷуръатии ҳамонвақтаро ба худам ҳеҷ гоҳ намебахшам, чунки фаҳмидам, мардҳо инро дарк намекунанд, гӯем каме бепарво ҳам мешаванд дар баъзе масъалаҳои рӯзгор.

Аз Душанбе омадем ба пеши волидони Ширин ба Авҷ. Акои Шердил ин ҷо деҳқон буд. Хусуру хушдоманам ва апаи Гулбегим (завҷаи акаи Акимбек) корҳои вобастаи деҳқониро мекарданд. Мо ҳам чанд рӯз наздашон истода ба қадри имкон ёрдам кардем.

Шаби дуюми сентябр бисёр ҳам нооромhобидам, ба фикрам аз ман дарди таваллудкунӣ сар шуд. Пагоҳаш ба Ширин гуфтам, ки рафтан даркор ба хонаамон, нашавад, ки касал шавам. Ин ҷо на воситаи алоқаю на мошин. Рости гап бисёр

ҳам метарсидам, умуман ман тарсончак будам. Тарсидам аз шаби аввали заноշӯӣ, ҳозир боз метарсам аз таваллудкунӣ. Мумкин ҳамаи занону духтарон ҳамин хел бошанд, вале ман гумон мекунам, ки танҳо ман ҳамин хелам ва доимо дар тааҷҷубам, ки чӣ хел баъзе духтарҳо бе тӯю бениkoҳ ҳомила мешаванду таваллуд мекунанд. Чӣ гуна онҳо метавонанд дар ким-куҷо, пинҳонӣ ҳамаи инро аз сар гузаронанд. Охир кайфияти зиндагонӣ ва асрори заношӯӣ ба фикрам дар он аст, ки ҳамааш ба расму русуму дину оин вобаста. Инчунин ба занону мардоне, ки хиёнат нисбати ҳамдигар мекунанд, нафрат мехонам. Тассавур кардан наметавонам, чӣ хел марди хонаатро, ҳаққи ҳалолатро хиёнат кунию бо дигаре ишқварзӣ кунӣ. Ин даҳшат аст! Ва Худованди Олам ҳарвақт бошад ҷазояшро медиҳад, хоҳ дер, хоҳ тез, ҳеҷ чиз бе ҷавоб намемонад.

2-сентябр бо розигии хушдоманам рафтем ба ноҳия ба хонаамон. Ба хона омада рӯбучину шустушӯи хонаро сар кардам, то бегоҳ ҷунбуҷул доштам. Соати 11-и шаб даромадам таги курпа, то ки хоб кунам ва боз дарди дирӯза сар шуд. О Худоҷон, ин чӣ гап, наход, ки сар шуд, чунки ин тамоман дигар хосият дошт. Гарчанде ман аслан ба доягӣ кор сару кор доштам, аммо кори ба сари худам тамоман дигар ҳиссиёт буд. Ширин маро тасаллӣ дода гуфт: *«Вақташ расид, биё акушер гинекологро ҷеғ занем»* ва ба апаи Моҳбибӣ сим зад. Хонаашон наздики хонаи мо буд. Ӯ ҳам хеши модариам буду ҳам зани писарамаки Ширин –. раҳматӣ акои Шогунбек. Апаи Моҳбибӣ омада маро аз назар гузаронида ба бемористон бурд. Дард дақиқа ба дақиқа шиддат мегирифт, маро хоб мебурд. Бисёр занонро вақти таваллудкунӣ хоб мефорад, инро аз таҷрибаи кориам озмудаам. Соати яки шаби 3-уми сентябр Ҷамшедҷонамон ба дунё омад ва ҳамаи вуҷудамро, ҳастиамро ҳиссиёти нав фаро гирифт. Ин ҳиссиёти модарӣ буду ба ман чунин менамуд, ки ягона зане ҳастам, ки писар таваллуд кардаам. Ҳамин шаб янгаам Зиннатмо (завҷаи акаам Қурбонбек) духтарча таваллуд кардаанду ҳамроҳаки навзод наафтидааст. Пагоҳаш акаам омад барои духтур ва ба ӯ гуфтанд, ки аз хоҳарат писар шуд. Янгаамро ҳам оварданд ба

бемористон, ҳардуямон дар як ҳучра будему модарам ҳар рӯз ба мо хӯрок меовард. Ҳар ду навзодҳоро худам ӯҳдаборӣ мекардам, ба ягон кас бовар намекардам. Ширин дар вақти бемористон буданам ба қишлоқ барои ҳезумтайёркунӣ рафта буд, чунки сармои зимистон аз пеш буд. Рӯзи 7-уми баъди таваллуд бояд аз бемористон мебаромадам, лекин Ширин ҳанӯз набуд. Янгаамро бароварданду ман мондам, чунки либосҳоям дар хонаи худам буданду хона маҳкам. Бисёр аламам кард, ки на аз Ширин дараку на аз хушдоманам. Тавре, ки қайд кардам ба ман чунин менамуд, ки аввалин шуда ман писар таваллуд кардааму бояд ҳама мутаваҷҷеҳи ман бошанд. Мумкин ҳамаи занҳо ҳамин хел фикр кунанд, намедонам. Бегоҳӣ Ширин омаду моро ба хона бурд. Раҳматӣ хушдоманам баъди ду ҳафта омада, як ҳафта истода баргаштанд. Мо Ҷамҷонро ҳар рӯз шустушӯ мекардем ва роҷеъ ба ин ӯ мегуфт: *«Шумо барои чӣ на ҷумъа мебинеду на шанбе, кӯдакро ҳар рӯз мешуед?»*. Худораҳматӣ ба ин гуна чизҳо бисёр аҳамият медоду дар кадом рӯзи ҳафта кадом корро бояд кард-ро тавсия медод. Ҳозир бо мурури замон худам ҳам ин рӯзҳоро риоя мекунам, аммо он солҳои ҷавониам парвои ин гапҳо набудам. Баъди семоҳа шудани Ҷамшедҷон ба кор баромадам. Он вақт барои нигоҳу бини кӯдак рухсатии яксола намедоданд. Хушдоманам барои ёрдам омад, яъне Ҷамшедҷонро медид. Ӯ аз кори мо норизо буду мегуфт: *«Шумо чӣ хондеду ҳамин касбро интихоб намудед. Майлаш рӯзона кор кунед, охир ақалан шаб хоб равед, кӯдакатонро бинед. Ман фақат рӯзона мебинам, дигар ихтиёри худатон, чӣ коре ки кардед»*. Мо ки ҷавон будем, ҳаваси кино рафтан ҳам доштем. Барои ин ҳам вақт меёфтем, хусусан ба филмҳои ҳиндустонӣ. Дугонаам Валя барои Ҷамшедҷон аробачаи (коляска) писарашро дода буд. Мо ҳар ҷо мерафтем бо ин аробачаю – тӯдаи кӯдакон аз қафоямон медавиданд, чунки ин якумин аробача дар ноҳия буд ва кӯдакону наврасон аҷоибӣ мекарданд.

Ҷамшедҷон қариб шашмоҳа шуда буд, ки ман якумин бор ба марги одами наздикам рӯбарӯ шудам. Ин кас ҷавони нозанин, аз сад гулаш як гулаш нашукуфта, писари амакам Дав-

лат(писарамаки падарам) – Мамадалӣ буд. Ӯ аз сафи артиш омаду ногаҳон касал шуда даргузашт. Дар мотамаш бисёр доду вой гуфтам, гумон надоштам, ки ҳоло гиряҳои зиёде маро аз пеш интизоранд. Ҳамон шаб, ба фикрам, таърихи 25-26-уми январ буд, маро ба бемористон чеғ заданд. Зани ҳомилае ба таваллудкунӣ дохил шудаасту аҳволаш вазнин. Ӯ 42-сол дошта, бемории камхунӣ ва шиддати дарди таваллудкуниаш суст буд. Худам ҳам ким-чӣ аҳволам бад буд. Дилам беҳузур мешуд, гирди нофам месӯхт. Ҳарвақта барин дар мавридҳои зарурӣ духтури акушер-гинекологамон дар сафари хизматӣ буданд. Як навъ карда ману Ширин ва акои Аминбек-сарварамон ба зан ёрӣ расондему ҳамааш ба хубӣ анҷом ёфт, ҳам худаш сиҳату ҳам кӯдакаш зинда. Омадам ба хонаю дарди гирди нофам дучанд зиёд шуда, хеле қай кардам. Ширин баъди яксоат омада аҳволамро дида, аз назар гузрониду ҳеҷ чиз нагуфт. Соати 6-и пагоҳӣ духтур-ҷарроҳ шодравон Гулаёзов Сиҷоатшо аз Хоруғ омад. Ширин дардамро муайян карда, бехабар аз ман занг задааст. Аз ман илтиҳоби рӯдаи кирмшакл (аппендицит) будаасту маро ҷарроҳӣ карданд. Се рӯз хобидаму рӯзи 4-ум ҷавоб шудам, барои писари ширмакам.

Як лаҳзаи ҳаёт марбути тарбияи Ҷамшедҷон ба хотирам омад: 3 ё 4-моҳа буд, шаб нооромм, гиря мекард, мегирифтам ба даст меҷунбондам, боз мемондам дар аробача (ҳамаи фарзандонамро дар гаҳвора нею дар аробача калон кардаам), ҳамин хел чанд маротиба, монда шуда боз хобам мебурд. Аламам мекард, ки Ширин хобу якборакак ҳам намехезад. Ман кӯдакро бо қаҳр дар болои бистари хобамон мондам, ки гиряааш баландтар шуд. Ширин бедор шуда як чаппотии сӯзонам зад. Вале ин аввалину охирин бор буд, ки дасташро нисбати ман боло кард. Пагоҳаш хестем, ман қаҳр, гап намезадем. Раҳматӣ хушдоманам: *«Ин чӣ гап, бегоҳ хоб рафтед, ҳамааш нағз буд, чӣ шуд ба шумо?»* Ман бо овози гиряолуд ҳамаашро фаҳмондам. Ӯ тарафи маро гирифта гуфт: *«О писарам, ӯ ҳоло хеле ҷавон аст, кораш ҳам бисёр, монда мешавад. Бояд ту ҳам ба ӯ ёрдам кунӣ дар нигоҳубини писарат»*. Ёдаш ба хайр, бисёр зани накӯкору адолатпарвар ва оқилаю

доно буданд. Аз ҳамон рӯз сар карда Ширин дар тарбияи фарзандон иштирок мекардагӣ шуд. Ӯ кӯдаконро хуб мефаҳмид, забон меёфт ва ҳис мекардам, ки ӯро бештар дӯст медоранд. Ӯ на ин ки фарзандони мо, балки ҷияну ҷиянчаҳои бешуморашро нағз медид. Вақте ки аз Хоруғ ба қишлоқ хабаргирӣ меомадем, ҳамаашон давида омада оғӯшаш мегирифтанд, мебӯсиданду *«Амакҷонам омаданд»* – гуфта шодӣ мекарданд. Ман баъзан ҳасад ҳам мебурдам. Чун духтур буд, ёрдами ӯ ба ҳамаи кас мерасид. Соли аввали хонадориамон чунин воқеа руй дода буд: худораҳматӣ апаи Муродбегим (оилаи акаи Бодурбек, янгаи Ширин) дар айлоқ писарбачаҳои дугоник таваллуд кард, вале аҳволи худаш хеле вазниншуд, чун нуқси дил доштанд. Ширин ба айлоқ рафта ӯро бо кӯдаконаш ба бемористон овард. Табобаташ кард, аҳволаш беҳтар шуд. Ба янгааш фақат мегуфт: *«Ба шумо дигар ҳомила шудану таваллуд кардан ҳеҷ мумкин нест, агар як бори дигар ҳомила шавед, тамом, дилатон аз кор мемонад».* Бечора ба ман мегуфт: *«О ман чӣ кор кунам, бигзор ба акааш бигӯяд».* Ҳақиқатан ҳам бечора чӣ кор мекард, мо ҳам илоҷ надоштем. Он вақтҳо омилҳои пешгирии ҳомиладорӣ набуд. Ҳамин тавр ҳам шуд. Соли 1967, вақте ки мо набудем (Ширин ординатура мехонд) апаи Муродбегим вақти хомиладориашон даргузаштанд. Фақат духтари калониашонро навакак хонадор карда буданду халос, 7-тои дигар бесаробон монданд, яке аз дигараш майдатар. Аз дугоникҳо яктоаш вафот кард. Дуюмаш дусола дар дасти бибиаш, яъне хушдоманам калон шуд. Ҳар коре мекард, ё куҷое мерафт, пуштора карда мебурд. Ғаму ғурбати марг барои бечора хушдоманам аз ҳамин ҷо сар шуд. Ӯ дар фикри аз нав хонадор кардани писарашон дар ҷустуҷӯи як зани безуррёте афтод. Ман ҳам, ки дар ҳамаи ин воқеъот иштирокчӣ будам ба хушдоманам гуфтам: *«Ҷия (дар забони ишкошимӣ – модар, оча) бубинед, агар ин зан таваллуд накард, ман ҳар кию ҳар чӣ».* Намедонам барои чӣ, лекин ман баъзан ҳамин хел пешгӯиҳо мекунам. *«Эй кошки, таваллуд кунад, нони советӣ арзон, шумо духтурҳо аз зоидан метарсед»* – ҷавоб дод худораҳматӣ. Пешгӯии ман рост баромаду апаи Зайбо писар таваллуд кард. Баъди дусола шуданаш,

акои Бодурбек касал шуда даргузаштанд. Ин хости худо буд, ки ба ин зани бечора писар бахшид. Ӯро бо сад умеду орзу калон карда, маззаи модариро чашида, дар охири умр давлати пириашро хӯрд. Аз духтарҳои акаи Бодурбек яктоашро ба тарбияи худ гирифтем. Ҳамчун фарзанди калонии худ меҳисобем. Чун ба касби духтурӣ шавқи беандоза дошт, хонда духтур шуд. Ҳоло дар Маркази Эндокринологии Ҷумҳуриявӣ кор ва фаъолият карда, соҳиби эҳтироми мардум гардидааст. Дар барномаи Саломатии Шабакаи якуми телевизиони тоҷик ҳамеша бо мубоҳисаҳо ва сӯҳбатҳо баромад мекунад. Мо ба ӯ мефахрем. Ҳақиқатан ҳам одамизод бо фарзандони накӯномаш зиндаю ҷовидон аст. Ӯ на фақат ба фарзандони мо, балки ба ҳамаи хешу табораш соҳиб ва маслиҳатгар аст. Сад афсӯс, ки дар айни ҷавониаш ӯ ҳам бо ду ҷигарбандаш бе саробон монд. Ҷанги бародаркуш падари фарзандонашро аз бараш рабуд.

Азбаски бисёр мехостам, ки маълумоти олии тиббӣ гирам, Ширин ҳам не нагуфта иҷозатам дод. Ҷамшедҷони нувуним моҳаро ба бибиаш монда рафтам. Ширин ҳам рухсатии меҳнатӣ гирифта аз пасам омад. Ӯ химияро хеле хуб медонисту маро ёрдам кард. Он солҳо 4-то имтиҳони дохилшавӣ буд. Дутояшро супоридаму аз севвумаш (физика) нагузаштам. Аз имтиҳон гирякунон баромадам. Ширин, ки интизори ман буда, маро дида хандид. Ман бо қаҳр –ҳа чӣ механдӣ, маълум ризо набудаӣ, барои ҳамин аз имтиҳон нагузаштам. Ӯ суханоне ба ман гуфт, ки то ҳол аз хотирам намераванд: *«Хадича, агар дохил мешудӣ, хурсанд намешудам ва ҳоло, ки комёб нашудӣ, хафа нестам. Худат фикр кун, бо чӣ азобу машаққат хондӣ. Ман бе ягон ёрдам, чӣ қадар гурусна мондаму азоб кашидаам. Шукр, ки хонда мактабро хатм кардам ва намехоҳам, ки ҳамаи ин аз нав такрор шавад. Ту, ки бисёр хостӣ, сари роҳатро нагирифтам»*.

Ширин худаш ҳуҷҷатҳояшро ба ординатура, барои такмили ихтисосаш (ҷарроҳӣ) супорида ба хона баргаштем.

Бояд қайд кунам, ки вақти дар Душанбе буданам хаёлам фақат банди писарам буд. Шабҳо хобам намебурд. Вақте ки ба қишлоқ расидем, ман аз мошин фуромада чунон сахт ба

хона давидам, ки дилам қариб аз қафаси сина бароянд. Ба хона расида худамро дарав назди гаҳвора партофтам. Ҷамшедҷонамро сӯзандорӯи зидди гулак кардаанду тобаш нест, ҳарорааташ баланд. Аз гаҳвора канда гирифтам. Ӯ сӯям намехост, тарафи бибияш зӯр мезад. Ман девона барин ӯро гирифта баромадам берун. Гиря карда ин сӯ он сӯи чуйбор медавам. Раҳматӣ хусурам ин ҳоламро дида: *«А падар-лаънат, якбори дигар бачата намемонӣ, ҳамин хел дард аст, дарди ҷудоӣ»* – гуфтанд.

Баъди як ҳафта ба ноҳия ба хонаи худ рафтем. Беадолатии ҳукуматдорони ноҳияро бинед, ки дар хонаи мо дигар касро ҷобаҷо карда буданд. Раиси матлуботро, ки нав таъинаш кардаанд. Чизу чораамонро ба хонаи ҳамсоя, акои Қамчибек, ки сардори бозрасии давлатии автомобилӣ буд-кӯчондаанд. Мо рухсатии меҳнатӣ рафта будем, вале аз кор ариза дода набаромада будем. Хондани Ширин аз моҳи ноябр бояд сар мешуд. Ҳамин тавр ду моҳ мо ду оила дар як ҷо зистем. Ширин ба назди хӯҷаинҳои ҳукумат чанд маротиба рафт, ба рӯзнома навишт. Омада аҳволамонро диданд. Дар рӯзнома мақола ҳам чоп шуд, аммо ҳамааш бенатиҷа. Хулоса бюрократияи таппа-тайёр. Ширинро даъват карданд ба ординатура. Ман омадам ба қишлоқ. Як моҳ дар бунгоҳи тиббӣ кор кардам. Ширин хонаи иҷора ёфта маро бо телеграмма ҷеғ зад. Хушдоманам раҳматӣ розигиашонро дода гуфтанд: *«Рав аз қафои писарам, гарму хунукашро тайёр карда бидеҳ, ки азоб накашад»*. Маслиҳат карданду акои Бодурбекро ҳамроҳам сафарбар карданд. Дуюми ноябри соли 1967 охирин бор дидори модарамро дидаму нафаҳмидам, ки дигар ин дидор бароям муяссар намешавад. Ӯ бо мо хайрухушкунӣ омада буд. Интизори мошина якҷоя хӯроки миллӣ – *талқони* дар равған судашударо, ки хушдоманам бисёр нағз медиданд, тановул кардем.

Ба Хоруғ расидему хонаи акаи Ғуломҷон – писари холаи Ширин рафтем. Ӯ худаш яккаписар буд ва хоҳари дигар ҳам аз дигар падар дошт. Волидайнашон айни ҷавонӣ даргузашта буданд. Бечора бо азобу машаққати зиёде, гоҳ назди як холахушдоманам Бахтибегим, гоҳ холаи дигарашон-Зулхумор, ки

дар қишлоқи Рын буданд – зиндагӣ карда мактабро тамом кардааст. Ба Академияи ветеринарии Маскав дохил шуда, онро бомуваффақият тамом кардааст. Айни ҳол сардории раёсати хоҷагии қишлоқи вилоятро ба ӯҳда дошт. Вақти донишҷӯй буданаш русдухтареро дӯст дошта, хонадор шуда, ӯро ба ватанаш овард. Онҳо 3-то духтар доштанд: Товус, Ниёзбегим ва Гулрӯ – келини мо, оилаи Ҷамшед. Шаб истодему пагоҳаш дар кофтукови мошин шудем.

Баъди нисфирӯзӣ мошин ёфтему баромадем ба роҳ. Шаб ба районӣ Қалаи-Хумб расидем. Ин ҷо як ҳамшаҳриамон зиндагӣ мекард. Мо ба хонаи ӯ рафтем. Пагоҳаш ба Ширин гап задем, ки мо омада истодаем. Ӯ ба мо гуфт, ки: «Дар ағбаи Сағирдашт барф, кӯдак қатӣ азоб мекашед. То беҳтар шудани боду ҳаво барои парвоз ҳамон ҷо истеду бо ҳавопаймо биёед». Вале ба мо ин гуфтаи ӯ маъқул нашуд, чунки маълум набуд, ки боду ҳаво кай нағз мешаваду ҳавопаймо кай парвоз мекунад, мо бошад – дар ҷои бегона. Таваккал ба худо, гуфта баромадем ба роҳ. Дар ағба ҳақиқатан ҳам хунук буд. Барф ҳам борида буд. Шукри худо, ағбаро паси сар кардем. Он тарафи роҳ осонтар буд. Бад-ин минвол шашуми ноябр ба Душанбе расидем. Рònанда гуфт, ки ман ба роҳи марказӣ намебароям, мумкин нест. Моро дар наздикии чорроҳаи марказӣ аз тарафи кӯчаи Гогол фуровард. Борамон як бастаи курпаю болишт, як чомадон ва як рубоби бадахшонӣ буд. Суроғаи иҷорае, ки Ширин гирифтааст ба ман тахминан маълум буд, аз қафои Донишгоҳи омӯзгорӣ, кӯчаи Ҳамза Ҳакимзода, рақамаш ба ёдам набуд. Писарам дар даст, рубобро ҳам гирифта рафтам кофтукови хона. Раҳматӣ акои Бодурбек дар назди бор истоданд. Ӯ якумин бор ба шаҳр омада буд ва ҳар касеро дар бораи Ширинбеки бародараш пурсӯҷӯ мекард. Гӯё, ки ба мисли қишлоқ ё ноҳия, ҳама кас ҳамдигарро мешиносанд. Худогуфта, хонаро ба зудӣ ёфтаму дарро кӯфтам, занаки рус баромад. Вай ҳам дар ҳамин ҳавлӣ иҷоранишин будааст. Ӯ соҳиби хонаро фарёд кард. Соҳиби хона, кӣ буданамро фаҳмида, калиди хонаи иҷораро ба ман доду гуфт: *«Хӯҷаинатон нест»*. Ман рубобро монда рафтам барои акои Бодурбек. Ӯ бастаро пӯштора кар-

ду ман ҷомадону бача дар даст омадем. Соат тахминан 8 ё 9-и бегоҳ буд. Хаёл кардам Ширин шаб меояд. Аз мағоза майду чайд харида, хӯроки шом тановул кардем. Ширин шаб наомад, пагоҳ иди 7-уми ноябр буд. Мо ҳам Ҷамшедҷон дар даст, қад-қади кӯча мегузаштему дар байни парад гузаштагон Ширинро меҷустем. Баъд бачаҳои ҳамшаҳриямонро, ки дар донишгохи тиббӣ мехонданд, вохӯрдем. Онҳо ваъда доданд, ки ӯро ҳатман меёбанд. Мо баргаштем ба хона. Баъди як ду соат Ширин пайдо шуду гуфт: *«Ман шуморо интизор набудам, гумон кардам ба гапи ман медароеду меистед мунтазири тайёра, аммо бисёр хуб кардед, ки омадед»*. Акои Бодурбекро якчанд вақт сайру гашт додем. Ба хонаи ҷиянашон, апаи Соябегим, ки дар ноҳияи Куйбеш раиси ҳукумат буданд-меҳмонӣ бурдем. Танҳо баъди як моҳ хона фиристондем. Ман аз паи кофтукови кор ба худам ва боғчаи бачагон барои Ҷамшедҷон саргардон шудам. Ҳар рӯз ба шӯъбаи маорифи ноҳияи Октябр мерафтам. Ҳуҷҷатҳои даркориро ҷамъ карда будам, аммо бенатиҷа. Қаҳрам омаду як рӯз гуфтам: *«Пагоҳ меравам ба назди вазири маориф, баъд мебинам чӣ хел шумо ба ман роҳхати боғчаро намедиҳед»*. Аз ростӣ ҳам ҳамин тавр карданӣ будам. Охир ягон имтиёз барои донишҷӯён будагист. Вазири маориф худораҳматӣ Рустамбек Юсуфбеков, ҳамдеҳаи ман аз қишлоқи Рын буд. Албатта ӯ маро намешинохт, аммо падарамро, амакҳоямро мешинохт. Мерафтам ва бо лаҳҷаи ишкошимӣ мегуфтам. Мепурсид, ки ту духтари кистӣ? Сипас худамро муаррифӣ мекардам. Як чизи дигар аз кӯдакӣ ба ёдам омад: духтари амаки Рустамбек ҳамсол ва ҳамсинфи ман буд. Синфи якум якҷо мехондем, якҷо бозӣ мекардем. Модари ин духтарак даргузашта буд ва ӯ дар тарбияи бибияш буд. Баъди синфи якум падараш омада ӯро бурд ба Душанбе. Вақти мактабхониам, донишҷӯиям бисёр мехостам бо ӯ вохӯрам, аз кӯдакӣ ёдовар шавам, лекин ӯ тарбияи дигаре дошту ба мо назаре намекард.

Чи хеле, ки дар урфият мегӯянд *«номи Рустам беҳ аз Рустам»* – ҳаққонӣ будааст. Баъди он, ки ҳамин гапро дар шӯъбаи маориф гуфтам, онҳо дар таҳлука афтода, суроғаамро кофта, омада гуфтанд, ки пагоҳ биёед барои

роҳхат. Ҳамин тавр Ҷамҷонро ба боғча супоридему аз паи корёбии худам шудам. Дар рӯзи дуюм ба ман муяссар шуд, ки бароям корро пайдо кунам: – дар поликлиникаи донишҷӯёни донишкадаи хоҷагии қишлоқ. Коллектив ҳамагӣ аз 7-нафар иборат буда, бисёр тифоқ буд ва маро ҳам зуд ба ҷамъияти худ қабул карданд. Фаррошамон Таня-хола бисёр ҳам зани меҳрубону раҳмдил буд. Дар шахсияти ӯ ман як модари дилсӯзу ғамхоре пайдо кардам. Дар бисёр мавридҳои зиндагӣ маслиҳатгарам буд. Маро бофтан ёд дод ва ман бо шавқи зиёде ин шуғлро аз худ карда ба Ҷамҷонам ҳаргуна либосчаҳои кӯдакона мебофтам ва умуман баъдан ба ҳамаи фарзандонам, бародаронам ягон чизе мебофтам, ки дигарон чунин чизро надоштанд. Вақте дар Хоруғ зиндагӣ мекардем, ба худам бештар либосҳои урупоӣ мебофтам, ки ҳама бо ҳавас сӯям нигоҳ мекарданд. Таня-холаро доимо бо некӣ ёдоварӣ мекунам. Хонаи дуюми иҷораро ӯ ба мо дар наздикии хонаи худаш ёфта буду ёрдами ӯ ба мо ҳама вақт мерасид.

Соли 1968-соли ғаму ғурбат буд. Дарди меъдаи Ширин, ки вақти донишҷӯӣ гирифтораш шуда буд, хӯрӯҷ кард. Бародарам Абиб дар бемористони ҷумҳурявии сил хоб буд. Модарам дар хона касал – дарди ҷигар. Ман дар изтироб: чӣ кор кунам? Бародарамро ба ҷарроҳӣ омода мекарданд. Ба ҳамсояаамон, ки дар нуқтаи алоқа кор мекард, ҳар рӯз дар тамос будам, то ки аз аҳволи модарам хабардор шавам. Вай мегуфт: *«Модарат фақат дуи шумо туву бародарат Абибро мегӯяд. Агар ту натавонӣ, ӯро албатта фиристон». – «Шумо ба ман гӯед, аҳволи модарам бисёр ҳам вазнин»*, – пурсидам ман. Ӯ ҷавоб дод: *«Бале»*. Ширин дар касалхона буд. Бо вай маслиҳат карда ба хулоса омадем, ки ман бояд хона равам. Ӯ аз як рафиқаш ба ман роҳкиро карз карду азми сафар шудам. Як ҳафтаи дароз бо умед ба фурӯдгоҳ равуо доштам. Хайрият рӯзи ҳафтум,боду ҳаво нағз шуду ман бо Ҷамҷон дар даст ба Хоруғ паридем. Рӯз рӯзи шанбе буд. Шаб дар хонаи акои Ғуломҷон истодем. Пагоҳаш рӯзи якшанбе модарам даргузаштаанду ман бехабар ва дар кофтукови мошин. Акои Ғуломҷон як мошинаи раҳгузари идораи сохтмони роҳи

ноҳияро ёфта, маро дар он савор карду мо рафтем. Аммо худо насиби дидори модарамро ба ман накард. Мошина ба самти Гарм-Чашма равон шуд. Ақлам нарасид, ки дар деҳаи Андароб фуроям. Дар ин вақт аз хона акои Неккадам, ки котиби якуми ноҳия буданд, барои ман мошинаашро фиристондааст. Мошина ба Хоруғ мерасаду маро наёфта бармегардад. Ман дар ин вақт дар Гарм-Чашма бо писарам дар даст интизори он, ки кай соҳиби мошина оббозӣ карда, шикамашро сер карда, охир равон шавад. Хулоса ба хона соати шаши бегоҳ расидем. Дар берун касеро надидам. Чӣ гап бошад? Писари амаам давида омаду писарамро аз дастам гирифт. Пурсидам, – *«Модарам чӣ хел?» – «Аҳволаш беҳтар»,* – гуфт. Ба ҳавлӣ даромадаму ҳамаашро фаҳмидам. Ҳавливу хона пури одам буд. Ман чӣ гуна фарзанд будаам, ки натавонистам дар нотавониаш, дар бемадориаш ба модарам дасти ёрӣ дароз кунам, қатраи обе ба даҳонаш бигирам. Сухани вопасинашро шунавам. Оҳ, модар! Модар! Чаро ту ин қадар бармаҳал рафтӣ? Фикри ҷигарбандони нокоматро накардӣ? Оҳ, мани беақл, натавонистам ақалан меҳнати якшабаатро гардонам. То охири умрам ин маро месӯзонду месӯзонад. Баъди ҳафтаи азодорӣ (модарам 19-уми маи соли 1968 даргузаштанд) боз ночор ба Душанбе равон шудам. Хайрият Ширин аҳволаш беҳтар шуда аз бемористон ҷавоб шуда буд. Бародарамро бошад баъди ду се рӯзи дигар бояд ҷарроҳӣ мекарданд.

Ҷарроҳиаш бисёр вазнин буд, хабаргириаш мерафтаму фақат мегиристам. Духтурон ҷанҷол мекарданд. Ба Ширин гуфтаанд: *«Ин чӣ хел зан аст, чаро ин қадар гиря мекунад?».* Бале онҳо аз куҷо медонистанд алами дили маро. Шукри худо бародарам баъди ҷарроҳӣ аҳволаш беҳтар шуд. Дар бораи модарам ба ӯ нагуфтам. Баъди як моҳи ҷарроҳӣ амакам Тоҳир ӯро аз бемористон якрӯза ҷавоб гирифта овард ба пеши мо ва дар бораи модарам ба ӯ гуфт. Ҳолати онвақтаи бародарамро намедонам чӣ тавр тасвир кунам. Ӯ ҳамагӣ 16 – сол дошту ман – 20. Ӯ маро гунаҳкор ҳисоб мекард, ки худат рафтию маро набурдӣ. Фаҳмондамаш, ки ман ҳам модарамро надидам, муяссар нашуд. Хоҳарам 11-сола буду ду бародарам 14 ва 9-сола. Албатта, ман оилаи худро доштам, аммо аз

дасти оилаи бесаробон мондаи падарам дилам реш-реш буд. Акаам Қурбонбек хона месохту бояд ҷудо мешуд. Бародарам Абиб баъди бемористон дар осоишгоҳи Ялтаи Крым табобат гирифт. Тамоман сиҳат шуд. Бояд гӯям, ки ӯ бисёр ҷавони бохиради қавиирода буд. Мактаби миёнаро шабона хонда, рӯзона кор мекард. Ба донишкадаи омӯзгорӣ бо қуввати худаш дохил шуда, онро бомуваффақият тамом карда, омӯзгори хубе ҳам шуд. Афсӯс, ки марги нобаҳангом ӯро дар синни 39-солагӣ аз бари мо рабуд.

Якуми декабри соли 1968 мо соҳиби писарчаи дуюм шудем. Раҳматӣ хушдоманам, ки барои ҷарроҳии чашмаш назди мо омада буд, ӯро Нозимҷон ном гузошт. Ҳамин сол бисёр хунук омада буд. Мо на ҳезум доштему на ангиштсанг. Таня-хола дарахтҳои боғашро барои мо бурид. Умуман, ӯ мисли модар маро ғамхорӣ мекард. Нозимҷон ҳаштмоҳа шуда буду набераи Таня-хола – Андрейка думоҳа буд. Рӯзе модарашон ба бемористони ноҳияи Ленин падарашонро хабаргирӣ рафтанду дер баргаштанд. Кӯдаки ду моҳааш беист гиря мекард. Таня-хола ноилоҷ назди ман омада илтимос кард: *«Хадича, пожалуйста, покорми его, у тебя мальчишки хорошенькие, значит у тебя молоко хорошее»*. Чӣ хел ман метавонистам ба ин зане, ки ин қадар некиҳоям кард – не гӯям. Ҳамин тавр ман писархонд ёфтам.

Оилаи Таня-хола то солҳои 90-ум дар Душанбе зиндагӣ мекард. Вале баъд ноороміҳо онҳоро ба Русия бурд. Ҷамшедҷон вақти донишҷӯияш ба хонаи онҳо рафтуой дошт. Дар тӯи Андрей иштирок кард. Таня-холаро охирон бор соли 1993-вақте ки бачаи гумшудаамро кофтанӣ рафтам, дида будам. Андрейка вақти кӯдакиаш як барандаи телевизиониро, ки гӯё ман ба ӯ монандӣ доштаам, дида: *«моя памирская мама»* мегуфтааст.

Сентябри соли 1969 хондани Ширин ба охир расид. Мудири кафедра Комил Тоҷиевич ӯро дар кафедра монданӣ шуд, аммо ӯ нахост. Ман бисёр мехостам, ки дар шаҳр бошем. Ширин гуфт: *«Равем ба волидон наздиктар, хизматашон кунем. Модарат касал шуд, ба ҷанозааш ҳам нарасидӣ»*. Баргаштем ба ноҳияи Ишкошиму сар шуд боз шабу рӯз да-

водавиамон. Нозимҷон дахмоҳа шуда буд, ки ман илтиҳоби гурда шудам, ҳароратам хеле баланд, дилам беҳузур буд. Чанд рӯз дар хона хоб будаму баъд дар бемористон хобондандам. Бачаи синамакамро бурданд ба Мулвоҷ ба бибияш. Ӯ ба ғайри шири сина ҳеҷ чиз намехӯрд. Ду шабу рӯз фақат гиря кард. Раҳматӣ акаи Шер, оилааш, – апаи Париморо фармудааст, ки бачаро сина маконад. Духтарашон Перӯзаи якуним сола синамак буд. Ҳамин тавр зани амакаш модархондаш шуд. Аҳволам каме беҳтар шуда буду инро фаҳмида гуфтам: *«Бачама биёред, ки ширам тамоман қоқ нашавад»*. Баъд то якуним-солагӣ макиду ҷудояш кардам.

Зиндагӣ мегузашт. Ман доимо дар ғами бародарону хоҳари бесаробонам будам. Падарам наздам меомаду аз рӯзгор шикоят мекард. Аз келинаш гилаю шиква мекард. Умуман ӯ бисёр ҳам рӯҳафтода шуда буд. Баъди рафтанаш раҳматӣ хушдоманам мегуфт: *«Ба падарат зан даркор, ин ҳама гилаю шиква аз безанӣ. Мард бе зан зиндагиашро пеш бурдан наметавонад»*. Ман намедонистам, ки бечора падарам ба ман ошкоро гуфтан наметавонисту аз ин тарафу аз он тараф сухан мекард. Вай дар ҷустуҷӯи зан буду аз ман гӯё иҷозат пурсидан мехост. Аввалҳои соли 1970-ум, баъди ду соли вафоти модарам, ӯ бо зани аз худаш хеле ҷавон издивоҷ кард. Аз ин издивоҷ мо боз ду бародару як хоҳар ёфтем. Ҳамаи мушкилиҳои зиндагонии падарамро ва аҳли оилаамонро баъди ин издивоҷ, намехоҳам ин ҷо тасвир кунам. Ман зиндагии хушбахтонаи худамро доштам, аммо фикри хонаи падар ҳамеша афгорам мекард. Як сухани бародари раҳматиам Абиб доимо дар хотирам: *«Апаҷон шумо як бор меоед меҳмон барин, худо медонаду аҳволи мо. Ин манам, ки то ҳол поидаам дар мобайни занакҳо»* (зани падар, зани худаш, янгааш). Акаам Қурбонбек хонаашро тайёр карда, алоҳида зиндагӣ мекард.

15 августи соли 1970-ум мо духтарчадор шудем. Номашро Маликаҷон гузоштем. Баъди як ҳафтаи таваллудкунӣ, илтиҳоби гурдаам боз хурӯҷ карду маро ба бемористони вилоятии шаҳри Хоруғ бурданд бо ҳамроҳии духтарчаи навзодам. Он вақт мо дар Хоруғ духтурони шинос надоштем. Ду-

руст аст, ки чун коркуни тиб ба ман таваҷҷӯҳ мекарданд, аммо на он қадар, ки лозим буд. Як ҳафта истодам. Худатон фикр кунед, бо кӯдаки навзод чӣ гуна табобат мекунӣ. Омадам боз ба қишлоқ, назди хушдоманам. Ҳаргуна табобати халқии медонистагиашро ба ман кард. Дард каме беҳтар мешуду боз хуруҷ мекард. Ширин моро бурд ба хонаи худамон, ба ноҳия. Ин ҷо ҳам табобатамро давом додам, лекин рӯҳафтода шуда будам. Бечора падарам меомад хабаргирӣ, аламам зиёдтар мешуд, мегиристам, бо худам мулоқот мекардам. Фикр мекардам, ки агар модарам зинда мебуд, ҳатман ба дардам даво меёфт, гарчанде падарам ҳам ҳарчи аз ҳар кӣ мешунавид меоварду ба дардам дармон мекард. Ҳамсояҳо, коркунонамон медиданд марову сар меҷунбонданд ба ҳолам, чунки тамоман заифу бемадор шуда будам. Ҳамин ҳолат се моҳ давом кард. Нашуд, худамро ба даст гирифтаму гуфтам: ин хел намешавад, бас! Тамоми дорую даворо бас кардам. Хушдоманам ҳамроҳи мо буд. Маликаҷонро мондам ба ӯ ва баромадам ба кор. Сар кардам ба кору оҳиста-оҳиста аз дардам фаромӯш кардам. Вақти хуруҷи дард илоҷам часпаки мурчин шуда буд. Ҳамонро мечаспондаму бисёртар агар дард мекард, бисептол қабул мекардам. Ҳамин тавр дигар ба дардам аҳамият намедодам. Шабу рӯз боз дар хизмати мардум будем. Сардухтурамон хешбачаам – раҳматӣ Султоналӣ буд. Ҳар пагоҳӣ ахбори сиёсиро ман мегузарондам, баъди ахбори 5-дақиқаи корҳои тиббиамон чӣ тавре, ки маълум аст, ё чуноне, ки аз таҷрибаи кориам мушоҳида кардам, зоиш, яъне таваллудкунӣ бештар шабона ба вуқӯъ меомад. Маро ҳар шаб ҷеғ мезаданд ба назди занҳои ҳомила. Хушдоманам ҳарвақта барин аз корам нороҳат буд. Яке аз рӯзҳои тобистони соли 1971, вақти ҷаласаи 5-дақиқаи тиббиамон маро танқид карданд, ки гӯё ман ҳар пагоҳӣ 10 ё 15 дақиқа ба кор дер мебиёям. Азбаски ин нодуруст буд, бисёр аламам кард. Ҳол он, ки ман доим бехоб будаму дар даву този кор будам. Аз ҷаласа гирякунон баромадаму ба сардори стансияи боду ҳавосанҷӣ, ки хеши модариам буд, вохӯрдам. – «А чӣ шуд, духтари хола? Барои чӣ гиря мекунӣ?», – гӯён пурсид. Ман ҷавобашро нагардони-

да гуфтам: *«Маро ба кор гир!»* Ӯ дар ҷавоб: *«Марҳамат, ба ман корманд лозим».* Ҳамин тавр сари қаҳр, аз алам, касби дӯстдоштаамро, шаш соли корамро, чор соли хонданамро паси сар карда, дар стансияи боду ҳавосанҷӣ ба кор шурӯъ кардам. Аз он ҷо маро ба хондан фиристонданӣ шуданд. Курси яксола дар шаҳри Алма-Атои Қазоқистон. Дар машварати оилавӣ ҳама розигиашонро доданд. Раҳматӣ хушдоманам, ки аз шабу рӯз кор карданам норозӣ буданд ва бахусус норозигиаш аз касби момодоягиам буд, гуфтанд: «Як сол нею се сол ҳам бошад рав хону аз ҳамин корат халос шав, ман бачаҳоятро мебинам». Маликаҷонам ҳоло яксола набуд, ӯро аз сина ҷудо кардаму азми сафар кардам.

Дар мактаби боду ҳавосанҷӣ ба мо хобгоҳ доданд. Ин ҷо бештар духтарон ва писарон аз ҳар гӯшаю канори Қазокистон буданд. Аз Ӯзбакистон ҳам як-ду кас буд. Аз Тоҷикистон ба ғайри ман, як зану шавҳар аз ноҳияи Мурғоби Бадахшон бо ду писари хурдсолашон мехонданд. Ману Гулоим (номи он зан аз Мурғоб) дар як гурӯҳи радистӣ таҳсил мекардему акои Раҳимбой – шавҳараш дар гурӯҳи аэрологӣ. Рӯзона бо дарсу таҷрибаомӯзӣ, ки саргардон будем ҷудоӣ аз фарзандонро он қадар ҳис намекардам. Аммо шаб таги курпа даромадан замон, ҳамааш пеши чашмам лентаи кино барин мегузашту бисёр зиқ мешудам, хобам намебурд. Худамро хоида-хоида мехуфтам. Ин чӣ коре буд ки кардам! Ҳамин замон номае аз дугонаам Дилбар Усмонова гирифтам, ки шавҳараш низомӣ буду худаш ҳамшираи тиббӣ. Мо бо ӯ ҳамроҳ кор мекардем. Навишта буд, ки ӯ ҳам аз кораш рафтанӣ мешавад, аммо котиби ноҳия ӯро наздаш чеғ зада – *«Ба шумо чӣ намерасад, барои чӣ корро партофта ба дигар кор меравед?»* – гӯён мепурсад. Ӯ гуфтааст: *«Ман завҷаи шахси низомӣ ҳастам, ҳар вақт бошад шавҳарамро ба дигар ҷо ба кор мегузаронанду ман ҳам ночор меравам».* Вале аз ман – Хадича, ки кадри муҳими ҷойдорӣ будам, касе напурсид, ки чаро меравӣ? Гуфтаи калонони мардум «худкуши бегонапарвар» рост баромад. Хайр, тавакалашон ба Худо.

МануГулоим ва шавҳараш кофта занеро барои нигоҳубини кӯдаконамон пайдо кардем. Маслиҳат ин буд: то

соати ду, яъне то нисфирӯзӣ кӯдаконро нигоҳубин мекард, мо барои ҳар як 30-сӯмӣ ва ҷамъулҷамъ 90-сӯм медодем. Ман ба Ширин телефонӣ алоқа карда гуфтам, ки Маликаҷонро биёрад.

28-уми сентябри 1971 буд. Ман аз дарс баромада сӯи хобгоҳ равон будам. Ногоҳ мошине гузашта ба ман сигнал дод. Ронанда бо дасташ маро сӯи мошин ишора кард. Ман тааҷҷуббомез наздик шуда бинам даруни мошин Ширин бо духтарчаам. Ҳайрониам не, хурсандиам ҳадду канор надошт. Маликаҷон тарафам намехост, аллакай фаромӯшам карда буд. Ӯ танҳо баъди се рӯз бо ман каме одат кард.

Ширин баъди чанде баргашта хона рафт.

Бояд қайд кунам, ки дар як ҳуҷраи хобгоҳ мо бо панҷ нафар қазоқдухтар иқомат доштем. Ин духтаракон дар нигоҳубини Маликаҷон ёрдамам мекарданд. Нигоҳубини зани доя маро конеъ накард, чунки ӯ то нисфирӯзӣ духтарчаро медиду халос, аз мо бошад баъди дарс таҷрибаомӯзӣ мегузашт. Кӯдакҳоро асосан акои Раҳимбой, ки дар дигар гурӯҳ буд, медид.

Ман даву тоз карда Маликаҷонро ба боғча бурдам. Аммо боғча хеле дур буд. Хуб, ки бо ёрии духтарони ҳамхонаам ӯро мебурдему меовардем. Яке аз онҳо Рушан Ахмедоваро бояд кайд қунам, ки як ду сол аз ман хурдтар буду ба ман ҳамчун хоҳар ва ба духтарам холаи меҳрубон гашта буданд. Умуман як чизро бояд гӯям, ки дар роҳи зиндагиам бисёр одамони накӯро вохӯрдаам, новобаста аз миллаташон. Дӯстони рус, қирғиз, қазоқ, тотор ва ҳоказо. Бо ҳамаашон забон меёфтам. Шояд худам одами мешудагӣ бошам. Худо худаш медонад. Ҳаминашро аниқ медонам, ки нисбати бегонагон толеъи баланд дорам.

Хонданам хуб буд. Роҳбари мактаб ба идораи боду ҳавосанҷии ҷумҳурии мо дар ин бора мактуб ҳам навишт. Аз он ҷо моҳонаамро аз шогирдӣ ба кормандӣ гузарониданд ва ба ман ҳар моҳ 70-сӯмӣ мефиристонданд.

Аввалҳои моҳи апрел аз Ширин мактуб гирифтам. Навишта буд, ки ба Душанбе якмоҳа хондан омадааст. Ман бовар кардам. Баъди як моҳ наздамон омад ба Алма-Ато. Маълум

шуд, ки шушаш касал ва дар бемористон хоб будааст. Духтурон маслиҳат додаанд, ки ба Хоруғ ба кор гузарад, чунки ҳавои Ишкошим барояш баландӣ мекунад. Ман ба ӯ гуфтам: *«Агар ба Хоруғ гузарӣ, ман боз касби дӯстоштаамро давом медиҳам»*. Ширин гуфт: *«Ин ғайриимкон аст, чунки туро пул дода хонондананд ва ту бояд кор кунӣ»*.

Моҳи май хондан тамом шуд. Имтиҳонҳоро бо муваффақият супоридам. Шаҳодатномаи радиооператори класси якум гирифта бо Маликаҷон ба хона омадем. Ширин аллакай дар Хоруғ кор мекард. Як хонаи иҷора ёфта кӯдакҳоро гирифта ба он ҷо рафтем. Бачаҳоро дар боғчаи назди қисми ҳарбӣ супурдем, Маликаҷонро дар боғчаи рақами яки шаҳрӣ. Худам барои кор ба стансияи боду ҳавосанҷии вилоятӣ, назди сардораш рафтам. Он чи ки ман хондам, ин ҷо даркор набудааст. Ба ман тавсия доданд, ки техник-аэролог кор кунам. Ин корро бояд аз нав хонда аз худ мекардам. Ҳеч чиз нагуфта рафтам. Пагоҳаш ба касалхонаи вилоятӣ, пеши сардухтур, раҳматӣ акои Мамадэрон Мамадёқубов даромадам. Раҳматӣ ҳамкурси Ширин буданд ва маро бечуну чаро, даррав ба кор қабул карданд. Ду моҳ – дар шӯъбаи оморӣ, баъдан ду сол – ҳамшираи тиббӣ дар стансияи ёрии таъҷилӣ; сипас – аз сабаби хурӯҷи дарди гурда – дар поликлиника ҳамшираи тиббии утоқи проседури ва охирон боз мушовири занона ба касби худам баргаштам.

Соли 1974 бародарам Абиб хонадор шуд. Ӯ духтаракеро аз қишлоқи худамон, ки падараш хеши падарамон буд, нағз дида ба занӣ гирифт. Вақте ки ба ӯ либосҳои шоҳона мепӯшиданд, мани аламзадаи гирёнчак беист мегиристам. Ку модари зор, ки зеби писарашро бинад, дуои модарӣ диҳад, хурсандӣ кунад. Ҳамаи инро фикр карда аз сар мегузаронидаму оби дидагонам беихтиёр ба рухсорам равон буданд. Ҳамаи занони дар тӯй буда маро дида мегиристанд. Бисёриашон ҳамсолу ҳамнишини модарам буданд. Чӣ илоҷ! Тақдир ҳамин будааст.

Бародарам донишҷӯ буд. Вақти хондан дар муддати чор сол аз онҳо фарзанд таваллуд нашуд. Нав тамом карду занаш паи ҳамдигар, ҳарсол таваллуд кардан гирифт. Шаш фарзанд

ба дунё омад. Ҳафтумаш баъд аз сари падараш ба дунё омад. Ҳар гоҳе, ки ба муборакбодии янгаам меомадам, мегуфтам: *«Бас акнун»*. Раҳматӣ бародарам: *«Не апа, мо ҳоло нақшаамонро буд мекунем. Аз духтарҳоямон якеаш аз шумо, чунки духтаратон яктост»*. Баъдан вақти бемориаш мунтазам ҳамин гапро якранг такрор мекард. Ман ҳам ин васияташро амалӣ карда, духтарчаи миёнагиро, ки суратан ҳам ба падараш монанд буд, гирифтам. Янгаам ҳам не нагуфт, чунки шоҳиди суханҳои бародарам буд.

Соли 1974 – акаи Бодурбек баъди бемории ду-се моҳа аз дунё даргузашт. Дардашро маълум карда натавонистанд. Ширин ӯро ба Душанбе бурда дар тӯли як моҳ аз ташхис гузаронид. Шушаш гӯё шамол хӯрда чирк гирифтааст. Табобат карданд, аммо бенатиҷа. Ҳамагӣ 52 сол дошт. Фарзандонашон ки меҳри модариро надида буданд, аз меҳри падарӣ ҳам бенасиб монданд. Зани дуюмаш ду сол истоду сипас шавҳар кард ва писари хурдтарини акои Бодурбек – Даврон бо модараш дар дигар қишлоқ калон шуд. Даврон мактабро хатм карда, ҳамон ҷо духтараки ҳамсинфашро нағз дида, пеши амакҳояш ва акояш Амонбек ба Мулвоҷ омада ӯро тӯй кард. Албатта бо ёрии ҳамаи мо хешу табор.

Ҷамҷони саргумам охирин бор дар ин тӯй ҳамроҳи падараш рақс карда буд... Бачам раққос буд. Дар вақти озмуни «Ғунчаҳои санъат» соли 1979 бо рақси миллии ишкошимӣ ҷои аввалро ишғол карда буд. Эй вой, дареғо...

Соли 1975 хоҳарам Лаълбегимро тӯй кардем. Ӯ аз байни мо фарзандони падару модарамон ягона касе буд, ки нахонда буд. Ба хондан шавқ ҳам надошт. Ё шояд ин таъсири бемодарӣ бошад... То синфи 8 хонду тамом. Ва ягона кас аз миёни мо буд, ки шавҳаршавандаашро надида буд. Ӯ бо писари холаамон аз қишлоқи Поршиневи ноҳияи Шуғнон хонадор шуд. Ин хонадоршавӣ дахолати бевоситаи ман буд. Мехостам, ки хоҳарам дар симои холаамон модарашро дарёбад, чун ӯ лутфи модариро кам чашида буд. Лекин бечора хоҳарам хеле заҳмати зиёд кашид. Ҳарвақт хабаргириаш мерафтам, холаам аз ӯ шикоят мекарду ман боз сарзанишу насиҳаташ мекардам. Ҳафт сол ҳамин хел давом дод. Соҳиби

ду фарзанд шуданд. Шавҳараш дар Душанбе донишҷӯю вай дар хизмати хонаи шавҳар. Як рӯзи хабаргириам боз такрори ҳамон гапҳо шуд. Бечора хоҳарам тоқаташ тоқ шуда буду косаи сабраш лабрез. Ӯ гуфт: *«Гуфтанҳои холаам магар кам, ки боз шумо омада давом медиҳед»*. Якумин бор дар муддати ҳафт сол, ҳамаи буду шуду гапу калочаро дар ҳузури холаам ба ман гуфта дод. Ростӣ, ки қаҳри падариам омад. Гуфтам: *«Хез, бачаҳоятро гиру рафтем. Ҳамин ду касро аз ӯҳдааш мебароем. Ба гуфти раҳматӣ хушдоманам «нони советӣ арзон». Рост аст, ки хоҳарам хондагӣ набуд, аммо ҳамаи кору бори хонаву зиндагиро саришта карда метавонист. Чизеро натавонад, ё надонад, шумо хола, ба ҷои модаред, ёд диҳед»*. Баъд гуфтам *«Ман ҳам, ки хонадор шуда будам, ягон чиз аз дастам намеомад. Зиндагӣ ин мактаби ҳаёт аст, ҳамаи кор аз одам паст, ҳамаи чизро аз худ кардан мумкин. Беҳуда дар урфият нагуфтаанд, ки «аз тафси шарик як бача кардан мушкил, дигар ҳамаи кор осон»«*. Холаам ҳеҷ гумон надоштанд, ки хоҳарам ҳам гап задан метавонистаанду кор ин хел ранг мегирад. Ман қатъиян хоҳарамро бурданӣ будам. Дигар кор аз дасташ набиёяд агар, фаррошӣ метавонад, фикр кардам ман. Ягон хонача ҳам он вақтҳо ёфтан мумкин буд. Холаам даррав паст фуромаду моро гуфтаи кадоме «зиву забон» кардан гирифт. Қаҳрам каме паст шуду аз ниятам гаштам. Дар дилам гуфтам, ку бубинем, оянда чӣ мешавад. Хайрият ояндааш ба некӣ анҷом ёфт. Холаам аз ҳамон вақт рафторашро дигар карданду ҷони хоҳари бечораам амон ёфт. Умуман аз ҳамин гуна таҷрибаҳо хулоса баровардам, ки бечора духтарҳоямонро ба шавҳар дода, аз ҳолашон бояд доимо хабардор бошем. Хабар нагирӣ, бесоҳиб гуфта азобу шиканҷа медиҳанд. Шавҳари хоҳарам донишгоҳро тамом кард. Раҳматӣ падарашон ба онҳо хонаи алоҳида сохта дод. Ҳоло онҳо соҳиби чаҳор фарзанд: се духтару як писаранд. Ҳамаашонро тӯй кардаанд, иншоолоҳ, ки давлати пирӣ ёбанд.

Якуми июли соли 1977 Худо моро соҳиби писарчаи дигари дӯстрӯяке кард. Фарзанди чорум. Хостем ба Маликаҷон ҳамроҳ хоҳараке таваллуд кунем, вале насибамон шуд

Олимҷон, ки ба ҳамаи мо азизу меҳрубон ва марҳами дилу ҷон гардида буд. Як чизро ман фаромӯш кардам дар ин ҷо қайд кунам. Ҳоло ба хотирам омад ва бояд бинависам.Дар бораи хонаи истиқоматиамон дар шаҳри Хоруғ. Соле, ки ба Хоруғ кӯчидем (1972) се моҳ иҷоранишин будем. Баъдан акаи Рангалӣ (хеши падариам), ки сардори идораи сохтмон буданд, аз ҳисоби худашон як хонаи ду ҳуҷрагиро дар бинои нав ба мо гирифта дод. Хонаи нағз буд, аммо барои хешовандони мо, ки доимо дар сафару равуо буданд, хонаи мо ба гуфти ҳамсояҳо «меҳмонхонаи ишкошимиҳо» басӣ намекард. Баъзан ҳамин хел ҳам мешуд, ки ҳамаи меҳмононро хобонда, худамон базӯр дар ошхона, ки бисёр ҳам хурдакак буд, бо ҳамроҳии кӯдакон шабро рӯз мекардем. Акои Рангалиро мегуфтам: *«Ака додеду нadодед, яку якбора 3 ё 4-хонагӣ медодед? Охир шумо худатон ҳамин ҳолро доред, бояд вазъияти моро мефаҳмидед»*. Ӯ шӯхӣ карда мегуфт: *«Ба ҳаминаш ҳам шукр гӯед»*. Албатта, ҳазор бор шукр.

Хулоса ариза навишта дар навбати хонагирӣ истодем. Вақте ки ман касал шуда таваллудхона рафтам, ҳамон рӯз ба Ширин калид ва ордери хонаи 3-ҳуҷрагӣ, дар ошёнаи сеюми бинои нави чаҳорошёна доданд. Ман инро фоли нек ва аз пои қадами Олимҷон дидам. Инчунин, соли 1977 якумин бор телевизиони марказии шӯравӣ дар Бадахшон ба кор шӯруъ кард. Магар ин ҳама хушқадам будани тифли навзодамонро нишон намедиҳад? Номашро раҳматӣ хушдоманамдар радифи номи Нозим – Олим гузоштанд. Ҳар ду номҳоро раҳматӣ интихоб карда буданд. Номи Ҷамҷону Маликаҷонро ҳардуямон, ману Ширин мондем. Баъдан раҳматӣ падарам гуфтанд, ки Малика номи аммаашон, ки дар Афғонистон зиндагӣ мекардааст, будааст.

Шашмоҳа рухсатии баъди таваллудкуниро гузаронидаму Олимҷонро назди Маликаи 7-сола мондаму баромадам ба кор. Ба раҳматӣ хушдоманам дар ошёнаи сеюми хонаамон зиндагӣ кардан душвор буд. Умри худро он кас дар ҳавливу замин гузаронида буданд. Дилашон хонаҳои бетонӣ тангӣ мекард. Фақат се моҳ тоқат карданду баргаштанд ба қишлоқ. Ӯ гуфт, ки ин ҷо ҳаминаш нағз, ки шумо рӯзона агар кор ку-

нед, шаб назди кӯдакҳоятон хоб меравед, ба ғайри рӯзҳои навбатдории Ширин.

Ҳақиқатан ҳам дар Хоруғ мо фаҳмидем, ки ба ғайри кор оилаю хона ҳам будааст. Ин ҷо вақти тӯйравию, муборакбоду меҳмонӣ ҳам будааст. Меҳнати кардагиамон ҳам ба назар гирифта мешуд. Чандин бор бо ифтихорномаҳо ва тӯҳфаҳои хотиравӣ мукофотонида шудем. Ширин бо нишонаҳои сарисиннагии «Аълочии ҳифзулсиҳат», «Аълочии санитарӣ», ордени «Байрақи Сурхи Мехнат» қадрдонӣ шуд. Аз соли 1978 то 1988 дар муддати даҳ сол ҳар дуямон дар комиссияи даъваткунандагон ба сафи артиши ҳарбӣ, адои вазифа мекардем. Ман котиби комиссияю Ширин духтури калон. Аз ин ҷо ҳам нишонаҳои фахрӣ ва мукофотҳои пулӣ доданд. Соли 1978 бо ташаббуси бевоситаи Ширин, ки вазифаи ҷамъиятии раиси иттифоқи касабаи бемористонро ба ӯҳда дошт, озмуни «Ҳамшираи тиббии беҳтарин» дар ҳамаи шӯъбаҳои бемористон гузаронида шуд. Дар ин озмун ман ҳам иштирок намуда ҷои аввалро сазовор гаштам. Аз ҳамон вақт сар карда, баъди ҳар се сол ин озмун гузаронида мешуд. Соли 1988 ҳам ман дар ин озмун аз қаҳри кормандони ҷавони беномус, ки иштирок кардан нахостанд, иштирок варзида ҷои якумро ишғол намудам ва бо роҳхати бепули туристӣ ба шаҳри Одесса ба саёҳат рафтам. Ногуфа намонад, ки дар фаъолияти меҳнатиям, ман ба адабиёти илмии тиббии он замон шавқи зиёд доштам. Ба хусус, мақолаҳоямро дар маҷаллаи касбии «Фельдшер и Акушерка» (Москва) чоп мекардам ва боиси ифтихорам буд, ки аз ҷумҳурихои Осиёи Миёна ягона иштирокчии фаъоли ин маҷалла будам.

Маликаҷон дастёракамон шуда буд. Шукри Худо ҳам додарчаашро медиду ҳам рӯбучини хонаро аз ман беҳтар мекард. Олимҷон фарбеҳакак буду апааш ӯро базӯр кашол мекард. Духтури бачагонаи ҳавзаамон хар вақт барои санҷидани саломатии кӯдакҳо омада, дар тааҷҷуб мемонд, ки чӣ хел ҳамин гуна духтарча аз ӯҳдаи нигоҳубини бародараш мебарояд. То ҳоло ҳам маро дида ёдоварӣ мекунаду аз ҳардуяшон мепурсад. Бале Маликаҷон, Худо баракаташа диҳад, дастёри якумраи мо гардид. 17-соле, ки мо дар

қишлоқ умр ба сар мебарем таи ҳамин солҳо, ягон солашро (дар назар дорам рухсатии меҳнатиашро) ба худ набахшида, фақат дар хизмати мо аст. Фарзандонаш Ошурҷону Авҷинаботҷон ҳам бо ҳамроҳии Зеварҷони Ҷамшеди саргумам, бо сар шудани таътили тобистона дарров ба ин ҷо мебиёянду дар ҳамаи корҳои хоҷагиамон ёрирасони моянд. Набераҳоямон Ҷамҷон, Бахҷон, Анаис-аз Нозимҷон, Адисҷони Олимҷон ва Алияҷони хурдакаки Гулбегим – иншоолоҳ пайрави онҳо хоҳанд шуду ин макон, яъне хонаи бобояшон ҳамчун ошёни умеду орзуҳояшон боқӣ хоҳад монд. Ин ҷо мо доимо интизори кабутаракони навболу парамон ҳастем. Мо барои онҳо ва бо онҳо зиндаем.

Ошурҷонро дар синни 5-6-солагиаш яке аз хешовандон мепурсад: *«Ба ту Хоруғ маъқул ё Душанбе?» – «Авҷ!»*-ҷавоб медиҳад ӯ. Ҳол он, ки дар бораи Авҷ сухан ҳам набуд. Фақат барои ҳамин мо бояд, новобаста ба ҳамаи мушкилиҳо, бадбиниҳо ва ғайраю ғайраҳо сар нафурорему зиндагӣ кунем. Танҳо ба хотири фарзандону наберагон. Мешавад баъзан ҳодисаҳое, ки мехоҳӣ ҳамаашро партофта равӣ, як ду се соли охири умратро осудаҳолона ба сар барӣ. Аммо не, боз худата тасаллӣ медиҳию тоқат мекунӣ. Зиндагӣ ин мубориза асту мо то охири умрамон – мубориզон. То вақте ки ҷон дар бадан асту қувва дар тан, тоқат мекунем. Тавакали бадон ба Худо. Намехоҳам, ки фарзандонамро ҳам ҳамин хел беҳурматӣ пеш ояд.

Соли 1979 моҳи июл акаи Ғуломҷон –писари холаи Ширин, падари Гулрӯи сунорамон даргузаштанд. Онҳо дар Душанбе зиндагӣ мекарданд. Ширин вақти бемориашон рафта ӯро оварданд. Захми меъда гуфта ба ҷарроҳӣ гирифтанд, ки саратони меъда будааст. Як ҳафта баъди ҷарроҳӣ ӯ бо ҷаҳон падруд гуфт. Ӯро дар қишлоқи Мулвоҷ –ватани падарашон дафн карданду ҳамаи расму русуми азодориро дар хонаи акаи Акимбек, пеши хушдоманам гузарониданд. Ҳамсарашон Тамара, ки ба диабети қанд гирифтор шуда буданд, баъди 8-сол аз олам чашм пӯшиданд. Соли дароз бистарӣ шуда буд, як пояшро бурида буданд. Гулрӯ дар ин асно аспирантура мехонд. Барои нигоҳубини модараш шуда

хонданро як сӯ монд.

Соли 1980 акаи Шердил баъди бемории тулонӣ ба дунёи ҳастӣ падруд гуфтанд. Вой бар ҳоли раҳматӣ хушдоманам...Худо медонисту ҳолаш. Бисёр ҳам зани пурсабру тоқат буданд. *«Шукри Худо, ки маро ёд кардӣ, бад аз бадтар накунӣ «,* мегуфт ҳар замон. *«Мурдан ба ман хуб буд, аммо худо ба дили худ аст»,* – мегуфт. Сипас завҷаи акаи Шердил-апаи Паримо баъди 8-соли дигар дар натиҷаи ҷарроҳии омоси рӯдаи рост даргузаштанд. Онҳо сохиби даҳто фарзанд буданд: се писару ҳафт духтар.

Моҳи июли соли 1981 бори аввал бо ҳамроҳии раҳматӣ Тамара Александровна ба шаҳри Маскав сафар кардам. Аз Товус (Таня) духтари калониаш, ки дар онҷо мехонд, баъди хатми донишгоҳ бо ҷавони ҳамкурсаш издивоҷ карда писарча таваллуд карда буд. Раҳматӣ Тамара ба ягон ҷо рафтан намехост. Ман бошам, шаҳрро сайру гашт кардан мехостам, ҷойҳои таърихиро бубинам. Шавҳари Таня – Игор бисёр ҳам ҷавони хубе буд. Маро ҳамроҳӣ карда ба Қасри Кремл, ба Мавзолей, ба боғи Александрӣ ва дигар ҷойҳо бурда тамошо дод. Бисёр афсӯс мехӯрам, ки ин ҷавони нозанин ҳам айни камолоту хушии зиндагӣ аз дунё даргузаштанд. Умуман духтарони акаи Ғуломҷон –ҳар сеяшон аз ҷониби шавҳар бебахт баромаданд.

Соли 1982 бародари миёнагиам Гулбекро, ки донишҷӯи курси 4-уми донишкадаи русӣ буд, ҳабс карданд. Боз ғаму ҳасрат, боз гиряю нола. Ба ғайр аз гиря илоҷу чорае надоштам. Гулбек аз хӯрдиаш бисёр шӯху кунҷков буд. Баъди марги модарам ӯ тамоман дигар шуд. Ба зани дигар гирифтани падарамон, тамоман муқобил буд. Ҳеҷ намехост падарамонро бахшад. Маро ҷанҷол мекард, ки: «*Ту калони мо буди, барои чӣ иҷозат додӣ, ки падарамон ба хона зани дигар биёрад».* Чӣ қадар насиҳаташ мекардам, мефаҳмонидам, аммо ҳамааш бефоида. Вақте ки бародарони навамон ба дунё меомаданд, маро телеграмма дода менавишт: *«Туро бо додарчаи нават табрик мекунам»*. Гӯё, ки фақат додарҳои ман буданд. Вақти дар хизмати харбӣ буданаш, як ду бор пул барои рӯзи мавлудаш фиристондам. Ҷавоб навишт: *«Апаҷон, ҳеҷ инти-*

*зор набудам, ки ягон кас маро ёд мекунад. Модар, ки нест, мегуям ман ба ҳеҷ касе лозим нестам, раҳмати калон».*

Вақти донишҷӯиаш бо муаллимааш баҳсу мунозираи сиёсӣ карда худашро ба маҳбас медиҳад. Ширину бародарам Абиб рафтанд, хеле таку дав карданд, аммо бенатиҷа. Сипас ману бародари хурдиам Зӯрбек рафтем хабаргириаш. Аз суханонаш маълум буд, ки пушаймон шудааст. Тасаллиаш додем, ки тамоман рӯҳафтода нашавад. Охир беҳуда нагуфтаанд, ки «бар сари фарзанди одам ҳар чи ояд бигзарад».

Ниҳоят ӯ аз ҳабс озод шуд. Бо духтараки ҳамдеҳаамон, ки хешдухтари дурамон буду интизори Гулбек буд, хост издивоҷ кунад. Се чор бор раҳматӣ падараму Ширину бародарам Абиб хостгорӣ рафтанд. Аммо падараш ҳеҷ розигиашро намедод. Бечора бародарам ноилоҷ духтарро гирифта гурехту дар ноҳияи Мурғоб аз қайди никоҳи давлатӣ гузаштанд ва баъдан дар хонаи амакам Амирбек дар Душанбе никоҳи мусулмониро гузарониданд. Амакам нақл кард, ки Гулбек бисёр ҳам хиҷил буд, гиря ҳам кард. Гуфтааст, ки *«Ман асло нахостам, ин хел рафтор кунам. Ман ҳам ҳаваси тӯй доштам, ки ин як бор дар умри инсон ба вуҷуд меояд.. Аммо ман як бор пешпо хӯрда хато кардаму волидони дӯстдоштаам ба ман додани духтарашонро розӣ нашуданд. Ман бояд хонам, диплом гирифта наздаш гузорам».* Аммо сад афсӯс, бародарамро насиб набудааст, аз ҷони ширинашон бармаҳал ҷудо шуданд. На баркамол шудани фарзандонашро диду на лаззати ба воя расиданашонро. Раҳматӣ аз нав ба донишкада дохил шуда, нав ба зиндагӣ дилгарм шуда буд. Хубу аъло мехонд, идрорпулии зиёд мегирифт. Бародарам Абиб, ки омӯзгор шуда кор мекард, ёрдами пулакӣ мекард. Вақте ки завҷааш ҳомила шуду ба таваллудкунӣ наздик шуд, ба ман занг зада илтимос кард: *«Апа, магам шумо биёед».* Падару модари янгаам ҳанӯз ҳам қаҳрӣ буданд. Ман ноилоҷ аз ҳисоби худам рухсатӣ гирифтаму рафтам. Албатта бо розигии Ширин. Дар ин бобат ман аз ӯ бисёр миннатдорам, ки маро ба кӯмаки бародаронам доимо иҷозат медод, садди роҳам намешуд ва аз дасташ чизе меомад, ёрдам медод. Ду ҳафта истодам. Вақтам тамом шуд. Янгаам ҳеч не ки тавал-

луд кунад. Ба Ширин занг задам, ки аз ҷои корам ба ман барои гузаштани курси такмили ихтисос дар диспансери саратони ҷумҳуриявӣ роҳхат фиристад.

Он вақт ман дар кабинети азназаргузаронии занони назди поликлиникаи шаҳрӣ кор мекардам ва гузаштани ин курс ба ман лозим буд. Ду ҳафтаро дар назди духтури сохибэҳтирому ботаҷриба Чила Бандишоева гузаронидам ва ҳамзамон барои такмили касбам бисёр чизро ёд гирифтам.

10-уми январи соли 1988 янгаам писарча таваллуд кард. Хурсандии бародарам ҳадду канор надошт. Охир ӯ падар шуд, падари писараки зебои дӯструяке. Вақте ки аз тирезаи ошёнаи сеюми таваллудхона ин хабари хушро ба мо гуфтанд, бародарам кадуи носкашиашро аз киса кашида дур партофт. Ману бародарам Зӯрбек бо тааҷҷуб сӯяш нигоҳ кардем. Ӯ гуфт: *«Ман ба худам кавл дода будам, ки агар писар шавад носкаширо бас мекунаму номашро Сулаймон мегузорам»*. Ба хотири ҷавонмарде, ки дар ноҳияи Мурғоб шоҳиди никоҳи давлатиашон буд. Ҳамин тавр, бародари шӯхи бепарвоям падар шуду тамоман дигар шуд. Аз дарс меомаду фақат бо писарчааш машғул буд. Танбонҳои тарашро иваз мекард, мешушт, мепӯшонду мегуфт: *«Эй мани аблаҳ, аҷаб умри ҷавонамро бедарак гузаронидам. Барвақттар хонадор мешудам, ҳоло писарам калонакак мебуд. Фалонии хамсинфам, бачааш капа-калон, синфи 9 ё 10 мехонад»*. Бисёр ҳам дар фикри зиндагӣ шуду аммо вой дареғ...

Дар вақти дар наздашон будан шоҳиди он будам, ки бисёр ёру дӯстон наздашон меомаданд, дароюю баро доштанд. Вақти хӯрокпазиам мегуфт: *«Апа гӯштро зиёдтар андозед, сарфакорӣ накӯнед. Ҳамин дароюю барои наздамон будагӣ, ки медонад якто агар дӯст бошад, дигараш душману тамошобин. Мегӯянд духтари фалониро туздида ҳоло аз гӯшнагӣ мекушадаш»*. Ҳамин хел фикрҳою дурандешиҳо дошт худораҳматӣ...

Соли 1983-нахустфарзандамон, ҷигарпораамон мактаби миёнаро хатм кард. Ҳеҷ бовар намекардам. Вақте ки ҷавонтар будаму мегуфтанд, ки фалониро писараш синфи 10 мехонад ё мактабро хатм кардааст, ман ҳавас мекардам, ки

кай бачаи ман ҳам синфи 10 мешаваду кай мактабро хатм мекунад. Ана ман қариб бехабару бачам аллакай мактабро тамом кард! Оҳ чӣ қадар ҳавасҳо, чӣ қадар орзуҳо доштам!

Орзу доштам, ки писарам хонда мисли падараш духтур шавад. Ман ки духтур нашудаму ба орзуям нарасидам, мехостам, ки ӯ орзуи маро амалӣ кунад. Вай ҳамаи омилҳои ба духтур хос бударо дошт: раҳмдил, дилсӯзу меҳрубон, ба дарди кас даво шудан, қавиирода ва ботамкин. Аз хурдӣ, аз синни 5-6-сола буданаш то синфи 9-ум мақсадаш ҳам ҳамин буд. Мегуфт: *«Дадим ворӣ духтур мешавам»*. Ҳаматарафа болаёқат буд: шеър менавишт, мерақсид, дар намоишномаҳои театрикунонида иштирок мекард. Ба суратгирӣ завқ дошт. Дар мактаби мусиқӣ навохтани баянро аз худ кард. Аммо дар синфи нӯҳ мақсадаш дигар шуд. *«Мехоҳам актёри театр ва кино шавам»,* – гуфт вай. Мо инро интизор набудем, вале розигиамонро додем. Чӣ илоҷ. Ҳар кӣ бояд касби дӯстдоштаашро интихоб кунад. Баъди хатми мактаб роҳи донишкадаи саънатро пеш гирифт, ба факултаи актёрӣ. Онҳо нав гурӯҳи русӣ ташкил карда буданд. Чун Ҷамчон мактаби русӣ хонда буд, ҳуҷҷатҳояшро ба он ҷо супурд. Гуноҳи мо ҳам шояд ҳамин бошад, ки ягон нафарамон ҳамроҳаш нарафтем, таку дав накардем. Вақти мусоҳибаи пеш аз имтиҳон, гӯё, ки аз озмун нагузашт. Аз гуфти аъзои жюри: *«Ба мо суратан русский Иван даркор, инро (яъне Ҷамҷонро) чӣ қадар грим ҳам кунед, монанд намешавад»*. Нахостанд, тағою амак аз қафо набуд, қабул накарданд. Бечора бачам баъди ин ҳуҷҷатҳояшро ба донишгоҳи тиббӣ месупорад, аммо чун тайёрӣ надида буд, нагузашт. Ба хона баргашту як сол дар ПМК ( колоннаи механиконидашуда) коргари сохтмон шуда кор кард. Тобистон ҳуҷҷатҳояшро ба академияи ҳарбии тиббии Ленинград, ки аз тарафи комиссариати ҳарбӣ ҳамоҳанг мешуд, супорид. Имтиҳонсупорӣ дар Душанбе бояд сурат мегирифт. Аз ин ҷо ҳамроҳаш аз комиссарияти ҳарбии вилоят намоянда рафт. Вале Ҷамшед он ҷо ҳам имтиҳонҳоро супориду аз мандат нагузашт. Ду нафар номзад монда буданд, Ҷамҷони мо ва боз писари ким кадом калоншаванда. Албатта, ӯро гузарониданд. Бачам боз

баргашта дар сохтмон корашро давом дод. Барои ноумедиҳои дохилшавӣ ва коргари сохтмон буданаш бисёр шеърҳо дорад. Моҳи маи 1985 дар яке аз рӯзҳои истироҳат, дар хона нишаста будем, ки занги телефон шуд. Гирифтам, аз он тарафи сим: *«Ман Давлат Худоназаров, мехоҳам бо писаратон Ҷамшед вохӯрам»*. Ман дар тааҷҷуб будам, чӣ гап бошад? Охир Давлат Худоназаровро кӣ намешинохт, коргардони номии кинои тоҷик. Ӯ ҷои вохӯриро таъин карду мо рафтем. Ман ҳам ҳамроҳи Ҷамҷон даромадам ба наздаш. Баъди салому алейк ӯ гуфт: *«Ман мехоҳам шахсан бо худаш гап занам, шумо моро танҳо монед»*. Ман баромадам. Баъди 30-40-дақиқа маро ҷеғ зада пурсид: писаратон актёр шудан мехостааст, чаро садди роҳаш шудед? Ман асли воқеаро нақл карда додам. Ҳоло, гуфт ӯ, ман ҷавонони лаёқатмандро ҷамъ карда ба ВГИК (институти давлатии киноматография) фиристонданиам. То якуми июн фикр кунеду ба ман занг занед. Ман пурсидам, оё кафолат аст, ки писарам албатта дохил шавад? Ӯ гуфт, не, ягон кафолат нест, ҳама аз худаш вобаста. Ман гуфтам ин хел бошад не. Роҳи дароз тай карда саргардон шаваду боз бенатиҷа, лозим не.

Баъдан худамро бисёр сарзаниш кардам. Барои чӣ розигӣ надодам. Мумкин, ки писарам дохил мешуду қисматаш ранги дигар мегирифт. Аз ҷони ҷавонаш бенасиб намешуд. Оҳ, чӣ фикрҳо ки ба сар намеояд, чӣ андешаҳо, афсӯс, сад афсӯс. Худи ҳамин сол Маликаҷон синфи 8-ро хатм намуд. Ӯ аз хурдиаш мегуфт: ман аввал модарам барин мешавам, яъне ҳамшираи тиббӣ, баъд падарам барин духтур. Мо ҳам гуфтаи ӯро дар назар дошта бо ҳамроҳии духтари акои Акимбек – Мунира, ки ҳамсоли Малика буд ва Ҷамшедҷонро гирифта якҷоя роҳи Душанберо пеш гирифтем. Ҳуҷҷатҳои духтарҳоро ба омӯзишгоҳи тиббии ш. Орҷоникидзеобод (ҳоло – Вахдат) супоридему ҳуҷҷатҳои Ҷамҷонро ба факултаи филология ва журналистикаи донишгоҳи давлатӣ. Шукри Худо ҳамаашон дохил шуданд. Вале писарам ду моҳ хонду ба сафи қувваҳои ҳарбӣ даъват шуд.

Хизматро дар Прибалтика дар шаҳри Вильнюс адо кард. Вақти хизматаш ҳам бисёр шеърҳо менавишт. Ҳар мактубаш

ба хона бо шеър тамом мешуд. Аз хизматаш ба номи мо раҳматнома омад. Декабри 1987 аз сафи артиш рухсат шуда омад. Ман ҳамин вақт дар Душанбе будам (барои таваллудкунии янгаам рафта будам). Дар он ҷо писарамро вохӯрда таҳсилашро дар донишгоҳ дар факултааш барқарор кардему ҳамроҳ хона омадем. Ду ҳафта истоду баргашт барои давом додани хонданаш.

Ҷамшед ҳамеша хоҳарчаҳояшро ба омӯзишгоҳ хабаргирӣ мерафт. Дар бораи хоҳараш ҳамин хел гуфта буд: *«Ҷиянҷон Малика аз ман хурдтар, аммо ақлаш бисёр расо. Ӯ худи ту барин, дилсӯзу меҳрубон. Ҳар гоҳ хабаргириаш меравам ӯ новобаста аз он, ки худаш донишҷӯ, дар кисаи ман як ду сӯм мезанад, модар барин рафтор мекунад».* Ҷамшедҷон вақти донишҷӯ буданаш бештар хонаи акаи Ғуломҷон, пеши оилаю духтарҳояш мерафт. Бо онҳо робитаи хуб дошту онҳо ҳам ӯро нағз пазирой мекарданд.

Соли 1988 Маликаҷон омӯзишгоҳро хатм карда дар шӯъбаи бемориҳои дарунии бемористони вилоятӣ ба кор шӯруъ кард. Ба ман ҳам ёрдамчӣ дар хона, борам андаке сабук шуд.

Моҳи январи соли 1989-акаам Қурбонбек дар шӯъбаи ҷарроҳии касалхона хоб рафта буд. Ман хӯрок пухта ба кор бурдаму вақти танаффуси нисфирӯзӣ рафтамаш хабаргирӣ. Аз наздаш баромада дар пешдолони шӯъба ҷавонзани шиносеро, ки ҳамсолам буд, дидам. Ӯ касалии вазнин (саратони сина, ки қобили табобат набуд) дошт. Марг аллакай домангираш буд. Аҳволашро дида хеле маъюс гаштам. Духтари калониаш, нахустфарзандаш донишҷӯи донишгоҳи тиббӣ буду се фарзанди дигараш мактабхон. Ҳамин хаёл ба сарам омад, ки ин ҳозир ин зан мемураду духтараш ман барин дидор ба қиёмат мешавад. Ба саҳни ҳавлии бемористон баромада намедонам чӣ кор шудам. Ё лағжидаам, ё фишорам баланд шудааст, беҳуш афтидаам. Замоне ба худ омадам, ки ман дар шӯъбаи шикастабандӣ, дар сарам духтурҳо ҷамъ. Ман ҳеҷ чизро дарк намекардам: куҷо будам, чӣ кор кардам. Дар хотирам чизе набуд. Баъдтар оҳиста-оҳиста ҳама ба ёдам омад. Ширин дар ҳамин вақт набуд. Ӯ як зани хешашро, ки касали

вазнин буд, ба Ишкошим ба хонааш бурда буд. Ҳамкорони Малика маро дида ба ӯ занг задаанд. Баъди чанд вақте духтарам гирякунон ҳозир шуд. Ширин бегоҳ омад. Ҳаёти инсон ҳамеша мисли ашки сари мижгон аст. Як дам ғанимат аст, одам ғанимат аст, беҳуда нагуфтаанд. Даҳ рӯз дар касалхона хоб рафтам. Вале хоб аслан маро намебурд, агар барад хобҳои даҳшатнок медидам. Баъдан хулоса баровардам, ки ин як пешомади хабари нохуш будааст. Мо ба забони ишкошимӣ инро «рвен» меномем. Ду бор, дар вақти дар бемористон буданам, хоб дида будам, ки девона шудаам. Ин ба марги бародарони нокомам анҷомид, ки паи ҳам баъди якуним моҳ даргузаштанду ман ҳаққонӣ девонаю қаландар шудам барои онҳо.

28-уми феврали 1989 бародарам Абиб, ки мудири қисми илмии мактаби деҳаамон буд, сахт тарсидааст. Муаллимаи синфи якум доду фарёдкунон ба наздаш медарояд, ки кӯдакҳоро самос (газолуд) задаасту ҳамаашон мурдаанд. Дар синф алови ангиштсанг будааст, ҳама аз гази $CO_2$ заҳролуд шуда буданд. Дар байни кӯдакон писари дуюми бародарам ҳам буд.

Аз нақли бародарам: *«Апа намедонам чӣ гуна мо ҳамаи 25 нафар кӯдакро аз синф баровардa ёрии аввалиндараҷа расонидем ва духтурро ҳам ҷеғ задем. Худоро шукр, ки ҳамаашон наҷот ёфтанду кор ба хайр анҷомид»*. Аммо худи ҳамин шаб бародарам касал мешавад. 4-уми март ба Хоруғ овардандаш. Духтур муайян кард, ки ӯ сактаи дил ва дучори дигаргунии рӯҳӣ шудааст. Мо фақат касалии рӯҳиашро табобат мекардему дар бораи дилаш фикр накардем. Инро ман баъд фаҳмидам, ки ӯ сактаи дил шудааст, охир аз бемории рӯҳӣ он қадар тез намемуранд, то қасди ҷони худ накунанд.

То 8-уми март дар хонаи мо табобат гирифт. Бародари хурдиам Зурбек ҳамроҳаш буду хеле заҳмат ҳам кашид. 8-уми март бо мошини худамон овардемаш ба деҳа, ба хонаи падар. Роҳ бисёр ҳам валангор буд, ҳарҷо-ҳарҷо тарма роҳро маҳкам карда буд. Мошинҳо қатор меистоданд. Бо қувваи даст ронандагон ва мусофирон роҳро тоза мекарданд. Бародарам дар ин мавридҳо хеле нотоб мешуд. Гиря мекард,

ҳамин хел ки мурдаи азизеро гиря кунӣ. Вой додарам мегуфту дар сараш мезад. Инчунини дигар: *«Мо ду кас бояд бимирем»* – ҳамвора мегуфту тарафи бародарам Зурбек нишон дода – *«ту не, ту не»,* мегуфт. Ба хона расондему худамон баргаштем, чунки Ширин ба Қазон ба курси такмили ихтисос бояд мерафт. Ӯро гусел кардаму худам танҳо бо ҳамроҳии Маликаҷону Олимҷон мондем. Бачаҳои калон дар Душанбе донишҷӯ буданд. Ҳар замон ба хона занг зада аз аҳволи бародарам хабардор мешудам. Як рӯз раҳматӣ бародарам Гулбек занг зада пурсид, *«Апа барои чӣ маро хабар намекунед, акаам касал будааст?».* Ӯ инро аз Ширин фаҳмидааст. Ман ҷавобаш додам, ки: *«Охир ӯ он қадар касал нест, ки ту хонданатро монда биёӣ».* Ман ҳеҷ боварӣ надоштам, ки бародарам мемирад. *«Не апа, пагоҳ ба ман телеграмма фиристонед, ман ҳатман бояд биёям. Охир ҳамин қадар аз қафои ман ҷабру ҷафо кашид, саргардониҳо диду ман як бор хабараш нагирам?»* Пагоҳаш-13-уми март ман ба ӯ телеграммаи тасдиққардаи духтурро фиристондам. Бегоҳи ҳамон рӯз, тахминан соатҳои 9-10 амкам Тоҳир занг зада гуфт, ки аҳволи Абиб вазнинтар шуду фақат туро мепурсад. Чӣ кор кунам? Аз куҷо мошин ёбам? Ширин набуд. Соати дуи шаб писари амакам Акбар бо ҳамроҳии раҳматӣ Музаффар (писари холаи Ширин) барои ман омаданд. Онҳо ба ман росташро нагуфтанд, ки бародарат аллакай мурдааст. Агар росташро меҳфамидам, бечора хоҳарамро ҳам мегирифтам аз Поршнев. Хулоса хона омадам, ки бародарам дар дукон рост кардагӣ. Вой бар ҳоли зори касе, ки азизашро аз даст диҳад!

Рӯз маросими дафн буду бечора хоҳарам тӯмору таштоб гирифта гӯё хабаргири омад. Аммо ҳайҳот, ба бародарамон дигар ҳеҷ чиз лозим набуд. Рӯзи сеюми маъракa, маросими чароғравшан, бародарам Гулбек ҳам омад. Ҳеч аз ёдам намебарояд нолаю фиғони ӯ дар сӯгвории Абиб. Маро боз ҷанҷолу сарзаниш кард, ки чаро ӯро сари вақт хабар накардаму ӯ дидор ба қиёмат монд. Оҳ, ман аз куҷо медонистам, ки бародарам ин қадар тез ҷавонмарг мешавад. Гулбек ба манзилгоҳаш рафта хуб доду фиғон карда гуфт: *«Ман туро танҳо намемонам, ман албатта наздат меоям».* Оҳ ин чӣ

гап буд! Оё онҳо маслиҳати вафодорӣ то марг доштанд? Намедонам. Охир бародарони бемодарам байни худашон бисёр бомеҳру тифоқ буданд. Вақти донишҷӯиашон ҳалкунандаи ҳар ҷанҷолу хархашаи ҷавонони ҳамдеҳаамон буданд. Ба кӯмаки ёру дӯстон мерасиданд. Серёру ҷӯра буданд. Аммо сад афсӯс, ки ёру дӯстонашон баъди мурданашон як бор ҳам дари беваю сағирагонашонро накӯшоданд, ки шумо чӣ ҳол доред? Онҳо дӯстони нонӣ ва забонӣ будаанд, на ҷонӣ. Баъди маъракаи азодорӣ ҳар кӣ ба хонаю дари худ баргаштем. Худо медонист аҳволи падараму янгаамро. Янгаам ба ман гуфт, ки думоҳа ҳомила аст. Тавсияаш додам, ки биё исқот кунем, аммо ӯ розӣ нашуд. Шояд писар шавад номашро мегузорем, гуфт. Баъди ҳафт моҳ духтарча ёфту номашро Олимҷони мо Гулрафтор гузошт. Хуб шуд, ки ба гапи ман гӯш надод. Ин духтарча малҳами дили ҳасратзадааш шуду дар бемориаш дояи ғамхору меҳрубон. Хар нозу нузашро, ҳар инҷиқиашро босаброна мебардошт.

1 маи соли 1989. Ид буду мо се рӯз истироҳат доштем. Ҳамроҳи хоҳарам хонаи падар хабаргирӣ омадем. Рафтем ба зиёрати қабри Абиб. Хуб гиряю нола кардем, бехабар аз он, ки дигарашро, Гулбекро мошин задааст. 30-уми апрел омада будем. Хамон бегоҳ ҳамаамон бо ӯ телефонӣ гап задем. Аз куҷо медонистем, ки охирон бор бо ӯ гап мезанему садояшро мешунавем. Аз бародарам Зурбек 22-апрел писари дуюм таваллуд шуда буд. Аз Гулбек бошад 6 –уми апрел духтарча ба дунё омад.

Сеюми май Ширин аз Мулвоҷ барои омадани мо омад. Ӯро амакам Тоҳир ба наздаш ҷеғ зада асли воқеаро гуфтааст. Дар қишлоқ ҳама бохабар, ба ғайри хонаводаи мо. Ман духтарчаи кӯчаки бародарам Абибро тибқи васияти бурданӣ будам. Ӯ ба барам омад, лекин ба мошин даромадан замон гиря мебардошт, аз мошин метарсид. Ҳамаи хешу табор, писарони амакҳоям ҷамъ омада буданд ва мегуфтанд: *«Апа, ҳозир ӯро набаред, баъдтар мебаред»*. Онҳо ҳама хафа буданд. Ман гумон кардам, ки ин хафагии марги Абиб. Ман аз куҷо медонистам, ки Гулбек ҳам ба мо талхию овардааст. Ба Хоруғ расидем, Ширин моро ба хона бурда, худаш бо Олимҷон

хоҳарамро ба Поршинев бурду бедарак шуд. Бисёр ҳам дер омад. Ҳазору як фикр ба сарам меомад. Ман ку умуман ҳамин хел талвосагари беҳуда ҳастам. Фақат ҳар хел андешаҳои беҳуда сарамро пур мекарду қариб девона шавам. Ин тараф он тараф занг задам. Ба Зарнигор (духтари апаам Хубон), ки шавҳараш дар умури дохила кор мекард, занг зада пурсидам: *«Мумкин ягон садама руй дода бошад, оё Шоғариб намедонад»*. Ӯ маро тасаллӣ дода гуфт, ягон гап нест. Аммо диламро гургҳо тала мекарданд, ким чӣ гапе буд.

Ниҳоят Ширин баъди се-чор соат пайдо шуд. *«Оҳ ман шуморо 10-бор кушта зинда кардам, куҷо гум шудед?»* Намедонам ӯ кадом як баҳонае карда ҷавоб дод. Аслан ӯ ба базаи автомобилӣ рафта мошинро маслиҳат кардааст, то ки ба пешвози маит равад. Ин тараф он тараф алоқа кардааст. Ба холаи поршиневиам ( хушдомани хоҳарам) асли воқеаро гуфтааст. Пагоҳи рӯзи 4-уми май, ман нияти корравӣ доштам. Дар ин вақт занги телефон шуд. Ширин бо касе бо забони ишкошимӣ гап мезад. Гумон кардам, барои як ҳамдеҳаамон, ки дар бемористон касали вазнин буд. *«Пурсидам, ин кӣ буд?»* Бечора намедонист ба ман чӣ хел гӯяд. Ман ба кор равон будам. Баъд ҷуръат карда: *«Хадича, ин амакат Тоҳир буд, гуфт, ки Гулбек касал шудаасту ӯро оварда истодаанд»*. Ман гуфтам: *«Не ӯ касал нею мумкин ягон воқеаи нохуш шуд»*. Ширин дигар ягон чиз нагуфта, рафт барои пешвози маит. Ман дар хона мондам. Баъди чанде духтарҳо омаданд: Замира, Зарнигор, хоҳарам, холаам. Холаам ба хоҳарам баҳона кардааст, ки гӯё ман касал. Ман ҳазор фикру хаёл мекардам, ки мумкин бародарам бо ягон кас ҷанг карду ӯро куштанд.Охир чӣ гап шуд? Холаам, ки аз асли гап хабардор буд, аз дур гапро дар бораи мошин сар кард. Ман ҳеҷ чизро намефаҳмидам. Рӯз бегоҳ шуд, шаб рӯз шуд. Фақат Худо медонисту ҳолам. Соати шаши пагоҳии 5-уми май Ширин омада моро бо мошини худмон савор карда, роҳи Ишкошимро пеш гирифтем. Дар назди маҳаллаи заводи нон, мошинаи УАЗ меистод. Дар бордони ин мошин маити бародари ғурамаргам Гулбек буд. Оҳ Худоҷон! Ба ягон бандаат насиб накӯн ин ҳолати маро!

Амакам Амирбек аз пеши ронанда буду се нафар ҷавонон: писарҳои амакаму якто писари амма дар пеши сандуқи маит. *«Бачаҳо, Гулбекро шояд кушта бошанд»,* – гирякунон пурсидам ман. – *«Не апа, ӯро мошин зад».*

Ҳеҷ бовар намекардам. Охир Гулбек аз 15 – солагиаш дар шаҳр, наход ки мошин занад? Яке аз бачаҳо ҳуҷҷатҳои аз духтур додагиро бароварда ба ман нишон дод. Ману хоҳараму холаам дар мошини маит буда раҳсипори хонаи падар шудем. Падарам намедонист, ки боз мусибате ба сараш омад, боз тире ба ҷигари порааш хӯрд. Ба ӯ гуфтаанд, ки гӯё амакам Амирбек даргузаштаасту ҳозир мебиёрандаш. Вақте ки ба наздики хона расидем, ҳама ҳамдеҳагон ҷамъ омада буданд, доду фиғони хешу табор ба фалак бармехурд. Падарам *«вой додарам»* – мегуфт. Кадоме аз ҳамсоязанҳо: *«о ҷигарсӯхта бародарат не, боз писарат, боз ҷигарбандат»* – гуфта ӯро маҳкам қапид.

Оҳ Худоҷон! Ҳамон рӯзҳои талхи сиёҳро дигар барнагардон. Ба хуки ҷангалат насиб накӯн. Баъдан бародари хурдиам Зӯрбек нақл кард: *«Ҳар ҷо мерафтам ҳамон рӯзҳои 2-3-4-5-уми май, маро аз қафоям ягон кас аст, гӯё пайрагиам мекарданд, ки ман нафаҳмам. Аз амакам рӯзи расидани маит ба хонаи мо каме пайхас шудам. Охир агар амакам мебуд, ӯро бояд ба хонаи бобогиамон, ки он ҷо амакам Тоҳир мезист, мебурданд».* Янгаам, ки ҳоло ба таваллудкунии духтарчааш як моҳ ҳам нашуда буд, янгаи бетолеъам, янгаи камбахтам, янгаи бе ризои падар шӯкарда, айни хушии зиндагиаш, дар ин баҳор бева гардид. Янгаи шавҳардӯстдоштаам ҷавониашро барбод дод. Янгаам Ҷамиларо шояд дуои падари бераҳм зада бошад. Аз дуои ӯ бародарам ҳам ҷавонимарг шуд. Ё ки тақдир ҳамин хел буд. Ҳарчи ҳам буд, сатилҳо оби дида рехт ва ин оби рехта дигар ҷамъ нашуд. Янгаамро бо кӯдаконаш писари амакам Рамазон бо мошинаи худ гирифта овард. Раҳматӣ Зебои духтари амакам Мумин ӯро ҳамроҳӣ кард. Зебо духтур буд. Ӯ чунин нақл кард: *«Вақте маити Гулбекро аз беморхона бароварданд, ҷавоне бо ду даст дар сараш мезаду «вой тағом» мегуфт. Ман ӯро намешинохтам, пурсон шудам, гуфтанд ин писари Хадича-Ҷамшед. Аҷаб ба-*

*чаи боақлу фаросат будааст»* – давом дод Зебо. Намедонистам, ки баъди яксоли дигар Зебои базеб ҳам ғурамарг машаваду Ҷамшеди боақлу бофаросат баъди ду соли дигар саргуму бедарак. Тақозои вақту замон ва тақдиру қисматро бинед, ки бар сари фарзанди одам чӣ ҳол меоварад.

Зебо модар шудан мехост, аммо ба ӯ мумкин набуд, чунки ҳарду гурдааш дардманд буд. Маззаи модариро начашида, тифлаки ҳафтмоҳа таваллуд карда худаш аз ҷаҳон чашм пӯшид. Тифлакаш ҳам умр надида аз қафои модар рафт. Аҷаб дунёи бевафо!!! На ному на нишоне аз Зебо кунун. Модари зораш то ба ҳол гирёну нолону афгору бемадор. Шавҳараш зани дигар гирифт, соҳиби фарзандон шуд, вале вой бар ҷони ҳайфшудаи Зебо. Чӣ илоҷ?

Мурда мемираду зинда бояд зиндагиашро давом диҳад. Чорае нест, ҳама бо ҳамин роҳ равонем. Ногуфта намонад, ки ҳар гоҳе роҳи шавҳараш ба зодгоҳ афтад, албатта ба дидорбинии хушдоманаш ва зиёрати қабри Зебо меравад.

Баъди маросими азодорӣ янгаамро бо кӯдаконаш хонаи падараш бурдем. Онҳо ба маръака омада буданд. Роҳашро кушода оштӣ кардем. Ману бародарам Зӯрбек, ки ҳоло ҳама ғами ду хонавода ба сараш афтода буд, янгаамро ҳамроҳӣ карда Душанбе бурдем. Онҷо ҳам худоиро дар хонаи писари амаамон Содатқадам гузаронидем. Камтар пул буд аз раҳматӣ бародарам Абиб дар кассаи амонатӣ ва пулҳое, ки ба ғамхона оварданд хешу табор – ҳаминҳо дар даст дар ковтукови хона будем, барои янгаамон ва бародарзодаҳоямон. Як хонаи якҳуҷраро бо 4-ҳазори ҳамон вақт ёфта харидем. Даводав карда Сулаймонҷонро ба боғчаи бачагон додем.

Зиндагӣ ё хуб бошад, ё бад, мегузарад. Янгаам бо кӯдаконаш ҳамон солҳои бесару сомониам ягон ҷо нарафта дар Душанбе истод. Доимо аз онҳо хавотир будам. Соли 1998 янгаам бо марди бевае издивоҷ кард. Ин мард инсони хубе будааст ва барои Сулаймонҷону Дилангезҷони хурдакак падарвор муомила мекард. Фарзандони худаш калон соҳиби хонаю дар буданд. Бо инҳо рафтуо доранд, эҳтиром мекунанд. Зани ин мард аз касалии саратони меъда вафот карда буд. Имсол ба бародаронам 20-сол шуд. Сулаймонҷон ҳоло

21-сола буда дар Академияи ҳарбии Русия мехонад. Дилангезҷон дар донишкадаи саънати Тоҷикистон таҳсил мекунад.

Фарзандони Абиб: Аюбҷон, ки вақти мурдани падар 10-сол дошт, ҳоло 30-сола шуда, оиладор, писарчадор, номи падарро баъди 20-сол зинда кард. Осимҷон, ки 7-сола буд, ҳоло 27-сола аст ва дар Русия кору фаъолият дорад. Ҳанӯз муҷаррад аст. Ба хоҳарҳои донишҷӯяш кӯмаки пулӣ мерасонад. Адабҷон ҳоло 24-сола буда донишҷӯ аст. Гулбекаи 29-сола дар Русия кор мекунаду ҳоло бешавҳар аст. Гулбегими 23-сола, ки ман калонаш карда шавҳараш додам, соҳиби духтарча аст. Гуландоми 22-сола – донишҷӯ мебошад. Гулрафтор, ки баъди падар ба дунё омада, ба наздики 20-сола мешавад. Ӯ низ донишҷӯ аст.

Соли 1990-сар шуданд нотинҷиҳо. Дар ҳар гӯшаю канори давлати абарқудрати пешини советӣ ҷангу ҷанҷол. Гап-гапи пош хӯрдани Иттифоқи Шӯравӣ ҳама ҷо садо медод. Чуноне ки пештар ҳам қайд кардам Горбачёв – котиби якуми онвақтаи Комитети Марказии ҳизб, роҳбарӣ кардан натавонист. Давлате, ки фашизмро нест кард, дар як муддати кӯтоҳ аз байн рафт. Сардори демократҳо – Ельцин ғолиб баромад.

Фарзандонам Ҷамҷону Нозимҷон дар Душанбе донишҷӯ буданд. Ҷамҷон кор ҳам мекард. Бо ҳамроҳии Галя фаррошии мактабро мекарданд. Рӯзҳои ид як ҷо назди хешон мерафтаанд. Ҳар кӣ меомад мегуфт: Галяю Ҷамшедро якҷо дидем. Дилам дар таҳлука афтод. Нашавад, ки писарам Гулрӯйро нағз дида бошад. Охир вай худаш муқобили издивоҷи хешу таборӣ буд. Мо бисёр мехостем ба ӯ набераи апаи Сафархотун (апаи Ширин) Заринаро тӯй карда диҳем, ӯ ҳеҷ нахост. Бисёр духтарҳо ба вай ошиқ буданд, аз он ҷумла аз хешони ман. Дар ин бора ӯ ба ман мактуб ҳам навишта буд. Навишта буд: *«ман худам ҳоло намедонам, киро ба занӣ гирам. Аммо ҳаминаширо аниқ медонам, ки бояд оилаи ман ба оиладории шумо падару модарҷон монанд бошад. Ҳамин хел, ки шумо ҳамдигарро ҳурмату эҳтиром мекунед, ба дили якдигар кор мекунед, дар байнатон ҳамдигарфаҳмӣ аст, миёни ҳеҷ оилаи шиносҳо ва хешу табор намебинам».*

Мумкин бачаҷонам дар симои Галя ҳамин нишонҳоро дида буд. Вақти таътил якҷоя меомаданд. Як ҳафта истода Галя бармегашт, чунки ӯ аллакай кор мекарду 6-сол аз писарам калонтар буд. Мани аблаҳ одат карда будам, ки бо фарзандонам ҳамаи гапро ошкоро ва росто гӯям. Хислати найрангбозию фиребгарӣ нисбати на ин ки фарзандону оила, балки касе, ки бо ман робита дошт, надорам. Вобаста ба ҳамин одатам, гапро ҳарчи тезтар фаҳмам гуфта аз Ҷамшедҷон пурсидам: *«Бачам мумкин, ки Галя ба ту маъқул бошад, маъқул, ки бошад, мо розӣ, чунки ин зиндагии туст на аз мо, ту худат беҳтар медонӣ»*. Бачаҷонамро авзояш дигар шуд. Вале оромона гуфт: *«Ҷияҷон ман хонаи онҳо барои он равуо дорам, ки онҳо маро нағз мефаҳманд, худамро он ҷо ҳамчун дар хонаи худам ҳис мекунам. Галя нисбатам ғамхору меҳрубон»*. Агар писарам розӣ намебуд, аз ин гапам албатта қаҳраш меомад.

Оҳ, мурам ману гунг шавад забонам, то ҳоло ҳам худамро дарун-дарун мехурам. Шояд намепурсидам, бачекам заҳра намекард бароямон гуфтану хонданашро тамом карда хона меомаду ин воқеаи даҳшатангез ба сарамон намеомад. Ҳамин хел як умр андешаи шояду бояду агар дорам. Тақдир ҳамин будааст. Худованди таъоло фармудааст: «ҳамаи корҳоро ман мекунаму бандаам аз якдигар мебинад». Ҳаққонӣ ҳам ҳамин тавр аст ва ба ҷуз шукрат илоҷе нест. Раҳматӣ хушдоманам баъди марги писаронаш фақат «Худоё шукр, – мегуфт,-. *маро ёд кардӣ, ба додаат ҳам шукру ба гирифтагиат ҳам шукр»*.

Аз гуфтаҳои Галя маълум буд, ки Ҷамшед ба ӯ маъқул аст. Ҳар касе хостгорӣ мерафт, ҷавоби манфӣ медод. Баъди таътил Ҷамшедҷон ба донишгоҳ ба хонданаш баргашту аз он ҷо ба ман мактуб навишт: *«Ҷияҷон ман натавонистам ба шумо росто гӯям, заҳра накардам. Бале саволе, ки шумо додед, рост аст. Ман дар симои Галя оилаи ояндаи худамро мебинам»*. Ман ҷавоб гардондам, ки набошад тобистони меомада тӯй мекунем. Маро фикри он буд, ки Галя солаш калон аст ва оё ӯ қобилияти таваллуд кардан дорад ё не. Мани аблаҳ ҷони бачама фикр намекардаму дар фикри таваллудкунии Галя будам. Модаре мисли ман ба фикрам аҳмақ набудагист.

11-уми августи соли 1991 тӯи Ҷамшедҷон ва Гулрӯйро бо дабдаба барпо кардем. Дар саҳни ҳавлии хонаи 4-ошёна мизҳоро қатор карда дастархон рост кардем. Аз қишлоқ ҳам ҳамаи хешону наздиконро даъват кардем. Охир ин якумин тӯи оилаамон буд, тӯи нахустфарзандамон. Ҳамаи ҳамсояҳо дар хизмат буданд. Баъзеи онҳо, ки Ҷамшедро нағз медонистанду дӯсташ медоштанд, албатта орзу мекарданд, ки ҳамин хел ҷавон домоди онҳо шавад, бо интихоби ӯ ҳайрон будандy якранг сар меҷунбониданд. Яке аз онҳо ба ман гуфт: *«Ҷамшеди нозанинро дар об партофтед»* ва ҳамин гапро се бор такрор карда аз тӯй баромада рафт. Вақте ки бачам гум шуду ман бо ӯ вохӯрдаму ҳарвақта барин ба гиря задам, ӯ ба ман: *«Ҳоло чӣ гиря мекунӣ, ман ҳамон вақт хабарат карда будам, ки Ҷамшедро ба об партофтӣ».*

Зиндагӣ мегузарад...

Моҳи октябри ҳамон сол, яъне соли 1991 падари дар алами ҷуфтписаронаш сӯхтаву бирёншудаам аз олам даргузашт. Ба падарам то андозае, ки тавонистам, хизмат кардам. Дар бемориаш дар сараш будам. Чӣ ҳавасу армоне, ки дошт, ба ҷо овардам.

Як умр азобам медиҳад насиб нашудани дидори модар. Дар бемориаш як қулт об ба даҳонаш нагирифтам. Падарам 77 сол умр дид. Вале азобу машаққати зиндагӣ ӯро бармаҳал пир карда буд. Худ дарун ба дарун месӯхту маро гиристан намемонд. Фақат мегуфт: *«Ғам ин алов аст. Агар аловро ковтуков кунӣ аланга мегирад. Барои ҳамин духтарам сабр кардан даркор. Ҷуз шукрату сабр чорае дигар нест».* Биёмурзадашон, ҷояшон ҷаннат ва манзили охираташон обод бод.

Моҳи декабри соли 1991 дар омад-омади соли нав хушдоманам даргузаштанд. Синнашро аниқ намедонистем, аммо ба ҳисоби худаш аз 100 зиёд буд. Хусурам раҳматӣ дар синни 95-солагӣ, баъди писаронаш вафот карда буданд, соли 1983. Қариб як сол бемор будандy Ширин ӯро бемордорӣ кард. Барои нигоҳубини хушдоманам, аз кор даҳ рӯз рухсатӣ аз ҳисоби худам гирифтаму ӯро таҳу бар карда ба роҳи охирини одамӣ гусел кардем. Ӯро фақат ҳаваси Авҷ буд, чунки

ҷавониаш дар ин ҷо гузашта буд. Мегуфт, ки маро ҳамон ҷо манзил кунед. Ҳамин тавр ҳам шуд, васияташро ба ҷо оварданд. Инро бояд қайд кунам, ки соли 1989 Ширин дар Авҷ хонаҷо гирифта, мақсади хонасозӣ кард. Ӯ ҳам ҳар пагоҳ аз ҷояш хеста: *«Худамро дар Авҷ хоб дидам»* мегуфту ҳавасу орзуяш ҳамин буд. Вақти ҷои хонаро интихоб кардан, раҳматӣ бародарам Абиб ҳамроҳаш будааст. Баъд ӯ ба ман занг зада: *«Апа бисёр ҷои аҷоиб, табиати базеб, об дар дари хона, ҳезум дар гирду атроф. Ба ман бисёр маъқул шуд, ба ту ҳам бояд маъқул шавад»*. Хушдоманамро вақти сар кардани сохтмон, ба ин ҷо Ҷамшедҷон пӯштора овард. Ӯ ҳам бисёр хурсанд буд, ки ин макон боз обод мешавад. Раҳматӣ апаи Сафархотун низ хеле шод буданд аз кори бардарашон ва мегуфтанд: *«Як боракак, ки дар Авҷ хоб кунам, дигар армон надорам»*. Ин нияту ҳавас амалӣ гашта, якборакак нею чанд борҳо шабҳои зимистонро пеши мо мегузаронду моро аз ҳаёту зисту зиндагонии оилаашон дар замонҳои пеш ҳикоя мекард. Бештари некию бадии хешону наздиконро аз ӯ фаҳмидам. Ҳар бегоҳ баъди анҷоми корҳо ба ӯ мечаспидем: *«Апаҷон, илтимос, ку аз афсонаҳои таърихиатон нақл кунед»*. Ва ӯ ба ёд меоварду нақл мекард. Соддагии худашро дар он вақт ёд карда механдиду моро ҳам механдонд. Нақл мекард, ки кори хонаи худашро анҷом дода, медавид хонаи амакаш то ба онҳо ёрӣ диҳад. Бибиаш чангаш мекардааст (дар хонаи амакаш), ки *«Ту ҷои хобу косаю табақатро ҳам ба ин ҷо биёр»*. Ӯ инро ҳаққонӣ фаҳмида ҳамин хел ҳам кардаасту боиси хандаи ҳамагон гаштааст. Нақл карда буд дар бораи он, ки чӣ хел бобояш, падару модарашро бо дуто фарзанд (худашу акояш Бодурбек) аз хона баровардааст. Падару модараш, яъне хусуру хушдоманам бо дуто кӯдакашон дар каҳдон ҷой гирифта, як навъ зиндагӣ кардаанд. Падари хусурам, бобои Ширин – Қурбон (лақабаш Валеҷӣ, бо номи деҳаи рубаруи Авҷ дар Бадахшони Афғонистон, ки зодгоҳаш будааст) нисбати писару сунораш ноҳақона рафтор мекардааст. Гап дар сари он, ки зани якумаш, яъне модари хусурам ва хоҳараш Некбахт мемурад. Бародараш Наврӯз ҳам мемурад. Барои он ки хоҷагӣ вайрону валангор нашавад, модари

Қурбон –Сафархотун, янгаашро ба ӯ никоҳ карда медиҳанд. Янгааш аз шавҳараш Наврӯз ҳомила буду писар таваллуд мекунад. Номашро ба номи падараш Наврӯз мегузоранд. Ана бобои Қурбон ҳамин бародарзодаашро нисбати писари худаш нағзтар медидааст. Ӯро эрка калон карда, ҳар ҷо тую маърака мефиристондааст, паҳлавонӣ мекардааст. Кори деҳқонию хоҷагиро бошад, бечора хусурам иҷро мекардааст. Ҳамин ҳолат чанд сол давом мекунаду оқибат аз хона мебарорадашон. Онҳо (хусуру хушдоманам) ки ҳарду меҳнаткаш будаанд, тез зиндагии мустақилонаашонро барпо мекунанд. Хушдоманам аз хешу табораш ҳайвон ҷамъ карда, чорводорӣ мекунад. Хусурам бо як порча заминаш деҳқонӣ мекардааст. Хуллас, зиндагии онҳо беҳтар мешаваду вазъи хонаи падар бо бародарзодааш рӯз то рӯз хароб тар. Баъд писари калони Наврӯз – акои Гулзорро бо духтари аммааш Некбахт – Давлатмо оиладор мекунанд. Онҳо, ки ҳардуяшон меҳнатдӯст будаанд, хонаи падарро аз нав обод ва зиндагии худро ташкил мекунанд. Акаи Гулзору апаи Давлатмо пешқадамони хоҷагии қишлоқ буданд. Хонаи онҳо ҳам доимо аз меҳмон пур буд. Гулзорро ҳамаи кас мешинохт то вақте ки раҳматӣ апаи Давлатмо дар қайди ҳаёт буданд. Баъди сари ӯ, акаи Гулзор худаш ба ҳисоб дастнигару дар ба дар мешавад. Оила ҳамон вақт оила ҳаст, ки зану мард якҷо ҳастанд, бо мурдани яке аз инҳо оила нобуд мешавад. Ин фикри шахсии ман. Ҳамчунин, ин хел гапҳо аст, ки мардро мард мекардагӣ ҳам зан ҳасту номард мекардагӣ ҳам – зан. Ё ин ки дар ҷойҳои мо ин хел мегӯянд: *«аввал зану охир зану он гаҳ зану мард»*. Ҳамаи нақлҳо ва ривоятҳо дар бораи Авҷу оилаи Курбонро аз раҳматӣ апаам Сафархотун шунидам. Бо хушдоманам дар ин бобат он қадар гапу гузор сурат намегирифт. Шояд барои кам будани вақту даводавии кори давлат. Фақат як чизро доимо ба таври насиҳат мегуфт: *«Тухмаи Қурбон бахилу бародархӯр, шумо ба будаи онҳо накӯнед. Ҳамин хел рафтор кунед, ки ҳаққи салом дар байнатон бимонад»*. Баъдан аз гуфтаҳои апаам Сафархотун маълум гардид, ки нисбати бечора хушдоманам бисёр бадбинию носозгориҳо аз тарафи уварашу хусураш вуҷуд доштааст. Аммо ман, ки ин зани

накӯро дарёфтаму шинохтам, ӯ фақат ҳидоятгари некӣ буд. Аз рафтораш бармеомад, ки тайёр аст луқмаи нон шаваду ҳамагон ӯро хӯранд. Биёмурздашон, ҷойшон ҷаннат бод.

Баъди тӯи Ҷамшедҷон ҳама омадем ба Авҷ. Ин ҷо девори хона тайёр буду бояд мепӯшонидем. Инро бояд қайд кунам, ки девори хонаро 3-4 бор ба таври ҳашар ва баъд дигар бо қувваи худамону акаи Акимбек рост кардем. Ба пӯшонидани хона ва *тирдавонӣ* ҳашар кардан лозим буд. Устои хона бародари ҳамкурси Ширин аз деҳаи Тавдеми ноҳияи Роштқалъа буд.

Якум соли хонасозӣ бо ҳашар ва деворзанӣ соли 1990 сар шуд. Ман аз писарони акаи Шердил – Қодиру Замир ва умуман амаку амакбачаҳои Ширин умеди калон доштам. Фикр кардам, ки ҳар рӯз омада ёрдамамон мекунанд. Вале онҳо бегонаҳо барин, фақат ба ҳашар меомаданду тамом, ба ғайр аз акои Акимбек, ки бештари вақташро ба хонасозии мо мегузаронд. Илоҳо, Худованд асло хору зорашон накӯнад.

Баъди корҳои тобистона, ки дар рухсатии меҳнатӣ дар Авҷ мегузаронидем, бармегаштем ба Хоруғу дар кори давлатӣ адои вазифа мекардем. Соли якуми баъди сохтмон баргаштанамон, мо аҳли оила нишаста дар бораи ину он сӯҳбат мекардем. Аз он ҷумла ман малолиямро нисбати наомадани бачаҳо (Қодиру Замир) ба сохтмони мо ва бегонавор, фақат зимни ҳашар иштирок карданашон баён кардам. Бахусус, ман аз Қодир малол будам, чунки аз ӯ умеди калон доштам. Ӯро, гарчи қариб ҳамсолам буд фарзанд ҳисоб мекардам, аммо натиҷаи ин фарзандиро то ҳол надидаам. Ҳоло аз пеш суханҳои мегуфтагӣ дар ин хусус боз аст. Ҷамшедҷонам баъди суханонам: *«Ҷиячон ба дил нагиред, ҳозир онҳо аз ёрдам нadoданашон пӯшаймонанду соли дигар меравем, ки хонаамонро тайёр кардаанд»*. Эй бачаяки соддаям. Онҳо куҷову ору номус куҷо, пӯшаймонӣ куҷо?

Хонаро тайёр ҳам кардем. 17-сол шуд, ки шишта зиндагӣ ба сар мебарем. Аммо бачаҷонам ту куҷоӣ, ки як бор пайдо шавию дар хонаи меҳнат кардаат дароз кашида хоб равӣ! Оби Авҷро нӯш кунӣ, сайру гашт кунӣ ва боз шеърҳоятро нависӣ. Оҳ, ин армони модари дилафгорат аст...

Соли 1992 – соли бесомониҳо, саргардониҳо, гурезагариҳо. Соли ҷанги бародаркушӣ. Якумин маити ҷавонмарди Бадахшониро оварданд ба Хоруғ. Ин дар моҳи май буд. Ин ҷавонмард – афсари кумитаи бехатарии давлатӣ – Нуралибеки Атобек буд. Хизмати ин ҷавон дар назди давлат кам набуд. Ӯ иштирокчии ҷанги Афғонистон буда, дар бисёр набардҳо қаҳрамонона ифои вазифа карда саломат баргашту дар хонааш назди зану фарзандонаш ба шаҳодат расид, аз тарафи номардони ниқобдор. Занашро ҳам ярадор карданд. Аз куҷо донистем, ки истиқлолят ба даст оварда беҳтаринҳоро сарнагун мекунанд ҳукуматдорҳо. Ин шуд натиҷаи пош хӯрдани Давлати Советҳо. Дар ҳамаи ҷумҳуриҳо ҳамин тавр нобасомониҳо, нооромиҳо шуд, аммо Тоҷикистон барин ягон ҷо бародаркушию беадолатӣ нашуд. Худоро шукр мегӯяму илтиҷо дорам, ки дигар он рӯзҳо такрор нашаванд.

Моҳи маи ҳамон сол, аниқтараш 23-уми май, Маликаҷонро тӯй кардем. Ин дафъа тӯйро дар хонаи ҳамсояаамон, ки хонаи бадахшонӣ дошт, гузаронидем. Аз қишлоқ фақат бародарам, акои Акимбек, апаҳоямон Сафархотуну Хубон ва писарамакҳои Малика: Қодиру Замир, Амонбеку Алифбекро даъват кардем. Боқӣ ёру дӯстону ҳамкорону ҳамсояҳои хоруғӣ. Маликаҷон худаш ягон касро интихоб накард. Ба хостгорӣ 5-6 кас омаданд, аз хешу тобори ишкошимӣ, аммо ӯ намехост. Ӯ ҳам ман барин ҳаваси духтури маълумоти олидор шудан дошт, лекин ҷанги дохилӣ садди роҳаш шуду духтарам натавонист орзуҳояшро амалӣ кунад. Дар шӯъбаи терапевтии бемористони вилоятӣ, ҳамшираи тиббӣ шуда кор мекард. Чун хислати падару модарро дошт, софдилона вазифаашро иҷро мекарду азизи ҳамагон гардида буд. Ҳамшираи калони ҳамин шӯъба ӯро таги чашм карда: *«Туро ба бародарам медиҳам»* – мегуфтааст. Ҳамин тавр ҳам шуд. Озод дар Душанбе кору фаъолият дошт. Омада тӯй карданду ба Душанбе рафта, моҳи декбри 1992 гуреза шуда омаданд. Баъди тӯи Маликаҷон, Ширин васияти раҳматӣ акаи Шердилро ба ҷо оварда, азми ба Авҷ ба кор омаданро пеш гузошт. Бояд ёдовар шавам, ки акаи Шердил вақти дар бемо-

ристони Хоруғ хобиданашон 3 васияташонро ба Ширин гуфтанд: 1.Ту бояд мошин харӣ ва мисли ҳамкасбонат мошинсавор ба кор биёӣ. 2. Дар Авҷ хона созӣ. 3. Қодир (писарашон) хонда духтури маълумоти олидор шавад. Ширин васиятҳои акояшро ба ҷо овард, лекин Қодир номус накард. Олимҷон нав синфи 10-ум мехонд. Ман розӣ набудам, гуфтам: *«То нафақа баромаданам ҳамин ҷо кор мекунам».* Аммо тақдирсоз дигар хел ҳал кард.

2-ноябри 1992 ба нобасомониҳо назар накарда ман ба Душанбе рафтам. Галя ҳомиладор буд. Ман наравам, дар он шабу рӯзи нотинҷӣ, онҳо чӣ кор мекунанд. Ширин ба рафтанам он қадар ризо набуд, чунки мо онҳоро мунтазам ба Хоруғ даъват мекардем, то ки ҳамин ҷо таваллуд кунад. Лекин Галя якравӣ карда, ҳамин ҷо (яъне Душанбе) беҳтар гуфта наомад. Охир ман ба ҳамаи кас мададрасону чӣ хел ба фарзандони худам дасти мадад дароз накунам? Ширинро бо далелҳоям розӣ кунонидаму рафтам. Дар хона Олимҷон, Гулбегими 6-сола, хоҳарам Нозигулу духтари амакам, ки донишҷӯёни соли аввал буданд меистоданд. Ширин дар Авҷ буд. Дуюми ноябр тавассути ҳавопаймо ба пеши Ҷамшедҷону Галя рафтам. Онҳо ҳеҷ интизорам набуданду бисёр тааҷҷуб карданд, ки чӣ хел ман ҷуръат карда дар ин бесарусомониҳо омадам. *«Ҳоло фарзанддор, ки шудед, баъд мефаҳмед»,* – ҷавоб додам ман.

4-ноябр Галя тавассути ҷарроҳӣ духтарча таваллуд кард. Хурсандии бачаам ҳадду канор надошт. Ӯ падараш барин тифли навзодашро рӯи даст гирифта нодидагарӣ мекарду мегуфт; *«Чиёҷон, наход, ки ман ҳам ҳамин тавр майдаяки, беҳимояи ҳалимак будам?» – «Ҳа бачам ту ҳам ҳамин қадарак будӣ»*-ҷавоб медодам ман. Бачам мерафт корашу меомад, мерафт нонгирию дер меомад. Охир навбатҳои нон ба ман ҳам маълум буд, якчанд бор худам истода будам. Садои тир аз ҳар гӯшаю канори шаҳр ба гӯш мерасиду ман хавотир будам. То баргаштани бачам ҳазор бор мурда зинда мешудам. Намедонистам, ки аз пеш маро чӣ даҳшате интизор аст. То 20-уми ноябр истода, хона баргаштанӣ шудам. Аҳволи Галя баъди ҷарроҳӣ беҳтар шуда буду тифлашро худаш бо

кӯмаки Ҷамшедҷон нигоҳубин карда метавонист. Ҳар рӯз ба аэропорт мерафтам. Бачам қатӣ то ҷои кораш як ҷо мерафтем. Ӯ фуромада, ба корхонааш даромада вазифаҳои супоридаашро гирифта (дар МИТ «Ховар» хабарнигор шуда кор мекард) наздам меомаду то бегоҳ интизори парвози ҳавопаймо мешудем. Ҳавопаймо бо ҳар сабабе парвоз намекарду бармегаштем хона. Нозимҷон ҳам, ки донишҷӯй буд, меомад аз хобгоҳ наздамон. Рӯзи 24-уми ноябр ҳарвақта барин Ҷамшедҷон фуромад ба корашу ман рафтам ба фурӯдгоҳ. Дар майдони ҳавоӣ чашмам ба ду ҳавопаймои майдаи ҳарбӣ расид. Ба наздашон рафта пурсидам, ки оё Хоруғ мепаранд. Илтимос кардам, ки маро ҳам гиранд. Розӣ шуданд. Баргаштам барои борхалтаам, ки дар хонаи бағочнигоҳдорӣ буд. Нозим ҳам омад. Борхалтаамро гирифта даводав рафтем ба майдони ҳавоии ҳарбӣ. Ҷамшед наомада буд. Бачамро хайрухуш накарда паридам. Билохира ба хона расидам, худоро шукр. Ширин аз Авҷу хоҳарам аз Поршинев омадаанд хабаргирӣ. Маро дида дар тааҷҷуб монданд. Гуфтанд: *«Мо то ҳоло гапи туро задем, ки тамом, ту дигар омадан наметавонӣ, зимистонро дар Душанбе мегузаронӣ».* 5-10-дақиқа нашуда, ҳамсояамон Валентина Сергеевна хона даромада *«Магар Хадича омадааст?»* – гӯён пурсид. Телефони мо кор намекардаасту Ҷамшедҷон ба хонаи онҳо занг зада маро пурсидааст. Фуромадам ба хонаи ҳамсоя, гӯшаки телефонро бардоштам. Бачам бо овози гиряолуд: *«Ҷияҷон маро бубахш, маро бубахш, маро бубахш, ту натарсида дар ин рӯзҳои сангин наздамон омадию, ман барои корам шуда туро, гусел карда натавонистам».* Ӯро тасаллӣ додам, ки ҳеҷ гап не. Ӯ ҳарвақта барин аз кораш ба майдони ҳавоӣ омадаасту ман аллакай рафтаам. Аз куҷо донистам, ки охирин бор садои бачама мешунаваму баъди 10-рӯзи дигар бедарак мешавад. Кошки намеомадам. Мумкин, ки бачама дарав ковтуков карда меёфтам. Худама дар пои силоҳбадастон партофта зорию тавалло мекардам. Шояд раҳм мекарданд. Охир онҳоро ҳам модар ба дунё овардааст. Розӣ мешудам, ки маро ҳам ба қатл расонанд.

Ман гунаҳкорам, ман гунаҳкорам, о бале ман гунаҳкорам.

Ман амакам Тоҳирро, ки ҳаётам бо куллӣ аз ӯ вобаста буд, ранҷондаму баъди даҳ рӯз бачама гум кардам. Барои чӣ ин хел шуд? Барои чӣ ранҷондам? Вақти дар Душанбе буданам, хоҳараму духтари амакам ( ӯ ҳам хоҳарам ҳисоб мешавад), дар ин ҷо як воқеаеро, ки ман ҳеҷ интизораш набудам, аз сар гузарониданд. Ин воқеаро намехоҳам ин ҷо нақл кунам. Хоҳарамро пул дода ба омӯзишгоҳи тиббӣ дохил карда будам, чунки вай аз имтиҳон нагузашту аваллин бор пулакӣ қабул мекарданд. Ман васияти падар дар гӯш: *«Бачаҳо бачаи мард, ҳар хел бошад гузарашонро мекунанд. Хоҳаратро бин, хонаду ба худаш лоиқ шавад».* Ӯ ҳам дар мактаб аъло мехонд, лекин чӣ хеле, ки мегӯянд: «ҳамроҳи бад бо роҳи бад мебарад», рост будааст. Хоҳарам аз кори кардааш пушаймон буду хонданро партофта рафт. Духтари амакам бошад, вақти омаданам дар хона набуду баъди ду рӯз омад. Ӯ хона рафтагӣ будааст. Омаду худро тавре нишон дод, ки гӯё ягон воқеае руй надодааст. Мани аблаҳи ростагор, ки тоқати макру фиребро надорам ва чун худам ҳамин хел нестам, боварам намеояд, ки одамони маккору ҳиллагар ҳам ҳастанд. Ягон дурӯғам гӯянд боварашон мекунам. Сонӣ фаҳмида бисёр меранҷам. Хуллас, ман ба амакам занг задаму гуфтам: *«Дар хонаи мо ба ӯ ҷо нест, ман тоқати дурӯггую дузду фиребро надорам».* Амакам раҳматӣ ким-чӣ гуфту гӯшаки телефонро партофт. Ҳис кардам, ки хафа шуд. Албатта ҳар кӣ ҳам бошад барои фарзандаш малол мешавад. Беҳуда нагуфтаанд, ки фарзанд чанде ки гунаҳкор бошад, дар назди падару модар беайб аст.

Ана ҳамин тавр ман худамро гунаҳкори гум шудани писарам меҳисобам. Замона нотинҷӣ, вале зиндагӣ мегузарад. Гурезаҳо бо автобусҳо паи ҳам меомаданд, лекин аз фарзандони ман дарак набуд, на аз бачаҳою на аз духтарҳо. 15-уми декабри 1992 – Моҳбегим бо кӯдакҳояш ва бо Маликаҷон омаданд. Моҳбегим намедонист, ки мо дар бораи Ҷамшед намедонем. Гуфт: *«Янга, бачаеро, ки охирон бор Ҷамшедро дидааст, вохӯрдем».* Ман ҳайрону чашмҳоям аз косахонааш баромаданд: *«Чи хел охирон бор? Чӣ Ҷамшедро ягон кор шуд?».* Ӯ ноилоҷ ҳамаашро нақл кард. 3-уми декабр ҳама дар

хонаи ӯ ҷамъ меоянд барои қайд кардани зодрӯзи Нозим. Пагоҳи рӯзи 4-уми декабр ҳар кӣ ба кори худашон мераванд. 4 уми декабр роҳбарияти нави ҳукумат баъди иҷлосияи 16-ум дар иҳотаи танкҳои ҷангӣ ба пойтахт медарояд.

Бачам ҳамон рӯз соатҳои сеюним ё чор аз кор ба хона омада барои шир ба духтарчааш мераваду дигар барнамегардад.

Оҳ, худоё! Чӣ кор кунам ? Сарамро ба куҷо занам?

Ба Ширин ба Авҷ занг задам. Биё гуфтам, ки ҳама омада истодаанду бачаҳои мо нестанд. Рӯи рост нагуфтамаш, ки писарамон бедарак шудааст. Ӯ маро тасаллӣ дода: *«Ҳеҷ гап не, меоянд»,* – гуфт. Боз таъкид кардам, ки ҳатман биёяд. Пагоҳӣ рӯзи 16-уми декабр Қоимдодов ба Хоруғ барои гузаронидани иҷлосияи ғайринавбатӣ омад. Рафтам ба наздаш то ки маро ҳамроҳаш бо тайёра барад, то писарамро дарёбам. Ӯ розигиашро дод. Пленум бояд соати 16-сар мешуду пагоҳ бармегашт. Ман омадам ба хона, то ба сафар тайёрӣ бинам. Хайрият Ширин ҳам омад. Ба ӯ асли воқеаро гуфтам. Ҳайрону лол монда буд. Ҳозир ба гузашти вақт ин саргузаштҳоро бо чашмони пуроб навишта, ҳолу аҳволи ҳамонвақта аз нав ба вуҷудам ларза медавонад. Эй Худоҷон, одамӣ аҷаб сахтҷону батоқат будааст! Балки Худо худаш сабрро дар дили бандааш ҷо мекунад. Ҳамаи сахтиҳою хафагиҳо, ки аз сарам гузаштанд, фикр мекардам, ки дигар кӯча баромадан наметавонам. Мумкин маро масхара кунанд. Дигар ҳеҷ гоҳе намехандам, намерақсам. Умуман ҳаёт гӯё бо ҳамин сукут меёбад. Аммо ҳаёту зиндагӣ давом дорад. Шукри худо, ки боз фарзандонро тӯй кардем, рақсидам, механдам. Барои шикам даву – тоз карда ғизо ҳам мехӯрам. Лекин ҳар вақте ки фироқи бачам гирад, худамро ба даст гирифтан наметавонам. Мехоҳам чунон наръае занам, ки кӯҳу дара ҳама садо диҳанд. Оҳ худоҷон, шукр, ҳазор бор шукр! Чун ҷуз шукрат чораи дигаре нест.

Шукри Нозимҷону Олимҷон, Маликаҷону Гулбегимҷону Зеварҷон ва ҳамаи наберагонамон. Аз ин бештар дигар дардам надеҳ, оҳ худованди яккаю ягона, туро илтиҷо дорам!

Бегоҳӣ, яъне ба саршавии иҷлосия Ширин ба он ҷо рафту

дер омад. Ӯро дар ҳайати комиссия, ҳамчун духтур ба Душанбе бурданд. Онҳо мурдаҳои бесоҳиби бадахшониҳоро ба хок супориданд. Баъзе ҷавонҳоро ковтуков карда ба Бадахшон фиристонданд, аз он ҷумла домодамон Озод, Нозим ва писари акаи Акимбек-Худоназарро. Ҳар гоҳ занг мезадам, дар бораи Ҷамшед мепурсидам, ҷавоби аниқам намедод. Гапро ба дигар тараф мебурд. Хулоса як моҳ истода, бисёр масъалаҳоро ҳал карда комиссия баргашт. Аз нақлаш ҳувайдо буд, ки онҳо ҳам қариб аз тарафи силоҳбадастон ба шаҳодат мерасиданд, гарчанде онҳоро посбонон муҳофизат мекарданд.

Ба Ширин гуфтам, ки ту бачама наёфтӣ, худам меравам. Пеш аз ин назди халифаю фолбинҳо рафта будам. Дилпурам карданд, ки гӯё зиндаасту хатар дорад. Барои ҳамин ҳам бисёр безобита шуда будам. Гӯё он қадар қудрату қобилияте дорам, ки рафта пеши хатари писарама гирам. Ба замми ин гапу калоча дар бораи гаравгон гирифтани одамон аз тарафи силоҳбадастон бисёр буд. Ҳамкоронам аз ҷои корам пул ҷамъ карда маро ба сафар омода карданд. Бояд қайд кунам, ки бисёр коллективи аҳлу тифоқ будем. Аз мусибати ба сари як кас омада ҳеҷ кас бетараф набуд. То аз дасташон меомад, дасти имдод дароз мекарданд. Хеле ҳам аз онҳо сипосгузорам, ки маро дар ғаму ғурбатам танҳо намегузоштанд, илоҷрасам буданд. Шукри худо, ки одамони нек бештаранд ва ман дар ҳаётам зиёдтар бо некон дучор шудаам. Писарам дар шаҳраки Гипрозем иқомат дошт, қариби совхози Варзоби ноҳияи Ленин. Барои шир ҳам ба ҳудуди ҳамин совхоз рафтааст. Дар ин ҳудуд бештар узбакҳо зиндагӣ мекунанду бачама ҳарчи ҳам ки карданд ҳамонҳо. Ин гумони ман, ҳақиқаташ фақат ба худо маълум. Ҳамкурси Ширин – раҳматӣ акои Асадбек ба ман як мактуб ба забони узбакӣ ба шиносҳояш навишту гуфт: *«Ман ба онҳо бисёр хизмат кардаам, бояд ёрдаматон кунанд».* Ба куҷое, ки худамро назадам, чӣ коре ки накардам. Ба хонаи радио, ба Вазорати корҳои дохилӣ, ба экспертизаи судӣ, аммо ҳайҳот... бе натиҷа. Чун гап-гап буд, ки гаравгон гирифтагиҳо ҳастанд, ман ба шиносҳои акаи Асадбек нисбати ҳамин масъала

мурочиат кардам. Гӯё дар ноҳияи Регар, дар заводи алюминий гаравгонон нигоҳ дошта мешудаанд. Абдумачид (шиноси акои Асадбек) расми бачама гирифта гуфт: *«Баъди 5-рӯз биёед, ман меравам Регар».* Дилам андаке пур шуд, пас рост будааст дар бораи гаравгонон. 8-уми марти 1993, яъне баъди 5-рӯзи гуфтагӣ рафтам. Дилам аз ҳаяҷон мезад. Галя ҳам бо ҳамроҳии кӯдаки парпеч маро ҳамроҳӣ мекард. Вай метарсид, ки бо ман ҳам ягон воқеа руй надиҳад. Худашро гунаҳкор меҳисобид. Аммо ман чунон нотарс шуда будам, ки аз ҳеҷ чизу аз ҳеҷ кас наметарсидам. Ҳар ҷо мерафтам (ба ҷойҳои далхдор), мепурсиданд шумо аз куҷо, аз Хоруғ, ҷавоб медодам. Сӯям ҳайрону ботааҷҷуб менигаристанд. Охир ҳама гуреза шуда рафтанду ин занаки нотарс ин ҷо чӣ кор мекунад, аз сар мегузарониданд онҳо. О чӣ корам мекунанд? Кушед маро ҳам охир, агар бачама кушта бошед. Дар шӯъбаи корҳои дохилии ноҳиявӣ дар ҷои зисти писарам, барои ковтуков ариза додам. Сардораш ба сарам хеле дӯғу пӯписа кард: *«Помириён ин тавр карданд, он тавр карданд».*

*«Оҳ бачаи ман накард ку?! Шумо ки ҳамин ҷойро гирифтаеду хӯҷаинӣ мекунед, ба доди ман расед, аризаамро қабул кунед. Агар аз дастатон биёяд ковтуков кунед»,* – гуфта ман ҳам паст наомадам. Чун рӯзи шанбе буд, гуфт рӯзи душанбе биёед. Рӯзи душанбе рафтам, маро ҷавони дигар қабул кард, ки хеле ҳалиму меҳрубон буд. Одами хуб ҳама вақт, дар ҳар мавқеъ хубиро мекунад. Ӯ ҳамаро пурсида навишту дилпурам дод, ки гаравгонон ҳастанду мо бояд онҳоро кофта ёбем. Рафтем пеши Абдумачид бо дили пур аз умед, аммо сад афсӯс, ки умедамон ноумед гашт. Ӯ гуфт, ки онҳо бадахшониҳо нестанд, ғармиҳоянд.

Хонаи радио рафтам ба барномаи «Ҳамроз». Намедонам ҳоло ҳамин барнома вуҷуд дорад ё не, чунки радио ҳозир дар тарафҳои мо тамоман ба аз байн рафт. Барномаи «Ҳамроз» рози дили ҳамагон буд. Ман дафтари шеърҳои писарамро бурда, гирякунон саргузашти модари писаргумкардаро нақл кардам. Дар онҳо бештар занон буданду ба ҳоли зори ман раҳмашон омада, яке аз онҳо иттилоъ дод, ки дар мавқеъи Сарикиштии ноҳияи Ленин хандақҳо ҳастанд. Мурдаҳоро бо

мошинҳо ҳамон ҷо бурда партофтаанд. Вай маслиҳат дод, ки бо сурати писаратонқати равед, мумкин ягон мӯсафед дида бошад ва шиносад. Боз пеши шиносҳои акои Асадбек Қиёбеков рафтам, ки маро ба назди ҳамон

хандақҳо (карьер) баранд. Пагоҳаш ману Галя бо мошини онҳо рафтем. Ҳарҷо-ҳарҷо истода, расми писарамро нишон дода мепурсидам, аммо ҳеҷ кас ӯро намешинохт. Назди як хандақ расидем,ки Абдулмаҷид фуромада:, боз онтарафтар нишон дод: *«Инҷо 200 кас гӯр карда шудааст»*. Хандақҳоро бульдозер бо хок пӯшида ҳамвор кардааст. То ҳамин ҷо дилам якмаром дарде дошт, ки намедонам чӣ хел тасвираш кунам. Шояд бачам дар яке аз ҳамин хандақҳо хуфта бошад? Аз ин пас дарди дилам пасттар шуд. Ҳамон шаб хоб дидам: амаам Гулбибӣ наздам омада чаҳор кулча овард. Сетоашро гирифтаму якеаш сӯхтагӣ буд. Онро як сӯ гузоштам. Таъбири хобам шояд фарзандонам буданд. Кулчаи сӯхтагӣ шояд Ҷамшедҷон буд...

Боз дар дилам нисбати Абдулмаҷид шубҳа афтод. Ӯ аз куҷо медонад, ки ин ҷо 100 касу он ҷо 200 кас дафн шудааст? Маълум, ки худаш ҳам иштирокчии ҳамин кушторҳо будааст. Кӣ медонад? Фақат худованди яккаю ягона аз тамоми кори бандагонаш хабардор аст ва ҳар вақт бошад ҷазои қотилонро худаш медиҳад...

Сунорамро бо набераам гирифта омадем ба Хоруғ, аз он ҷо рафтем ба қишлоқ. Ман масъалаи гузаронидани маръакаи азои бачама гузоштам. Акаи Акимбек: *«Янга ин хел нагӯед, Ҷамшед зиндааст»*. *«Эй акаҷон, кошки бачам зинда бошад, ҳар вақт пайдо шавад боз тӯй медиҳем. Ҳозир бошад, маросими азодориро гузаронидан даркор, чунки бачам на гӯр дораду на кафан. Ақаллан расму оини чароғравшанро гузаронем...»*

Галя чор моҳ истода ба Душанбе баргашт.

5-уми маи соли 1993 Маликаҷон ба мо набераи дуюмро (баъди Зеварҷон) тақдим кард. Тобистон ман боз назди Ширин ба Авҷ омадам. Кори хонасозӣ ҳанӯз идома дошт. Вақти тамом шудани рухсатиам Ширин гуфт: *«Аз кори Хоруғат акнун баро, ин ҷо омада кор кун. Ман бе ту зиқ мешавам. Дар ин рӯзҳои қинӣ мо бояд паҳлуи ҳамдигар бошем»*. Ман зуд ба

гапаш розигӣ додам. Сипас Хоруғ рафта як ош пухта ба ҷои корам бурдам. Баъд масъаларо фаҳмондам. Ҳамкоронам хеле маъюсу ғамгин шуданд. Вале чӣ илоҷ? Маро ҳам ҷудогӣ аз онҳо хеле мушкил буд. Ман бояд ба деҳа мерафтам...

Рафтам назди қудоҳоям, хусуру хушдомани Малика. Илтимос кардам, ки Маликаю Озодро иҷозат диҳанд муваққатан дар хонаи мо истиқомат кунанд, чунки Олимҷон танҳо мемонд. Нозим ҳам дар пеши мо, дар Авҷ буд. Онҳо розигиашонро доданд.

Ман омадам Авҷу сар шуд корҳои қишлоқ. Он ҳама корҳоеро, ки дар наврасиам мекардам, боз аз сари нав баргаштанд. Дар хурдиям фақат бузу гӯсфандонро ба ман иҷозаи ҷӯшидан медоданд. Тарсам аз он буд, ки ҳамаи кори қишлоқро ёд мегираму пашмтарошии гӯсфандонро не. Аммо чуноне ки пеш қайд карда будам, кор аз одам паст аст, ҳамаи чизро ёд гирифтан мумкин. Ҳам говдӯширо, ҳам пашмтарошиии (*уреш*) гӯсфандонро ва боз бисёр корҳои дигарро ёд гирифтам. Ин кор, яъне урешро ба ман ҳамсояаам Лаълбегим, ҷавонзани чаққону боистеъдод ёд дод. Дар навбати худ ҳамсоягонам ҳам аз ман бисёр чизҳоро гирифтанд. Ман табиатан бахил нестам ва ҳама чизи медонистагиамро, ки зиндагиамонро андаке сабук мекард, дареғ надониста ба ҳамсоязанҳоям мефаҳмондам.

Соли 1994 ба занги охирини Олимҷон рафтем. Ӯ мактабро бо медали тилло тамом кард. Ҳуҷҷатҳояшро ба донишгоҳи тиббӣ супорид. Чун имтиёз дошт, фақат якто имтиҳонро бо муваффақият супориду омад қишлоқ. Мо, волидон, ба сабаби ҳанӯз ҳам нотинҷ будани вазъи Душанбе, розигиамонро ба рафтанаш надодем. Моргазида аз ресмони ало метарсад, мегӯянд, рост будааст. Олимҷон ҳам ба гапи мо гӯш карда як сол пешамон истод, чупонию деҳқонӣ кард. Вале мо ба ӯ нигоҳ карда диламон афгор мешуд, ки медали тилло гирифту акнун бояд фақат чӯпонӣ кунадо? Соли дигараш, ҳар ҷо бошад худо худаш нигаҳбон, гуфта ба ӯ иҷоза додем. Акнун имтиёз надошт. Вале ӯ ҳамаи чаҳор имтиҳони дохилшавиро бо баҳои аъло супорида ба донишгоҳи тиббӣ дохил шуд. Нозимро ҳам маслиҳат додем, ки хонданашро дар Донишгоҳи

Хоруғ давом диҳад. Вай ҳам ҳуҷҷатҳояшро аз Душанбе оварда хонданашро идома дод.

Зиндагӣ мегузарад, ҳаёт давом дорад. Хешу табор тавсия мекарданд, ки Нозимро ягон духтари қишлоқӣ аз миёни хешовандонро интихоб кунад, то мо оиладораш кунем ва хизмати волидиямонро ба ҷо оварем. Аммо расми мо ҳамин буд, ки, тавре пеш ҳам қайд кардам, мо писаронамонро маҷбур намекардем, ки фалонӣ ё фалониро ба занӣ гиранд. Охир зиндагӣ зиндагии онҳост. Ва хушбахтии онҳо бешак хушбахтии мост.

Рӯзе Мадамир писари акаи Шердил аз Хоруғ омада гуфт: *«Равед духтари фалониро хостгорӣ кунед ба Нозим. Ӯ розист. Фақат ҷуръат намекунад, ки ба шумо гӯяд, шарм медорад»*. Ман гуфтам: *«Не, то аз забони худаш нашунавем, ҳеҷ куҷо намеравем»*. Вақте Нозим омаду ӯро пурсидем, гап дурӯғ баромад. Ӯ гуфт: *«Ҳар вақте ки ман интихобкардаамро ёфтам, ба шумо худам маълум мекунам. Барои чӣ ман шарм медоштаам?»* Ҳамин тавр ҳам шуд. Бо тамом кардани донишгоҳ интихобкардаашро ба мо ифшо кард. Ин духтараки зебои кабудчашм аз оилаи машҳури марҳум Шер Пулодов – ходими шоистаи санъати Помир буд. Мо чун кормандони тиб бо апааш, ки духтури беҳамтои сабукдаст буданд, наздик шинос будему ҳурмати ҳамдигарӣ доштем...

18-уми январи соли 1998 тӯи Нозиму Суҳайло барпо шуд. Ин тӯй, дар деҳаи хурдакаки Авҷ баргузор шуд. Ба фикрам, он қадар бад нагузашт. Навхонадорон то рӯзи наврӯзи оламафрӯз дар Авҷ истоданду баъд ба Хоруғ бурдемашон, ба ҷои зисти муқимӣ, хонаи онҷогиямон.

Шукри худо замона тинҷ шуду Маликаҷон бо аҳли оилааш боз ба Душанбе баргашт. Хонаи онҳо аз ҷои кори Озод таъмин шуда буд. Вале вақти гуреза шуданашон онҳо ин хонаро аз даст доданд. Барои ҳамин аз бехонагӣ хеле таку дав карданд ва азоб кашиданд. Лекин худо раҳмашон карду ба нархи хеле арзон хонаи чорҳуҷрагие дар ошёнаи нуҳум хариданд. Ҳарчанд аз ҷиҳати об андаке танқисӣ мекашанд дар ошёнаи нӯҳум, вале ҳарчи ҳам бошад, сарпаноҳ доранд...

Олимҷон соли 2001 Донишгоҳи тиббиро бо дипломи сурх

тамом кард. Вай ҳуҷҷатҳояшро ба ординатураи Академияи ба номи Сеченови шаҳри Маскав месупораду мо бехабар. Вай ҳамчунин аз озмуни Хазинаи Оғохон, ки ҷавонони лаёқатмандро дастгирӣ мекунад, бомуваффақият мегузарад. Ин фонд таҳсили ӯро дар Маскав маблағгузорӣ кард. Набошад мо аз куҷо ин қадар маблағ меёфтем? Вақти донишҷӯ буданаш базӯр ёрдамамон мерасид. Шукрона, ки апааш дар Душанбе буду ҷои хоб дошту шикамаш ҳамеша сер буд. Зимни дар Душанбе хондан Олимҷон забони англисиро ба таври худомӯзӣ ва баъдан аз тариқи таҳсил дар курсҳои кутоҳмуддат хеле хуб аз худ карда буд. Забондонӣ баъдан ба ӯ бисёр ҳам кӯмак кард.

Бояд қайд кунам, ки Олимҷон ҳамаи корҳоро худаш сомон медоду мо баъд аз он хабардор мешудем. Ҳамаи амалҳояш бароямон ногаҳонӣ буд.

Вақти мактабхониаш ровии радиои маҳаллӣ буда, барномаи бачагонаи «Шарора»-ро ровигӣ мекард. Аз ин ҷо ӯро ба барномаи бачагонаи «Шукуфа»-и телевизиони Бадахшон даъват кардаанд. Ин барнома нав ташкил шуда буд. Як бегоҳ гирди дастархони хӯроки шом шишта, дар интизори барномаҳои маҳалии телевизион будем. Яке ба гӯшам садои шиносе расид. Баъдан симои Олимҷон ҳам дар телевизорамон намоён шуд. Мо ҳайрону мутааҷҷиб сӯяш нигоҳ кардем: ин корат аз кай, кай он ҷо рафтаӣ, ки мо бехабар? Умуман ҳамаи корҳои ояндааш бароямон ногаҳонӣ вале фақат хурсандиовар буд...

Баъди ординатура зангириаш, сипас аспирантура ва доктарантурааш, ҳамаи ин бароямон ҳадяи ғайримунтазира буд. Илоҳо, дар касбу кораш баракат бошаду худо ҷонашро сад ҷон кунад. Мо давлати ӯро мехӯрем, илоҳо ӯ давлати фарзандони худро хӯрад.

Барои Олимҷонамон ҳам бисёр духтарҳо уфу нол доштанд. Вале, ростӣ, ман мехостам ӯро бо як хешдухтарам, ки ӯ ҳам дар донишгоҳи тиббӣ таҳсил мекард ва бисёр духтари боақлу бомаънӣ буд, пайвандам. Баромади ин духтар ҳам мисли мо аз оилаи духтурҳо буд. Падараш духтур, модараш ҳамшираи шафқат. Аз таҷрибаи ҳаётам, аз дидагиам хулосаи

ман чунин буд: зану шавҳар бояд ҳамкасб бошанд, бахусус духтурон. Бисёр оилаҳоеро дар Хоруғ медонам, ки оилаҳои тифоқу дӯст ҳастанд ва фарзандони нек ба воя расондаанд. Дар ин оилаҳо ҳамдигарфаҳмию некбинии тарафайн вуҷуд дорад. Асосан ин оилаҳои духтурон аст. Ман ку маълумоти олии тиббӣ надорам, аммо табиати Ширинро ҳамеша мефаҳмидам ва мефаҳмам. Дар байнамон рашк набуд, мо ба ҳамдигар боварӣ доштему дорем. Буданд шахсоне, ки мехостанд байнамон нифоқ андозанд: *«Янга, шумо чӣ фикр доред, ки шавҳаратон навбатчии касалхона занакабозӣ намекунад?»*–гуфта маро аланга меандохтанд. *«Хуб мекунад, кош аз дасташон биёяд»* – бепарвоёна ҷавоб медодам ман. Чунки боварӣ доштам, ки ӯ хиёнаткор нест, ва ҳеҷ гоҳ нисбатам хиёнат намекунад. Ҳамчунин медонистам кору касбашро, ба чӣ машғул буданашро, ҷаҳони ботинияшро. Агар аз соҳаи тиб дур мебудам, мумкин бовар мекардам, ҷанҷолу торхаша мебардоштам.. Ана барои ҳамин омилҳо бисёр мехостам мехостам Олимҷон бо ҳампешааш оиладор шавад.

Баъди хатм намудани Донишгоҳ Олимҷон хона омад. Дере нагузашт, ки аз қафояш духтараке аз наздикиҳои шаҳри Душанбе, ки ҳамкурсаш будааст, ба хонаамон омад. Олимҷон ҳамон лаҳза дар хона набуд, ӯ амаашро дар айлоқ хабаргирӣ рафта буд. Ҳамкурси Олимҷон духтараки паричеҳрае буд. Вай рози дилашро рӯирост ба ман баён кард: *«Ман Олимро хеле нағз мебинам, аммо шумо розӣ набудаед. Ман шаш сол боз ӯро дӯст медораму интизораш ҳастам ва барои ҳамин пеши шумо омадам»*. Ман, ки табиатан раҳмдилам, ба бечора духтар дилам сӯхт. Чӣ хел ҷуръат карда роҳи дарозе тай карда, ба хонаи мардуми ношинос биёяд?

Ҳамроҳи духтар аппааш буд. Онҳо шаб дар хона истоданд. Иззаташонро ба ҷо овардем. Субҳ гуфтамаш: *«Духтарам, ғам нахӯред, ман садди роҳи писарам намешавам. Агар ӯ шуморо дӯст дорад, мо розиву худо розӣ»*. Барои онҳо дар шифохона ҷой кардем ва омадани Олимҷонро мунтазир шудем. Вақте ӯ омад, гуфтам: *«Бачам ин хел намешавад. Ин бандаи худо аз бароят аз куҷо ба куҷо хеста омадааст. Агар ту ӯро нағз мебинӣ, марҳамат, биё, тӯй мекунем. Ҷавоби хешонам-*

*ро худам медиҳам. Ва ба хонаи хешҳоямон ҳанӯз хостгорӣ ҳам нарафтаем, ҳеҷ гап не».*

Олимҷон як рӯзи дароз ҳамроҳи он духтар ва аппаш буд. Аз чӣ бошад, ки бегоҳ онҳоро ба мошин савор карда гуселонид. Ба саволам, ки ба чӣ хулоса омадӣ, посух дод, *«Ҷиячон, парво накӯн, ман ҳамаашро ба ӯ фаҳмонда додам. Дар бораи сунориавандаатон вақташ, ки омад худам ба шумо маълум мекунам»*. Баъдтар Маликаҷон ба ман гушрас кард, ки Олимҷон мехоҳад ҳамсинфашро, ки дар Маскав мехонад, ба занӣ гирад. Чунки он духтар фақат занг зада: *«Олим омадо? Рафто? – гуфта, фақат пурсуҷӯяш мекунад. Олим ҳам доим ҳамроҳаш телефонӣ гуфтугӯй мекунад...»*

Пеш аз хонадоршавии Олимҷон дар хонаводаи мо чандин воқеаҳои хурсандибахш ба амал омаданд. Соли 1998 Маликаҷон аз Душанбе ба қишлоқ, ба назди ман таваллудкунӣ омад. 14-уми октябри ҳамон сол аз ӯ духтарча ба дунё омад. Суҳайлои сунорам ҳам ҳомила буд. Вале чун гурдаҳояш дардманд буд, ҳар замон дар бемористон мехобондандаш. Вале ӯ дар назди модару апаҳояш буд ва ба ин хотир ман аз вай дилпур будам. Ҳарчи ҳам набошад мутахассисон дар гирдаш буданд ва зарур шавад ёрии аввалиндараҷаро мерасонданд. Аммо дар шароити хона таваллудкуниии Маликаҷон хеле ҳам бароям вазнинӣ мекард. Чунки оқибатҳои дархонатаваллудкунӣ ба ман маълум буд. Ба духтарам худамро дилпур нишон дода, ӯро тасаллӣ медодаму худам медонистаму аҳволам. Фақат худою арвоҳи хушдоманамро ба мадад мехостам ва барои анҷоми хуби зоиш илтиҷо мекардам. Шукри худои яккаю ягона, ки ҳамаш ба хубӣ анҷом ёфт. Бояд қайд кунам, ки ин дуюмин таваллуди фарзанд буд, ки ман баъди ба Авҷ омадан дар шароити хона қабул кардам. Якумаш аз ҳамсояаам Лаъл, ки ба насаб сунорамон ҳисоб мешавад (завҷаи ҷияни Ширин, сунори писари амакаш – акаи Гулзор). Ин ҳодиса 12-уми сентябри соли 1995 рух дод.

Он вақт ҳам ҳамин гуна дар талвасаю изтироб будам. Худоҷону арвоҳи гузаштагонро имдодҷӯ будам. Чунки дар деҳаи Авҷ сивусе сол боз касе намезист ва танҳо баъди ин

қадар вақт боз инҷо зиндагии нав ба ҷӯш омаду садои тифли навзод ба гирду атроф ғулғула андохт. Номи тифлро, ки писарбача буд, Авҷиёр гузоштам, ба маънои ёри Авҷ. Аввал ин ном ба ҳамагон хеле аҷоибӣ мекард, аммо баъдан ҳама одат карданд...

Аҳволи Маликаҷон шукр, нағз буд. Аммо ҳар чӣ ҳам бошад, ӯро монда наметавонистам, ки рафта дар Хоруғ Суҳайлои сунорамро хабар гирам. 30-уми октябр Суҳайло касал шуда тифли мурда, ки писарбача будааст таваллуд мекунад. Ман ин хабарро шунида ба Хоруғ рафтам. Лекин ӯро аллакай модараш бурдааст ба Рӯшон. Ноилоҷ роҳи Рӯшонро пеш гирифтам. Писарам Нозимҷон хеле ҳам маъюсу ғамнок буд, бо ман ҳарф намезад. Қаҳр карда буд, гӯё, ки сари вақт нарафтам. Охир аз дасти ман чӣ меомад? Қисмат ҳамин будааст. Дар гирдаш духтурони соҳибмаълумот, апаҳояш, модараш. Бачам ҳеҷ чизро шунидан намехост. Ман се чор рӯз истода Суҳайлоро тасаллӣ дода ба хона баргаштам.

Маликаҷон то 8-моҳа шудани духтарчааш наздамон истоду сипас Душанбе рафт. Соли 1999 – Суҳайло такроран ҳомиладор шуд. Инро аз он ҷо фаҳмидам, ки онҳо як рӯз наздамон ба қишлоқ омаданд. Ҳамон шаб писари гумшудаам Ҷамшедҷонро дар хоб дидам: «гӯё кадоме омада хабар кард, ки аз он тарафи дарё (Афғонистон) савораи аспи сафеде мехоҳад дар бораи Ҷамшед гап занад. Нозим аз ҷояш ҷаҳида баромаданӣ шудааст, ман ӯро маҳкам дошта намемондам, аз тарси он, ки ту ҳам рафта бедарак нашавӣ. Аммо ӯ худро аз ман халос карда, гуфт: ҷия ту чӣ кор мекунӣ ? Онҳо дар бораи акаам гап мезананду ту маро намемонӣ? Баромада рафту баъди ягон соате бо ҳамроҳии Ҷамшед омаданд. Бачам харобии дароз, он қадар ба худаш монандӣ надошт. Оғӯшаш карда, худоро шукр гуфтам, ки ақаллан устухонҳоятро ба ман оварданд». Бедор шудам ҳеҷ кӣ нест. Хеле гиристам... Гурдаҳои Суҳайло ҳамоно дард мекарданд. Қабл аз таваллудкунӣ вай дар шӯъбаи касалиҳои дарунии бемористон хоб буд. Ҳамин замон «ёрии таъҷилиамон», апаҷонамон Хубон омад ба Авҷ. Ин ҷо Гулбегиму Гулрафтор (ҷиянҳоям) мактабхон буданд, Ширин кор мерафт. Барои кори оғилу саробонии хона одаме

зарур буд.

Мехоҳам дар бораи апаҷонам Хубон каме маълумот диҳам. Ӯ дар ҷавонияш хеле азобу машаққат кашидааст. Шавҳарашон иштирокчии Ҷанги Бузурги Ватанӣ буд. Инсони ба дараҷааш олӣ. Оилаи онҳо муддати даҳ дувоздаҳ сол фарзанддор намешаванд. Раҳматӣ хушдоманам духтарашонро ба пеши табибу фолбину чашмаҳои муродрасон, ба ҳар ҷое, ки лозим аст, мебарад. Баъдан бо инояти Оллоҳ онҳо соҳиби се духтар мешаванд. Ҳозир апаҷонам давлатӣ пирӣ мехӯранд. Духтари калониашон бо шавҳараш дар хонаи падар (хонадомод) зиндагӣ мекунад. Апаам Хубон аз домодашон бисёр ҳам ризоянд. Дар ҳар суханашон фақат «Сареки бабаракат» – мегӯянд. Ҳақиқатан ҳам домодашон инсони хубу боҳурмат. Нисбати хушдоманашон писарвор рафтор мекунанд.

Апам Хубонро илтимос карда дар хона мондаму рафтам Хоруғ, назди Суҳайло, ки боз ягон воқеаи нохуш руй надиҳад ва Нозимҷон тамоман аз мо рӯйгардон нашавад. 30-уми ноябри 1999, бо роҳи ҷарроҳӣ аз Суҳайлою Нозим писарча ба дунё омад. Мо бо ҳазор умед номашро Ҷамшедҷон гузоштем. Аммо чашминтизориам ба роҳи писари саргумам бо ҳамин ҳам хотима наёфт. То ҳоло ду даҳсола гузаштааст, ки мо интизорему умед мекашем. То нафаси вопасин ҳолам ҳамин бошад, роҳе нест, ба ҷуз шукрат. Шукри худо дорам, ки номи писармонро ба мо бахшид, шукри ҳамаи фарзандону наберагонам, аммо ҷои ӯ ҳамеша холист. Охир одамӣ, ки панҷ панҷаи даст дорад, дарди ҳар якеаш алоҳида аст...

Шароити зиндагии солҳои 90-ум бисёр ҳам мушкил буд. Ҷавонон коре надоштанд, гарчанде хондагию маълумот доштанд. Ҳамагон озими давлати Русия буданд. Нозими мо ҳам писарчааш чормоҳа шуд, ки баромада Русия рафт. Вале дар он ҷо бисёр азобу шиканҷа дид. Суҳайло Ҷамшедҷонро яксола карда назди мо монду худаш низ аз қафои шавҳараш рафт. Ҷамшед ҳанӯз на гап мезаду на роҳ мерафт. Пуштора карда аз қафои молу гову рӯзгори зиндагӣ мебурдемаш. Дар ҷавониам ин қадар азобу машаққат надидам, аммо дар миёнасолӣ Ширинҷон маро бо корҳои зиёди қишлоқ пойбанд

кард. Ҳам кори давлат мекардаму ҳам корҳои хоҷагиамро пеш мебурдам. Ба замми ин меҳмони аз ҳад зиёд доштем, чунки бештари шиносҳо ба шифохонаи Авҷ, ки Ширин сардухтураш буд, меомаданд. Агар он ҷо ҷой намешуд, ноилоҷ хона оварда як –ду рӯз меҳмондорӣ мекардем. Ҳамааш мегузаштааст, одамӣ бузург асту ба ҳамаи душворӣ тобовар аст.

Декабри соли 2001 қариби соли нав Суҳайло аз Маскав омад. Ӯ боз ҳомила буд. Як вақтҳо ҳангоми сӯҳбатамон ӯ пурсид: *«Ҷия барои чӣ таваллудкуниам ба мушкилӣ мегузарад?»*. Ман гуфтам: *«Сеюмашро дар назди мо таваллуд кун ва ба кӯдак номи хушдоманамро мегузорем»*.

Ман бисёр мехостам, ки номи ин зани бузург-хушдоманам ба писарони ман расад. Ана ҳамин гапамро гӯш карда аз Маскав ба ин диёри кӯчаки таги кӯҳ омад. *«Ҷия, назди шумо омадам, оё шумо ба худ боварӣ доред?». «Боварии ман Худои яккаю ягона ва арвоҳи хушдомани накӯкорам, – ҷавоб додам ман. – Умед дорам мададашон ба мо мерасад...»*

Моҳи январ, хунук, барф ҳам пур борида ҳамон солу роҳи мошингарди Авҷи боло маҳкам буд. Суҳайлоро дилпурӣ медодаму худам дар таҳлука будам. Охир баъди ҷарроҳӣ дар шароити хона таваллудкунӣ ин як беақлӣ вале қаҳрамонӣ ҳам буд. Апаҷонам Хубон чун ҳарвақта дар паҳлӯям буд, «ёрии таъҷилиам». Шукри Худою, шукри арвоҳи гузаштагонам, ки ҳамааш ба хубӣ анҷом ёфт. 10-уми январи соли 2002 духтарча таваллуд. Бо ҳазор хушӣ ба ӯ номи хушдоманамро гузоштем. Чилаш пур шуду Суҳайло маро иҷозат дода гуфт: *«Ҷия равед як бор шумо ҳам истироҳат кунед, ба Душанбе назди духтаратон. Ин ҷо аммаи Хубону Гулбегим ҳамроҳам ҳастанд. Ман фақат пухту пазашон мекунам, кори оғилро онҳо мекунанд»*.

Ман аз ин имкони кӯчак истифода бурда роҳи Душанберо пеш гирифтам. Дандонҳоям озор медоданд ва ба ман дандон мондан даркор буд. Як моҳ пеши Маликаҷону духтарҳои дигар (Моҳбегим, Галя, Озода) меҳмон шуда гаштам. Олимҷон дар Маскав дар ординатура мехонд. Ӯ ба ман сад доллар фиристонд, бечора бачекам аз пули донишомӯзиаш сарфа карда.

Бояд қайд кунам, ки роҳкирои Душанберо бо пули барза-

гови фурӯхтагӣ пардохт кардам. Ин якумин барзагови меҳнати дастамон буд.

Бо Маликаҷон якҷоя малиҳат карда бо пули Олимҷон Истаравшан рафтем, назди ҳамсояҳои қадимаи Хоруғиамон – оилаи Мусоевҳо. Акои Баҳриддин корманди кумитаи бехатарии давлатӣ буд, ки бо тақозои пешааш дар ҳар гӯшаю канори Тоҷикистон, аз ҷумла дар шаҳри Хоруғ ба муддати даҳ сол кор кардааст. Фарзандонашон ҳамсинни фарзандони мо буданд: Фахриддину Ҷамшед ҷӯраю ҳамсинф, Нозиму Нигина, Маликаю Мадина, Фазлиддину Олим ҳамсинфу дӯст буданд. Шоираашон аз Гулбегими ҷиянам калонтар буд.

Баъди кӯчиданашон чанд сол боз ҳамдигарро надида будем. Бисёр мехостем як бор аз аҳволу зисташон хабардор шавем. Охир бисёр ҳамсояҳои наздик будем, дарою баро доштем. Инро бояд хотирнишон кунам, ки дар Хоруғ, дар микрорайонамон одамҳои ҳарҷоӣ хеле зиёд зиндагӣ мекарданд. Новобаста аз он, ки бо ҳам хешутабор набуданд, вале бисёр ҳам бо ҳам дӯсту тифоқ буданд. Дар ғаму шодии ҳамдигар бетараф намеистоданд. Хусусан моро ҳама эҳтирому дӯст медоштанд, чунки мо аз ягонтоашон хизмати ба касбамон вобастаро ҳеҷ гоҳе дареғ намедоштем. Субҳу шом агар лозим мешуд ба ёриашон мешитобидем. Ба бисёриҳо хизматҳои тиббии фармударо дар шароити хона иҷро мекардем. Буданд ҳатто воқеаҳое, ки Ширин бо марг дастбагиребон шуда чанд касеро наҷот дода буд...

Вақте ки кӯчи қишлоқ кардем, бисёриҳо аз қафоямон афсӯс кашида, гиря мекарданд. Мегуфтанд, ки дигар ин хел ҳамсояҳо насибамон намешавад. Ҳозир ҳам, ки роҳамон афтад, ҳурматамонро ба ҷо меёранду ёди неки он солҳоро мекунанд. Умуман, хулоса баровардам, ки лаҳзаҳои ширинтарини ҳаёти ҷавонию рӯзҳои хушбахтиамон дар Хоруғ, дар муддати 20-21-сол гузаштааст...

Ба ин ҷо, ба қишлоқ, ба назди хешу табор омада нисбати худамон баъзе ноадолатиҳоро мушоҳида кардем. Хайр, таваккали ҳамааш ба Худо. Худо мебинад ҳаку ноҳакро. Арвоҳи гузаштагонамон ҳам даргаштанду онҳо ҳам ҳақу ноҳақро аз ҳам ҷудо мекунанд...

Ба Истаравшан дар фасли сармо роҳи мошингард маҳкам буд. Пешакӣ аз домодам Озод илтимос кардам, то иҷозати Маликаро гирам. Чунки Ошурҷон мактабхон буд ва нигоҳубини ӯро ӯҳдагирӣ кардан даркор буд. Озод розигиашро доду мо ба қатора то райони Нов чипта харидем. Ин сафари нахусти ман бо қатора буд ва бояд гӯям, ки ба ман ҳеҷ маъқул нашуд. Аз ноҳияи Нов то Истаравшан бо мошинаи сабукрав роҳамонро идома додем. Пурсуҷӯ карда (суроғаашро доштем) хонаро пайдо кардем. Хурсандии Амаҷону акои Баҳриддин ҳадду канор надошт, ҳеҷ бовариашон набуд, ки мо боз ягон бор вомехӯрем. Фазлиддинро барои Нигина, ки ҳамин ҷо оиладор будааст, фиристонданд. Нигина давон омаду аз шодӣ беист мегирист. Мадина дар Хуҷанд истиқомат мекард. Фахриддин дар ноҳияи Айни. Чаҳор рӯз истода фақат солҳои рафтаро ёдоварӣ мекардему онҳо гиря мекарданд.

Фахриддин ду, Нигина се, Шоира ду ва Мадина низ дуто фарзанд доштаанд. Нигина духтури акушер-гинеколог шуда кор мекарду шавҳараш ҳам духтур буд. Аммо маълум шуд, ки ӯ аз зиндагиаш чандон ризо нест. Ба ман гуфт: *«Оя, чаро маро ба Нозим надодед?»*.

Чун онҳо дар Бадахшон хонда ба воя расида буданд, зиндагӣ ва муҳити ин ҷоро бештар дӯст медоштанд. Аз чанд рӯзи истоданамон дар Истаравшан чунин хулоса баровардем. Аз фарзандони дӯстонамон танҳо Фахриддину Мадина, ки бо хости худаш оиладор шудаанд, зиндагиии тинҷу осуда доранд. Нигинаро, ки ба хешбачааш додаанд, зиндагиаш начандон хуб аст. Ҳарчанде ки ҳардуяшон духтуранд, лекин шавҳараш хеле хурофотпараст, сахтгиру нофаҳм. Ба Фазлиддин набераи аммаашро келин кардаанд. Зиндагиии онҳо сурат нагирифта бо ду фарзандашон ҷудо мешаванд. Шоира ҳам, ки ба кадом хешаш шӯ карда будааст, доимо дар азобу шиканҷа буда охирон бо ду фарзандаш ҷудо шудаст. Ана худ қазоват кунеду бинед!

Ба фикри ман, ҷавонон бояд худашон ҳамсафари ҳаёташонро интихоб кунанду нек ё бадро аз худашон бинанд...

Рӯзи чоруми дар Истарвшан будан (пагоҳаш бояд баргаштем) ба Фахриддин аз нуқтаи алоқа телефонӣ сӯҳбат кардем. Падару модараш қаблан ба ӯ гуфтанд, ки мо дар ин ҷо. Ман нав гӯшакро гирифтаму гиря гулугирам кард, гап задан натавонистам. Вай волидонашро маломат кард, ки чаро ӯро хабар накардаанд. Баъд ман каме ором шудаму бо ӯ гуфтугӯ кардам. Ӯ гуфт: *«Холаҷон шумо ин қадар роҳи дароз омадеду ман бехабар, шуморо надида, боз меравед».* Гуфтам хай садоятро шунидам, ба ҳамин ҳам шукр. Худо хоҳад, боз ягон вақт мебинем гуфта, хайрухуш кардем.

Яке соати яки шаб бедорамон карданд, Фахриддин омад гуфтанд. Бечора ба соату замон нигоҳ накарда омадааст барои дидорбиниамон, гарчанде роҳи мошингард дар ин мавсим хатарнок буд. Дидан замон Фахриддинро боз аламам дучандон шуд. Охир дӯсти писарам буд, якҷоя мактаб рафта меомаданд. Ба шабнишиниҳои мактабӣ, зодрӯзи ҳамсинфҳо, доимо якҷо буданд, ё дар хонаи мо, ё хонаи онҳо.

Акои Баҳриддин мудом бо тақозои вазифаи хизматӣ дер хона меомаданд, ё ки навбатчӣ меистоданд. Амаҷон бо фарзандҳояшон назди мо даромада то дер мешиштем. Ӯро ва духтарҳояшро бофтан ёд дода будам. Бачаҳо шоҳмот мебозиданд. Ҳамаи инро ёдоварӣ карда то рӯз шиштем. Фахриддин ба тӯи Ҷамшед ҳам омада буд. Ва Ҷамшед ҳам бо ҳамсараш тӯи Фахриддин рафта буданд. Фахриддин гуфт: *«Холаҷон навори тӯй аст, вале мо DVD надорем. Хонаи ҳамсоя равем, тамошо кунем».* Вале ман нахостам, чунки худамро медонам. Намехостам ашки чашмонамро, ҳасрату ғамамро одамон бинанд. Пагоҳаш Фахриддин моро ба истгоҳи мошинҳо бурду бародараш Фазлиддинро гуфт, ки моро то ноҳияи Нов ҳамроҳ бошад. Худаш мебоист баргардад, чунки аз кораш напурсида омада будааст. Ӯ дар кумитаи бехатарии давлатии ноҳияи Айнӣ кор мекардааст, аз паи касби падар рафтааст. Ба мо чунин гуфт: *«Ман барои Ҷамшед шуда ба ин кор даромадам, шояд, ки сурοғу пурсуҷӯ карда дар борааш ягон маълумот ёбам. Аммо дарҳол ҳеҷ чизро аниқ накардаам. Бовар намекунам, ки ӯ дар қайди ҳаёт нест. Ҳар шаб дар хобам медарояд»...*

Кошки, ки бачам зинда бошад. Охир ба қудрати Худованді ман тан додаам. Шояд, ки писарамро дар паноҳаш нигоҳ дошта ягон вақт ба мо пайдо мекунад. Оҳ, ин аст ормони модари ҷигарсӯхта!..

Амаҷон бо Фазлиддин ҳамроҳамон ба вокзали қатора омаданд. Вай беист гиря мекард. Ҳама мусофирон дар ҳайрат буданд, ки инҳо киҳоанду чаро гиря мекунанд. Ман тасаллӣ медодамаш. Ӯ гуфт: *«Хуб шуд, ки як боракак омадед, розӣ дил кардем. Медонед Хадичаҷон, одаме нест, ки туро шунавад, то ту рози дил кунӣ. Барои ҳамин ман гиря мекунам, аламам бисёр».* Хулоса баровардам, ки ҳамон тавре, ки мо назди хешу таборамон баргашта беқадр гаштем, ҳамин хели дигар онҳо. Мақоли халқ дуруст будааст, ки «дур бошу дӯст бош». Дур будем, дар ҷойҳои бегона азизи мардумон будему наздики хешовандон омадем, хори чашмашон гаштем. Мумкин барои он, ки мо дар қишлоқ ҳам тавонистем зиндагиамонро ташкил диҳем, хуб ҳам набошад, ки ба фикрам бад ҳам не. Меҳмонон аз дуру наздик ба хонаамон равуо доранд ва ин боиси бахилии хешону ҳамсоягон гардида, то метавонанд заҳрашонро чаконда ранҷурамон месозанд.

Хайр, боз ҳам такрор мекунам, ки таваккали ҳамааш ба Худо...

Худо бахшандаю меҳрубон аст ва ман бандаи пасттаринаш наход, ки кина гираму набахшам. Ба Амаҷон ҳам ин суханҳоро гуфта тасаллиаш додам. Онҳо ҳам гашта-гашта, охири умр ба зодгоҳ баргашта, хонаю дар сохта, ба гуфте зиндагиро аз нав ташкил доданду боиси рашку маломати хешовандон гардиданд. Чаро ҳамин хел ҳаёти одамӣ сохта шудааст? Мо ку дар ин дунё ҷовидонӣ нестем, дурӯза меҳмонему бас. Пас чаро дар ин ду рӯз мо бояд бо якдигар меҳрубон набошем? Аҳлона зиндагӣ кунему дар ғайбату айбҷӯиву рашки ҳам набошем, беҳтар нест? Эй одами дунёбехабар, фикр кун!

Ба Душанбе расида азми сафари хона кардам. Охир, қарибӣ якуним моҳ набудам. Хона омадам, ки апаҷонам Хубон сари қаҳр: «Ин чӣ хел омаданат буд»?

Баҳор хеле хунук омада будааст ва ӯ бо молу гов душворӣ

кашидааст...

Аввалҳои моҳи октябри соли 2003 Олимҷон моро занг зада (ӯ ординатураро тамом карда бояд хона меомад) дар бораи ба Хоруғ барои хостгорӣ рафтан сухан кард. Нишониаш маълум буд, чунки ҳамон ҳамсинфдухтаракаш ҳамсояаамон буд. Мо дар таку дави тӯй шудем. Олимҷон ба ғайри тӯйи қишлоқ, тавсия дод, ки дар Хоруғ ҳам ёру дӯстон, ҳамсоягон ва ҳамсинфону муаллимони ӯро якҷоя бо даъватшудагон аз тарафи орус ба тарабхона даъват кунем. Нахуст ин дар назармон мушкил тофт. Аммо бисёр хуб шуд, ки ба гуфти писарам кардем. Мо дар иҳотаи ёру дӯстон, ҳамкасбон, ҳамсоягон якбор худамонро боз ҷавонтар ҳис кардему аз ҳамаи душвориҳои ҳаёту зисти қишлоқ лаҳзае ҳам бошад, фаромӯш кардем...

Як ҳафта баъди тӯй навхонадорон азми сафари Русия карданд. Олимҷон ҳуҷҷатҳояшро ба аспирантура супорида будааст, сунорамон кор ёфта кор мекард.

Баъди як ҳафтаи тӯй ба хонаамон барои духтарам (бародарзодаам) Гулбегим хостгорӣ омаданд. Аз деҳаи Дармарахти Шуғнон. Писарашон Гуляро дар тӯйи хоҳарзодааш дар Мулвоҷ дида гӯё нағз дидааст. Тамоман дар таҳлука шудам ва таҳи дилам хурсанд буд. Охир кадом модар намехоҳад духтарро бо обруй тӯй карда барорад. Инро ман аз худо дар талабон будам. Ҳамин нияти некро дар тӯйи Олимҷон аз дил гузаронида будам: *«Гулбегимро ҳам аз таги тири ҳамин хона ба обруй барорам, дигар ҳавасу ормон надорам»*.

Инак баъди як ҳафтаи тӯйи писарам хостгорҳо омаданду ман сари калобаамро гум кардам. Ба хостгорҳо гуфтам, ки духтарамро мепурсаму баъд ҷавоби аниқ медиҳам. Гулбегим дар Хоруғ, дар омӯзишгоҳи тиббӣ дар курси дуюм мехонд. Ширин Хоруғ рафтанӣ шуд, ки ман ҳамроҳаш хат фиристондам бо ишкошими, забони падарамон. Гулбегим ҷавоби рад дод, ки ман розӣ нестам. Аммо ман аз ин лаҳза дар фикри омодагии тӯяш шудам. Аз тӯйи Олимҷон каме пул захира шуда буд. Ба ӯ аз Маскав рафиқонаш пули зиёде фиристонданд. Ӯ 200-долларашро ба мо дод. Мо курпаю болишт тайёр кардем, майдаву чайдаи дигар гирифтем. Ҳарчи ҳам бошад

тайёрӣ дидан лозим. Вақти таътили зимистона Гулбегим хона омаду дар бораи каси дигарро нағз дидан ва интихоб карданаш ба ман рози дил кард. Ин ҷавон аз тарафҳои Гарм-Чашма аз деҳаи Сниб будааст. Росташро гӯям мардуми он ҷо он қадар маъқулам набуданд ва ин сабаб дорад. Лекин кори қисмат, ки бошад, илоҷу чорае нест. Домодшаванда аз оилаи хеле ҳам обрӯманд будааст, аз авлоди муллоҳо. Онҳо қати шӯхӣ намешавад...

Моҳи майи 2004 хостгорӣ баргузор шуд, фотиҳа кардем. 30-31-августи ҳамон сол охирон тӯи фарзанди калонкардаамонро гузаронидем.

Раҳматӣ янгаам Гулхинзо ҳамин нахустин тӯйи фарзанди панҷумашро дида тавонисту халос. Ӯ бисёр ҳавас дошт тӯи писаронаш Аюбҷон, Осимҷон ва духтари калониаш Гулбекаро бинад. Аммо афсӯс...Ин ноинсофҳо дар Русия буданду аз куҷо донистанд, ки модарашон ормонбадил тарки ин дунё мекунад, орзую ҳавасҳояшро таги хок мебарад. Оҳ, дунёи бевафо! Фалаки ҷафокори носазо! На раҳми фарзандон дориву на раҳми модарон. Ба ту фарқе надорад, ки чӣ мешавад ҳоли фарзандони бе модару бе падар... Бародарзодаҳоям лутфу меҳри падариро, навозиши ӯро надиданд. Калонтарҳояш каме ёд доранд, вале чаҳортояшон тамоман намедонанд ва акнун ту боз онҳоро аз модар ҷудо кардӣ, аҷаб ту бераҳмӣ, эй дунё!

Албатта, ҳар хел ҳам бошад калон шуда зиндагиашонро мегузаронанд, аммо бемодарӣ дигар аст. Бемодариро онҳо як умр ҳис мекунанд. Бахусус духтарҳо. Гарчанде калон шуда худ модар шаванд ҳам, модарашон ба онҳо доимо намерасад, ҷои модар мудом холӣ. Ҳаёт чунин аст!..

Соли 2004, 18-уми феврал Олимҷон писарчадор шуд. Ин шашумин набераи ману Ширин буд. Номашро Адисҷон гузоштанд. Худи ҳамон сол (15-уми июл) аз Суҳайлою Нозим ҳам фарзанди сеюм – Анаискаи дӯструяк ба дунё омад.

Домодамон, шавҳари Гулбегим дар қисми низомии русӣ хизмат мекард. Вақте қувваҳои марзбонии русиро аз Помир баровper ба ӯ таклифи идомаи кор дар Русия карданд. Аммо волидонаш розӣ нашуданду ӯ бекор монд. Баъди муд-

дате маҷбур ба Русия мардикорӣ рафт. Гуля хонданашро тамом карда ҳанӯз бекор буд. Баъд аз 6-моҳ шавҳараш омада ӯро ҳамроҳаш ба шаҳри Санкт – Петербург бурд. Онҳо соҳиби духтарча шуданд. Ба ӯ домодамон номи модарашро, ки бист рӯз пеш даргузашта буд, гузошт. Духтарчааш дусола шуду 9-сентябри соли 2008 боз духтарча ёфтанд. Ин дафъа Гулбегим пеши ман аз Русия тавалудкунӣ омад. Номи духтарчаро Алия гузоштем. Ба хотири духтархондамон, ҳиндудухтараки канадагӣ, ки моҳи августи ҳамон сол ба хонаи мо омада, машғули кори илмияш буд. Ӯ инсоншиносиро меомӯхт ва ҳар коре, ки мо мекардем ба мо кӯмак мекарду расму оинамонро мепурсид. Ҳамаи чиз ба ӯ аҷоиб буд, ҳамаро менавишт. Дар тӯю маъракаи азодорӣ иштирок карда, наворбардорӣ ҳам мекард. Ба мо бисёр ҳам унс гирифт. Падару модараш хабаргириаш омаданд, то бинанд, ки фарзандашон дар кадом шароиту бо чӣ гуна одамҳо зиндагӣ мекунад. Моро дида дилпур шуда баъди як ҳафта баргаштанд.

Ба гуфти раҳматӣ хушдоманам «василагар василаро мекунад». Яъне Худованди Таъоло доимо дар фикри мо ва чорасозиамон аст. Ҳамин духтаракро аз кадом гӯшаи дунё ба мо расонда як соли пурра дар хизматамон монд. Нишониамонро дар Маскав аз Олимҷон гирифта будааст. Бо Гулбегим ҳамчун хоҳар шуданду дар тарбияи духтаронаш ҳам ёрдам мекард. Гуфт, ки «ман ҳам чӣ хел нигоҳубин кардани тифли навзодро ёд гирифтам, ҳамашро аз Гуля дида фаҳмидам, шавҳар кунам бояд аз ӯҳдаи ин кор бароям». Синну солаш аз Гулбегим калон буд, аммо расми онҳо ин аст, ки то соҳиби маълумоти хуби касбӣ нашванд, дар бораи шавҳар фикр ҳам намекунанд. Шавҳаркуниашон одатан дар синни 30 то 35-солагӣ сурат мегирад. Ман фақат ташвиқоташ мекардам, ки зудтар шавҳар кунад, дер нашавад. Забони тоҷикиро ҳам ба вай хеле хуб ёд додем. Аввал ба зӯр бо имою ишора гап мезадем. Ҳамчунин кам-кам забони ишкошимиро ҳам аз худ карда буд...

Ба Ширин иҷозатнома гирифта дукаса Бадахшони Афғонистон рафтанд. Се рӯз истода баргаштанд. Муқоисаи зисту зиндагонии ин тарафу он тарафи дарёи Панҷро гузаро-

нида ба хулоса омада гуфт, ки онҳо 50-сол аз шумо ақибанд. Гуфтамаш, ки агар Давлати Шӯравӣ намебуд, мо ҳам мисли онҳо будем, бесаводу бемаданият...

Соли 2005 моҳи октябр Олимҷон ҳимояи номзадӣ дошт ва рисолаи тиббиашро бо муваффақият ҳимоя кард. Ширин рафта буд то, ки шарики хурсандии писарамон шавад. Ман бошам ваъда кардам, ки агар Худо насиб кунад дар ҳимояи докториаш ҳатман ширкат мекунам...

Соли 2009. Ин сол Худованд ба ман боз бисёр озмоишҳоро раво дид. Ба бародарони кӯтоҳумрам 20 сол пур шуд. Солу рӯзе, ки мегузарад об барин. Аз чӣ сар кунам? Пеш аз ҳама бояд аз он сар кунам, ки бародарам Зурбек тобистони соли 2008 ба Русия рафт. Маоши муаллимӣ барои рӯзгузаронӣ намерасид. Писаронаш донишҷӯ, илова ба ин хона сохта буд, маблағ намерасид ба тайёркуниаш. Аммо аз гуфти худаш: *«Дар Русия иқбол наёфтам. Ду бор рафтам, ҳосиле надидам».*

Бародари бечораам зиёда аз 30-сол муаллими математика ва якумин муаллими информатика ва компютер дар мактаби № 21-и ноҳия буд. Чун пештар қайд кардам, баъди марги бародаронам, ҳамаи ғурбати зиндагии ятимони бародарони ғурамаргам ба души ӯ афтода буд. Ба замми ин вазнинии кори мактаб. Албатта ҳамаи ин бетаъсир намонд. 3-сол боз саломатиаш он қадар хуб набуд. Ба ин нигоҳ накарда, ҳаваси мардикории Русияро кард. Он ҷо ду моҳ кор карду саломатиаш бадтар шуд. Олимҷон аз Маскав ба Питер (бародарам дар он ҷо буд) рафта бо духтурон ташхис гузаронида, тағояшро тавсия дод, ки ба Душанбе, ба диспансери ҷумҳурявии саратон ба муолиҷа равад. Бисёр хавотир будам, лекин Олимҷон маро оиди саломатии тағояш тасаллӣ дода боварӣ кунонд, ки ҳамааш ба хубӣ анҷом меёбад.

Ман то Хоруғ рафта хостам Душанбе барои хабаргирии бародарам равам, аммо Маликаҷон монеъ шуд, «мо ҳамин ҷо ӯро хабар мегирем, дар ин сармои зимистон омаданатон шарт нест», гуфт. Роҳпулиамро ба воситаи бонк ба табобати бародарам фиристонда, худ хона баргаштам...

Дар яке аз рӯзҳои январи ҳамон сол (2009) Маликаҷон

занг зада ба ман хабари нохуше гуфт, худаш беист гиря мекард. Гуфт, ки Олимҷон аз ҳамсараш ҷудо шуданӣ. Ман дар ҷоям шах шуда мондам. Ҳеҷ гумон надоштам, ки ба сари писарам чунин ҳодиса меояд. Суҳайлои сунорам ба Малика гуфтааст, ки ман бояд Маскав рафта ӯро аз ин роҳаш гардонам. Ман гуфтам: аввал бо писарам сӯҳбат карда асли воқеаро муайян кунам. Ҳамин тавр ҳам кардам. Бечора бачам ашк дар гулӯ гуфт, ки оре ин гап рост аст ва ҳамаашро ба ман фаҳмонда дод. Албатта ман ҷонибдори ӯ ҳастам. Дар пеши чашмам дарав гиряи писари амакам (духтарашро, ки ба писарам хостам хостгорӣ кунам) вақти гап заданаш дар тӯи Олимҷон, ҳувайдо шуд. Охир онҳо ҳама интизори тӯйашон буданд, ҳам волидон, ҳам хешу табор, ҳам духтар, ки писарамро бениҳоят дӯст медошту инро изҳор карда наметавонист (аз гуфти як зани шиносам, модари дугонаи духтар). Ана оқибати ашки онҳо. Оҳи дилашон писарамро гирифт. Тамом, аҳволи Адисҷон чӣ мешавад? Хӯру хобам парида буд. Рӯзона як навъ мегузашту шаб хобам намебурд. Фикру хаёл, аламу ҳасрат. Чаро ба сари писари боақлам ин рӯз омад? Наход чашми бад расида бошад? Наход ягон каси бадкор ин корро барқасд карда бошад? Охир онҳоро ҳама ҷуфти муносибу идеалӣ мешумориданд. Чӣ шуд? Барои ҳамин ҳам боз такрор мекунам, ки издивоҷи байни ҳамкасбон беҳтар аст. Бечора бачам худаш чӣ хел рӯзҳои сахтро аз сар мегузарониду моро тасаллӣ дода ором мекард, ки хавотир нашавед, ҳамааш нағз мешавад.

15-уми март Ширин 70-сола шуд. Мо дар иҳотаи наздикон ин ҷашнро қайд кардем: Гуля, Алия, кӯдакони Гуля ва худамон ширкат кардем. Фарзандон телефонӣ падарашонро табрик карда тӯҳфаҳо ҳам фиристонданд. Ҳамин рӯз яъне 15-уми март, Маликаҷон занг зада гуфт, ки аҳволи саломатии тағояш яъне бародарам Зурбек бадтар шудааст ва ман бояд равам. 16-ум ноилоҷ ба сафар баромада баъди 24-соати хастагию беҳолӣ ба пойтахт расидам. Аҳволи бародарам баъди курси сеюми табобати кимиёвӣ вазнинтар шуда буд. Бо ҳамроҳии ҷиянҳоям Аюбҷону Гулбека ӯро гирифта овардем ба Авҷ. Як шаб дар Шӯробод мондем, як шаб дар Поршинев

пеши хоҳарам, чунки роҳҳо дар асари тарма маҳкам шуда буданд. Ҳамин тавр фикри писарамро як тараф монда дар фикри табобати бародарам шудем. Охир аз ҳама зарур ин саломатӣ ҳаст. Одам саломат бошад, дигар ҳамааш мешавад. Борҳо гуфтандам: «аз сари фарзанди одам ҳарчӣ ояд, бигзарад». Худо ба писарҷонам ҷонашро сад ҷон кунаду саломаташ нигоҳ дорад, он тарафаш мешудагист. Маќоли мардуми Бадахшон: «ҷондорам соғу саломат бошад, верак (гӯсфанди ҷавон) паси дар». Гарчанде бахт, бахти авал аст, лекин бисёриҳоро дидааму шунидаам, ки бахти дуюм ҳам бад нест. Фақат ҳамин аламам медиҳад, ки чаро ин ба Олимҷон рӯй дод? Чандин духтарон дар фироқи ӯ сӯхтанд. Мумкин оҳи ҳамин мӯъминони худо бачама гирифт.

Аз Душанбе бо бародарам баргашта, баъди гузаронидани иди Наврӯз Гулбегимро бо духтаронаш ба хонаи падари шавҳараш, ба Сниб бурдам (шавҳараш мудом аз Русия занг зада ҳаминро мехост). Мо ба кӯдакон бисёр унс гирифта будем. Духтари калониии Гулбегим гапзаниро ҳамин ҷо ёд гирифт. Моро «ҷияю дадӣ», модари худашро «мама» мегуфт. Дар пеши мо дусолаю ҳаштмоҳа шуд. Модараш барин қадбаланду шӯхак буд. Анаиси духтари хурди Нозим аз ӯ калонтар буд, аммо дар асл майда менамуд. Дукаса дар ҳавлӣ бозӣ, баъзан ҷанг мекарданд, вале зуд оштӣ мешуданд. Агар шуду ба ягонтааш ягон чиз медодем, дарав: «ба Анаиска додио», ё вайаш: «ба Зозо додио». Чуноне ки қайд карда будам, ба ӯ номи янгаам Гулхинзоро монда буданд. Азбаски кӯдакон ин номро талаффуз кардан наметавонистанд, кӯтоҳакак «Зозоаш» мегуфтем. Ҳамин тавр одат кардем. Шавҳари Гулбегим доимо аз Русия қатиш телефонӣ гуфтугӯ мекард. Ӯ тавсия дод, ки ба Сниб равад. Ва гуфт, ки моҳи май пул мефиристонад, то занаш ҳамроҳи духтаронаш ба Питер биёяд.

Баъзан шишта ба фикр фурӯ меравам. Дар хонадоршавии духтарам Гулбегим фикр мекунам, ки шитоб кардем. Домодамон бефикр баромад. Чанд сари сол дар қисми низомӣ кор кард, вале як хонача ҳам насохт, ҳол он, ки бисёриҳо хонаю дар сохта, дар шаҳр ҳам хона хариданд. Пули хуб мегирифт

дар қушӯнҳои марзбонии рус. Ҳозир ҳам дар Русия як тинаш дуто намешавад. Гулбегим ҳамеша сарсону саргардон. Либосҳояш ним дар ин ҷою ним дар хонаи шавҳар. Хонаю дари худӣ, ки набошад, намешавад.

1-уми апрел Гулбегимро ба Сниб бурда расондаму худам Хоруғ рафтам ба диспансери саратонии вилоят, то дар бораи идомаи табобати бародарам маслиҳат кунам. Ваъзи саломатиии вай каме беҳтар шуда буду табобати кимиёвиро давом додан даркор буд.

Рӯзи душанбе бародарамро бурда хобондам. То бегоҳ ҳамроҳаш истода, шаб назди хоҳарам ба Поршинев рафтам. Наистодан ҳамроҳи бародарам намешуд, чунки ин сӯ он сӯ даводавӣ кардан даркор буд: барои ташхис, барои доруёбӣ, хӯрду хӯрок, ҷои хоб... Барои ҳамааш пулу одами даводавкун лозим буд. Чунин одам барои бародарам ман будам, чунки маро мешинохтанду чораамро ҷӯё мешуданд. Дар ҳамин даводавиҳо фаҳмидам қадру кимати давлати абадқудрати Шӯравиро, ки ғамхори ҳама бечорагону парастори ятимону балогардони беморон буд. Янгаам Хинзо хонаю дарашро ба хоҳараш монда, хонаю дари маро соҳибӣ кард, то бародарамро ҳамроҳӣ кунам. Ӯ агар равад на забонро медонаду на раву роҳашро. Ҳамин хел се курси табобатиро дар Хоруғ гузаронидем. Ба бародарам ба сабаби касалии шадид нафақа таъин карданд. Шукри Худо, саломатиаш беҳтар шуд.

18-уми апрел, Ширин се касро бо барзаговҳояшон аз қишлоқи Сумҷин ва Яхшивол барои шудгор ва кишту кор даъват кард. Барқ набуд. Ман ҳарвақта барин ба пухту паз машғул будам. Бародарам ҳам дар пеши мо буд. Маликаҷон телефон карда пурсид, ки дар Сниб чӣ гап аст? Гӯё кадоме аз духтарони Гуля касал. Гуфтам ҳамааш тинҷ. Гуля амакашро ба Хоруғ хабаргирӣ омада буд. Духтари майдаашро оварда буд, каме маззааш набуд, ба духтури бачагона нишон дода тавсия гирифтем. Дирӯз бошад апааш Гулбека хайрухушкунӣ рафта буд. Омада гуфт ҳамааш нағз. Фақат Гулхинзо аз қафоям гиря кард. Ман гуфтам чӣ кор кунам, бачаи мардумро гирифтан наметавонам. Нав гапзанон карда будам, ки янгаам Хинзо ба ҷиянам Садаф омаданд. Хавотир шудам, чӣ

гап шуда бошад? Инҳо беҳуда намебиёянд. Ягон гап будагист. Онҳо гуфтанд, ки рафтан даркор, кадоме аз духтарҳои Гулбегим даргузаштааст. Оҳ, Худо ин чӣ гап ? Ягон воқеаи фоҷиавӣ рух дод ? Охир дирӯз апааш омада вазъро хуб гуфта буд.

Ҳазору як фикру хаёл дар сар ҳамроҳи Ширину ҷиянам рафтем. Янгаам бо бародараму меҳмонони деҳқон боз дар хонаи мо истод. Гулбека бо як ду каси дигар аллакай рафта буданд. Мо аз онҳо пеш худро ба тобути Гулхинзои нокому номурод, Гулхинзои булбулаки навзабонамон расондем. Қисматро бинед чӣ таззодҳо дорад! Дар куҷо ба дунё омадаю, гашта-гашта дар хонаи бобоии падар аз дунё даргузашт.

Тахмини ман дуруст баромад. Ӯ ба таври фоҷиа ҳалок гардидааст. Духтари амакаш бо донаки талх сераш кардааст ва ин боиси маргаш шудааст. Шояд аҷалаш бошад, қисмати рӯзи азалаш ҳамин бошад, аммо ба фикрам беэҳтиётӣ аз тарафи калонон ҳам зоҳир шуда буд. Албатта, духтарамро ҳам айбдор меҳисобам. Аммо дилам барояш реш-реш буд. Охир бисёр ҳамсолонаш ҳанӯз шавҳар ҳам накардаанд, ӯ аллакай дарди фарзандро дида ҷигарсӯхта шуд. Ҳамагон барои булбулаки гумшудаамон афгор шудем. Падараш ҳам аз Русия омада ҳеҷ боварӣ намекард: *«Охир ду рӯз пеш духтарам қати гап задам, ин чӣ гап шуд»* – мегуфт ӯ. Асли воқеаро ба ӯ нагуфтанд. Модараш ким-чӣ баҳона кард. Қобил (шавҳари Гулбегим) баъди маъракаи азодорӣ Гулбегимро ҳамроҳаш гирифта бурду дар Душанбе назди ҷиянҳои донишҷӯям (хоҳарони Гулбегим), дар хонаи иҷора монда рафт.

Тобистон ҳарвақта барин наберагонамон ҷамъ омаданд. Бо роҳбарии Маликаҷонам ҳамаи кору бори хонаро ба дӯши худ гирифтанд. Бечора духтарам аз синни ҳафтсолагиаш фақат дар фикру хизмати мо. Соҳиби хонаю дари худ шуда бошад ҳам, ки фақат дар хизмати мо. Ҳаминро ҳам ба ӯ гуфтам, ки агар дар Хоруғ зиндагӣ мекардем, мумкин мо ҳам тобистонҳо ҳамроҳ ба ҷойҳои муқкадаси диёрамон ба истироҳат мерафтем: ба Авҷ, ба Гарм-Чашма, ба чашмаи Биби Фотимаи Заҳро. Ҳоло бошад фақат кор, кор ва боз ҳам кор. Наберагонам ба чашмаи Авҷ ҳам намефуроянд. Онҳо ба

худ тассаввур кардан намехоҳанд, ки бобояшон он ҷо несту дар он ҷо дигар кас роҳбарӣ мекунад, қоидаю қонун ҳам дигар. Адисҷонро ҳам аз Хоруғ аммааш ҳамроҳаш оварда буд. Ду моҳ назди бибии модариаш ва ду моҳ бояд назди мо бошад. Аз вақташ ҳамин хел реҷа карда буданд волидонаш.

18-уми июл рӯзи шанбе буд. Ширин бо духтархондамон Алия равони Бадахшони Афғонистонанд. Ман ба хишоваи полез машғул, Маликаҷон бо кӯдакҳо ва кори хона. Аз пагоҳӣ тоби Адисҷон набуд, аз дарди шикам шикоят мекард. Он қадар аҳамият надодам, гумон кардам, ки бегоҳӣ тарбуз хӯрда будем, мумкин ҳамон шикамдардаш карда бошад. То нисфирӯзӣ аммааш пуштора карда корашро мекарду шикамашро молиш медод. Вақти хӯроки нисфирӯзӣ хӯрок хӯрдан нахост. Гуфтам, биё бачам як бор бинам шикамата, молиш кунам. Бинам, ҷои дардаш, аломатҳои дардаш ба илтиҳоби кирмрӯда (аппендицит) монанд. Маликаҷон, инро зуд Хоруғ бурдан даркор. Хайрият ки рӯзи афғонбозор буду мошингардӣ аз тарафи Хоруғ пур буд. Ошурҷон пуштора кардашу фуромадем таги Авҷ, назди шифохона. Хайрият, он ҷо як мошинаи ронандааш шинос истода буд. Савор шуда рафтем. Дар роҳ Адисҷон хоб рафт. Вале дар нисфи роҳ бедор шуда хеле партофт (қай кард). Ба беморхона расида, дар қабулгоҳаш гуфтам: *«Духтарҳо, ҷарроҳро ҷег занед»*. Онҳо гуфтанд ки ҷарроҳи бачагона-Исмоил навбатчӣ аст. Телефон карда гуфтандаш, ки набераи муаллим Ширинбек, писари Олими духтур касал шудааст. Даррав омада аз назар гузаронида гуфт: *«Мехобонем ва назорат мекунем, аломатҳояш бисёр монанд»*. Ҷиянам (хоҳарзодаам аз Поршинев) дар лаборатория навбатчӣ буд. Хуни Адисҷонро се маротиба барои таъини лейкоцитоз гирифт. Лейкоцитоз ҳам баланд шуда истода буд. Духтури калонсол, акои Қурбон Сабзалиев ҳам аз назар гузаронид. Бо Исмоил машварат карда ба хулоса омаданд, ки ҷарроҳӣ кардан даркор. Бисёр мушкилиам мекард, ки на волидонаш, на бобояш наздам нестанд. Кӣ медонад, ҷарроҳӣ чӣ гуна анҷом меёбад. Ман на аз ҷарроҳӣ, балки аз доруи беҳушкунанда метарсидам. Ба доруҳои ҳозира он қадар боварӣ надорам. Ҳама дорухона сохта, дору

мефурӯшанд. Онҳоро Худо медонад, ки қалбакиянд, ё ки барои онҳо аз ҷойҳои дигар меоранд. Саврии ҷиянам телефони холаи Адисҷонро ёфта, ӯро хабар кард. Вай бо шавҳараш расида омад. Момояш дар қишлоқи Тем буд, ӯро хабар накардаанд. Бачама гирифтанд ба ҷарроҳӣ ва шукри Худои Таъоло, ки бисёр илтиҷояш мекардам, ҳамааш ба хубӣ анҷом ёфт. Ба Авҷ бо Маликаҷон гап зада, вазъиятро фаҳмонидам. Ширин аз Афғонистон гап зада асли ҳолро фаҳмида пурсид: *«Баргашта биёям?»* Гуфтамаш: *«Не, дина мушкилам буд, имрӯз акнун сабуктар. Ҳоло ҳамааш ба хубӣ анҷом ёфт. Шумо саёҳататонро давом диҳед, ташвиш накашед»*.

Олимҷон дар сафари хизматӣ, ба Покистон рафта буд. Рӯзи дуюми дар бемористон буданамон занг зад. Ба ӯ Нозим гуфтааст, ки ман дар Хоруғ, барои чӣ нагуфтааст. Телефон карда пурсид: *«Ҷияҷон, шумо тағоям қатӣ омадед?»*. Гуфтам нею, фаҳмондам, ки Адисҷон қатӣ. Баъди он, ки ҳамаро фаҳмид, бачам чанд вақте хомӯш монд. Маълум буд, ки бисёр ҳам зиқ шуда буд. Оҳ! Фарзанди ҷигарбанд ҳамин хел ташвишҳо дорад. Телефонро ба Адис додам то ки бо падараш гап занаду хавотирияшро яктарафа кунад. Ҳар пагоҳу бегоҳ Олимҷон телефон карда аз аҳволамон мепурсид. Рӯзи чорум кӯкҳои Адисро канда ҷавобамон доданд. Ширин мошини шиносеро бароямон гирифта овард. Бибии модариаш таклиф кард, ки Адисҷонро ба хонаи онҳо барем, аммо Олимҷон розигиашро надод ва мо ҳам розӣ набудем, чунки дар Авҷ бачаҳои дигар ӯро интизоранд. Бо онҳо захмаш тезтар сиҳат меёфт. Ва ҳақиқатан ҳам ҳамин тавр шуд.

25-уми август наберагон ва кӯдакҳои ҳамсоя барои духтархондамон Алия консерти хайрбодӣ нишон доданд. Се рӯз ману Маликаҷон омодагиашро дидем. Консертро дар ҳавлии қаҳвахонаи «Шодӣ» барпо намудем. Онҷо ҳамаи истироҳаткунандагони шифохонаи «Авҷ» иштирок карданд. Ҳама бисёр ҳам олиҷаноб баромад карданд. Ошурҷон бо асбоби наворбардории Алия ҳамаро ба навор гирифт, сурат ҳам гирифт. Алия дар охири консерт сухан карда миннатдориашро баён кард. Аз ҷумла гуфт, ки: *«Хеле ҳам хушнудам, ки ба Тоҷикистон омада бо шумо шинос шудам. Инсонгарӣ ва*

*меҳмоннавозиатонро дидам. Ҳамаи инро ҳеҷ гоҳ фаромӯш нахоҳам кард. Доимо ёдатон мекунам».* Якуми август ӯро гусел кардем ба ватанаш Канада. Аз он ҷо ба Англия ба донишгоҳаш меравад. Ҳозир ҳар замон, дар як моҳ як-ду бор занг зада аз аҳволамон мепурсад...

Маликаҷон ҳам баъди зодрузаш – 15-уми август азми сафар кард. Саломатиам каме дигаргун шуд. Фикр мекунам, ки вақти дарав хунукиам зад. Маликаҷон тавсия дод, ки бояд Хоруғ ба ташхис равам, то рафтанаш табобатамро гирам. Ҳамин хел ҳам кардем. Ташхисро гузаронида хона омадам ва дар шароити хона табобат гирифтам. Ба духтур гуфта будам, ки наберагонамро рухсат карда ба бемористон мебиёям. Баъди як ҳафта рафтам, Ҷамшедҷону инҳоро ҳам бурдам. Малика ду рӯз пеш кӯдакҳои худашу Адисҷонро гирифта бурда буду интизори ман буд, то ки маро хобонда, дардам муайян шаваду ӯ бе ташвиш равад. Олимҷону Нозимҷон ҳам хабардор шуда хеле хавотир шуданд ва саҳару бегоҳ телефонӣ аҳволпурсӣ мекарданд. Олимҷон бо духтури табобаткунандаам гапзанон кард. Ба ман гуфт: *«Ҷияҷон, ҳатман Маскав омаданатон даркор. Дар ин ҷо ҳамаи ташхисҳои лозимиро мегузаронем».*

Соли 2005 Олимҷон рисолаи номзадии илми тибро ҳимоя карда буд. Он вақт ба табрикаш Ширин рафта буд. Ман ваъда дода будам, ки ба ҳимояи докториаш агар роҳравон рафта натавонам, хазидаю лағжида меравам. Ҳамин гап дар ёдаш буд: *«Ҷияҷон ту ваъда дода будӣ. Имсол насиб бошад ҳимояи докторӣ мекунаму шумо ҳатман бояд биёед ва саломатиатонро ҳам аз назар мегузаронем».* Агар ҳимоя тобистон мешуд, рафтанам мумкин буд, чунки духтарҳо дар хоҷагиам хоҷагидорӣ мекарданд. Дар назар дорам Маликаҷону Галяю наберагонамро, аммо дар тирамоҳ намедонам чӣ кор кунам? Ширинро ҳам танҳо мондан намехостаму худам ҳам танҳо рафтан. Мехостам боз ҷавониямонро ёд карда дукаса равем. Дар яке аз сӯҳбатҳои телефонӣ Олимҷон ба тағояш Зурбек дар бораи рафтанамон гуфтааст. Тағояш ваъда кардааст, ки ҳамроҳи оилааш ба Авҷ омада, моро ба пеши ӯ мефиристонад. Ҳамин тавр Олимҷону

тағояш маслиҳат карда ба мо шароит мусоидат карданд. Бисёр мехостам, ки як бор рафта писаронамро бинам. Олимҷонамон ҳамин қадар мушкилиҳоро аз сар гузаронид, наход наравам, ки рӯбарӯ шишта рози дил кунем. На ҳамаи гап ба телефон гуфта мешавад. Инак, мо озими Маскав шудем.

Худоҷон бузург аст. Рӯзи душанбе дуюми ноябр аз хона баромадем. Чиптаи Маскав аллакай дар даст буд. Бачаҳо роҳпулиамонро фиристонданд. Бахҷонро ҳам бурдем, бо илтимоси волидонаш...

Ана ин буд саргузашти мухтасари ҳаёти 60-солаам.

Албатта на ҳамаи нуктаҳоро дар хотир доштан мумкин. Бисёр чизҳоро фаромӯш кардаам. Вале ба гумонам лаҳзаҳои ҳаёти начандон соддаю начандон мурракабро, лаҳзаҳои асосиро қайд кардам.

## ОХИРСУХАН

Ана чанде шуд, ки мо дар Маскав сайру гашт дорем. Дар таърихи 13-уми ноябри соли 2009 ҳимояи Олимҷон бо хубӣ гузашт. Ӯ унвони Доктори илми тибро соҳиб шуд. Илоҳо Худованди Карим дар касбу корашу дар зиндагиаш баракат диҳад. Аз ҳама муҳим саломатиашро худо нигаҳ дорад. Ҳар шаб ёру дӯстони Олимҷон ва хешу табори ин ҷо буда моро меҳмонӣ даъват карда, вақтамон номаълуму пурмазмун гузашта истодааст. Нозимҷон ҳам чанд рӯз пеш аз ҳимояю, баъди он ҳамроҳамон буд, ҳоло ба кораш саргардон. Охир ин ҷо бекор истодан намешавад. Бачаҳои бечора ҳоло боз дар фикри чиптапулиамон мебошанд.

Таняи (Тоус) акаи Ғуломҷон бо писараш ҳам моро бисёр меҳрубонона пешвоз гирифтанд. Зодрӯзамро дар хонаи худашон қайд карданд. Умуман бисёр ғамхориҳо нисбати мо зоҳир намуданд. Ӯ ҳам ки ҳоло синнусолаш ба ҷое расида (54-сола) бисёр пазмони дидори хешу табору диёри азиз гардидааст. Мепурсид аз ину аз он. Ба ёд овард, ки чӣ тавр ман,

оилаи амакашон якумин бор ба хонаашон омадаму онҳо ба ман унс гирифтанд... Хотираҳо, хотираҳо ва боз хотираҳо...

Дирӯз, яъне 21-уми ноябр хонаи Заррина (духтари Лаълбегими апаам Сафархотун) рафтем. Он ҷо ҳамаи духтарҳо: Замира, Сабза, апаи Лаълбегим, Давлатхотун, Гулнори апаам Хубон, Замири Лаълбегим, Мадамирро дида аз дидорашон хеле шод шудем, чунки ҳамашонро дӯст медорем. Як рӯз пеш ҷиянам, ки номи модарам Давлатсултонро дорад, моро даъват карданд. Шавҳараш Фирӯз-домодамон – бачаяки ҳалиму меҳрубон будааст. Худо нигоҳ дорад онҳоро дар паноҳаш. Духтарҳо Моҳинаву Шамсия ва Далери Замир ҳам моро меҳмон карданд. Худованд ба ҳамаашон бидиҳад, чизе мо кам кардем, дар кору борашон ривоҷи Мавло. Аз дӯстони Олимҷон назди Шоҳқубоду Тоҳир ва Ҳиммат рафтем. Ҳоло ҳам даъваткуниҳо давом дораду вақтамон кам. Агар ҳамин хел меҳмонравӣ бошад 3-4 моҳ ҳам кофӣ нест.

Як рӯз, аниқтараш 24-уми ноябр дар барномаи телевизионии «Жди меня» иштирок кардем. Он ҷо дар бораи писари саргумам Ҷамшедҷон гуфтам.

Олимҷон боз такроран моро аз сар то по ташхиси тиббӣ гузаронид. Аз Ширин камтару аз ман хеле норасогиҳо пайдо шуд.

Хулоса мо аз сафари худ қаноатбахш ҳастем. Ҳеҷ боварам набуд, ки ману Ширин боз як бори дигар ҷавониҳоамон барин якҷоя сафар мекунем. Илоҳо, баракати ҷони Олимҷонро диҳад, ки инро ба мо муяссар карду бародари азизам Зурбек бо янгаам, ки хонаамонро ба ӯҳда гирифтанд. Илоҳо, Худованди Карим некии ҳар кадомашонро баргардонад. Касе ҳурмати мо кард, Худованди бузург ҳурматашро дучанд кунад.

Чиптаҳоямон ба соати 4-и шаби 7-уми декабр. Ҳоло соат яки шаб. Зоҳир-дӯсти Олимҷон бо мошин омада мебарадамон. Нозиму Шодии ҷиянам аллакай рафтаанд аэропорт.

Бахҷонро Суҳайло меорад. Хайр, Нозимҷону Олимҷону ҳамаи бачаҳои дар хизмати мо буда, раҳмати калон!

Худоҷон дар касбу коратон баракат диҳад.

Хайр, Москва! Паногоҳи фарзандону шиками сери ҷумла мардуми собиқ Шӯравӣ!

*7-уми декабри соли 2009.*

**P.S.**

Имрӯз 20-уми январи соли 2014. Расо 3-сол гузашт. Дар ин муддат бисёр дигаргуниҳо ва навигариҳо дар ҳаёти оилаамон ва наздиконамон ба вуҷуд омад. Шукри Худо, ки Олимҷонамон бо интихоби худаш хонадор шуд. Ҳоло онҳо соҳиби писараки дигари дӯстрӯяканд.

Адисҷон додаракдору мо набердор шудем. Нозимҷону Суҳайло ҳам ба мо набераи навбатӣ – духтарча тақдим карданд. Бародарзодаҳоям Адабҷон, Осимҷон, Гулбека, Гуландом оиладор шуданд, ки аз ин ман хеле ҳам шодам.

Дар тӯйи арӯсиашон иштирок карда, афсӯс мехӯрдам, ки ку падару модар, ки ин шукӯҳу шаҳоматро бинанд. Бояд қайд кунам, ки ҷиянҳоям Аюбҷон, Осимҷон, Адабҷон, Сӯлаймонҷон бисёр бачаҳои боақлу бофаросатанд. Худо аз онҳо розӣ. Ман ба онҳо фахр мекунам. Шукри он мекунам, ки онҳо ба ягон роҳи каҷ нарафтанду бо меҳнати ҳалолашон ризқу рӯзии худро меёбанд. Мумкин дар ин ҳиссаи тарбияи бародари азизам Зӯрбек ва ҳиссачае тарбияи банда ҳам бошад. Ҳар чӣ ҳам бошад Худо баракаташон диҳад. Сӯяшон менигараму шукрат мекунам, ки онҳо нишони бародаронам. Орзуманди онам, ки дар тӯи арӯсии Сулаймонҷону Дилангезҷон, Гулрафторҷону Орифҷон, Дилоромҷону Шаҳриёрҷон ва нахустнабераамон Зеварҷон низ иштирок кунам. Аммо аз ҳама асосаш тани сиҳати ҳамаашонро хоҳонам.

Имсол дар таърихи 5-октябр акаам Қурбонбек ба олами ҳастӣ падруд гуфтанд. Илоҳо рӯҳаш шод ва манзили охираташ обод бошад.

Духтари калонкардаамон Гулбегим ҳам имсол хайрият, ки соҳиби хонаю дари худаш шуд. Ташаккури зиёд аз духтархондамон Алия ва волидонаш, Олимҷон, ки дар ин масъала ёрдам карданд. Илоҳо, Маликаҷонро баракат диҳад, чунки ҳама ташаббус аз ӯ буд. Хулоса, Гулбегимро бо наберагони

азизамон Алияҷону Нафисаҷон ба хонаи худашон ба ноҳияи Рудакӣ гусел кардем. Ҳоло қариб ду моҳ мешавад, ки мо танҳо. Рӯзҳои аввал бе лафзи ширини духтарҳо мушкилӣ кашидем, баъдан оҳиста – оҳиста одат кардем. Чӣ илоҷ?

Зиндагӣ ҳамин аст.

Фарзандон бояд аз паси зиндагии худ шаванд...

Мо бошем зиндагиамонро дар ин Авчдеҳи хурдакак, вале бузург давом медиҳем.

То ба кай, фақат Худо худаш медонад...

## САНҶИШИ ҚАЛАМ
*(Аз дафтарчаи шеърҳо)*

### БА ҲАМСАРИ МЕҲРУБОНАМ

Ҳазорон бор шукрат кунам Худоро,
Ки туро вохӯрдам дар роҳи ҳаётам.
Ки медонад чӣ мешуд ҳолатам,
Намебудӣ гар ту саробону роҳбарам.
Мани беақли соддадилро,
Сари вақт дасти ёрӣ ту додӣ.
Дар ҳар качу килебии зиндагонӣ,
Ту будию, ҳастӣ мададгорам.
Гардад агар гаҳе дилам нотоб,
Ту ҳастӣ дилсӯзу парасторам.
З-он шодам, ки ҳаётам бо ту бахшидам,
Ҷуз ғайри ту кас наҷустаму нахостам.
Ба ҳар неку баде ки дорию, дорам,
Ҳамаашро як умр бо ту бахшидам.
Фахрам зи он ки чун ту дорам,
Сарвари ғамхору дилсӯз,
Низ з-он фахрам, ки аз ту ҳастам,
Нахоҳам дошта бошӣ ғайри ман дигаре дилсӯз.
Кунун мондаст фақат он ки бинем,
Самараи ҳаёти начандон бадро.
Агар умр боқӣ монаду тавонем,
Бинем хушбахтии фарзандонро.
Бигузор доимо бошӣ саломат,
Наёбад дилат озор ҳеҷ гоҳ.
Бихоҳам ҳамеша устувор бошӣ,
Ба ҳар коре ки ояд аз пеши роҳ.

*Сентябр 1982, Хоруғ.*

### ЗИЁРАТИ ҚАБРИ МОДАР

Салом модарҷон!
Ана боз омадам наздат,
Омадам, то ки дил боз холӣ кунамат,
Оё ту мехостӣ дидан ашки моён?

Не, ҳаргиз не, аммо ман имсол фақат гирён.
Гирён, шабу рӯз гирён – зи баҳри Гулбек,
Зи баҳри ин сангдилӣ, саргардону сарсон.
Оре писарат, писари ҷигарпораат,
Ки ту низ доим будӣ аз ӯ хотирпарешон.
Мегуфтӣ: «Намедонам чӣ мешад»,
Зи баҳри ин, дилам ҳамеша ларзон.
Бале, ӯ аз тифлиаш сарсону шӯх буд,
Ки медонист, ки оқибаташ ин мешуд.
Аммо ӯро ҳамеша як фикр дар сар:
«Намебуд ин ҳолам гар мебуд модар»
Ҳамаи сахтию тангии ҳаёташ,
Ӯ аз он бинад, ки ту нестӣ модар.
Намехоҳад падарамонро бубахшад,
Ки овард баъди ту зани дигар.
Ҳарчанд ӯро насиҳатҳо додам,
Афсӯс, мегузашт гапҳоям аз гӯш бар гӯши дигар.
Оқибаташ ин шуд, кард худро асирӣ,
Аз ин ҳастам мудом хуни ҷигар.
Маро ҳам ин фикр мекунад ҳаме сари гаранг,
Ки гар умри ҳаётат мебуд дарозтар,
Мумкин аст мушкилаш мешуд осон,
Мегирифт зиндагиаш ранги дигар.
Аммо афсӯс!
Чӣ илоҷу чӣ чора,
Қаламкаш қалам ҳамин кашидаст.
Ҳастем ҳаме ҷигархуну дилозурда,
Зи баҳри ту ки нарасидӣ ба муродат.
Ғайри ман ки донад ҳавасу орзуят,
Ки доим дар дилат мепарваридӣ.
Калон шуда, хонда оем ба наздат,
То тавонӣ хӯрд ту ҳам давлати пирӣ.
Аммо сад афсӯс, ки марги хонумонсӯз,
Бармаҳал туро зи наздамон бурд.
Намебуд аламам ин қадар пурсӯз,
Гар мерасидам ба сарату насиб мешуд дидорат.
Бале модарҷон маро бубахш!

Натавонистам гардонд хизматҳоятро,
Надонистам, ки меравӣ пеш аз вақт,
Накардам хизмати як шаб бедорхобиҳоят.
Мани аблаҳи беақли нодонро,
Ҳамеша як фикр буд дар сар,
«Ки модарам ҳоло ҷавону хизматашро,
Тавонам кард бо ду чашм аз дил».
Надонистам, ки аҷал гуфтанӣ чиз аст,
Ки ӯ фикри пиру ҷавонро надорад.

*1982, Хоруғ.*

* * *

Ба гумонам ин қадар кам зистам,
Дирӯзакак медавидам бе ғаму ғусса.
Нигарам чун ба писари калонам.
Биандешам: «Навбат наздик шудаст».
Ҳамин тавр расм шудааст дар дунё,
Ки яке ояду дигаре биравад.
Аламовар бувад дилҳоро лек,
Зи онон ки дар ҷавонишон бимиранд.
Хоб аст падар дар бистари беморӣ,
Писари солим ҷавонимарг гардад.

*Сентябр1982, Хоруғ*

## БА ҲАМКАСБ ВА ДӮСТИ НАЗДИК МИСРӢ КУРБОНОВА

Аё эй дӯсти азиз, доимо зинда бошӣ,
Ҳамеша гули сабади ҳар хонадон бошӣ.
Фахрам зи он ки ҳамкасби ту ҳастам,
Илоҳо доимо ифтихори ҳамкасбон бошӣ.
Беҳуда пурсупос накунанд мизоҷонат,
Ту ҳастӣ ононро рафиқи пурфикр.
Ба ҳар дарде ки оянд ба наздат,
Ту ҳастӣ ононро табиби мушфиқ.
Нахоҳам дид дарди дастонат,
Нахоҳам дид ашки чашмонат.
Илоҳо бошӣ доим саломат,
Зи баҳри хурсандии фарзандонат.

Зи дасти Хадичаи беҳунар чӣ ояд,
Ки бинмояд изҳори миннатдорӣ
Фақат он ки гиряд худро аз баландӣ
Ки гӯё монда қадам ба касби шоирӣ.

*15.09.1982 Хоруғ*

## БА ДУХТУР ПИСТА ГАДОМАМАДОВА

Назар бинмоям чу ҳар рӯз ба сӯят,
Ту ҳастӣ доимо хушҳолу хандон.
Ва з-ин хислати хубу накӯят,
Гардидаӣ азизи ҷони беморон.
Ба сад алам чу оянд ба наздат,
Надошта умеде аз хестанашон.
Ту бо некию донишу садоқат,
Кунӣ ҳушашонро аз ин парешон.
Ту ҳастӣ табиби ҳозиқу доно,
Чи хуш касбе, ки интихоб кардӣ.
Гардад илмат малҳами дилҳо,
Умед дорам –ба унвон сазоворӣ.
Нахоҳам шавӣ ёри рашку маломат,
Бигузор душманат нест бодо!
Бигузор бошӣ доим соқу саломат,
Бо он ёри азизу ҷуфтписаронат.
Кунун дастомади мо ҳамин аст,
Надорем мо дигар чизу чора.
Лутф фармоед, кунам тақдимат
Суханоне гарм дар ин қоғазпора.

*15.09.1982*

## БА ҲАМКОРОНАМ

Сарвати гавҳарбаҳо бувад инсон,
Бо ақлу хирадаш фарқ кунад аз ҳайвон.
Чу тавонӣ одамиро одамӣ кун,
Ки ин ҳам бувад фарқи ҳайвону инсон.
Одамоне, ки ҳар рӯз ман дар байнашон,
Чу кору кирдор дорем дар як идора,
Ба ҷо орам ҳурматашон ман чун инсон,
В-аз онон низ бубинам ин нишона.

Сухан сар кунам аз апа Қурбонбегим,
Ки дар синну сол, фарқ дорад байни моён.
Гарчанде набошад ӯ доною олим,
Машҳур лек гардидааст байни мизоҷон.
Дуюм гӯям ман аз апа Шогун,
Ки ӯ бувад беҳтарин ёрдамчии моён.
Ки донад чӣ мебуд рангу рӯямон?
Намебуд гар ӯ дилсӯзи моён.
Сеюм гӯям ман аз апа Мисрӣ,
Ки ӯ бувад сарвари оқили моён.
Худ коммунисту рафтораш коммуниствор,
Ба ин рафтораш доимо бувад намуна.
Навбат чу расид ба апа Гулнамо,
Ки ин кас ҳам бувад ҳамкори моён.
Бувад хушқомату қавиирода,
Ба ҳар коре бувад далхдори моён.
Панҷум гӯям аз хоҳари Писта,
Ки ин кас бошад сардори моён.
Чу ном Пистаю, худ пистадаҳон аст,
Хато гар накунам, аст обрӯи моён.
Расад навбат ба апа Давлатбегим,
Ки ин кас бувад дӯстдори моён.
Дилаш доимо дар ларзаю бим,
Ки накунанд таваллуд дар хона ҳомилони моён.
Сухан чун кунам дар васфи Гулчеҳра,
Ки ӯ ҳамсолу ҳамсинни ман аст.
Нахоҳамаш дид шӯрбахт дубора,
Мекунамаш дуо чу ҳамдини ман аст.
Сухан ба охир расонам дар васфи Сурат,
Ин кас аз ҳама хурдтарини моён.
Ҳама дӯст доремашу кунем ҳурмат,
Чу бувад боақлу кордони моён.
Дар охир ҳамаашро як орзу дорам,
Набинанд ҳеҷ гоҳе дарди фарзанд.
Чи орзую ҳавас, ки дар дил доранд,
Илоҳо ҳама расанд ба муроду мақсад.

*16.09.1982, Хоруғ*

* * *

Надорам хислати шӯрапӯштӣ,
Надорам ҳаваси чизу чора.
Нахоҳам касеро зиштӣ-бадсириштӣ,
Фақат некӣ хоҳам ба ҳар ёру ҷӯра.
Ҳар чӣ ояд зи дастам надорам дареғ,
Баҳри ёру дӯсту ҳурмати ҳамсоя.
Нахоҳам дид кашмакаши бедалел,
Миёни ёру дӯстон зи дасти сармоя.
Надорам дӯст ононеро, ки таъна зананд,
Яке шуғнӣ, дигар рушонӣ гӯён.
Охир дар ин дунё ҳама яканд,
Шуда оқибат ҳама ба як роҳ равон.
Пас чаро дар ин дунёи дирӯза,
Нахоҳам зист бо дӯстию тинҷӣ?

## БА ДУХТУРИ ГИНЕКОЛОГ ГУЛЧЕҲРА БУЛБУЛСАИДОВА

Маро бубахш!
Ки дорам доим ҳавасат,
Чу шудӣ табибу ба қавлат расидӣ.
Маро бубахш! Барам доим ҳасадат,
Ки бо чӣ дастранҷӣ ба ин муродат расидӣ.
Будам чун ман ҳамсинну ҳамсояи ту
Бидидам басе машаққату азобат.
Вале фахрам ба қавлу иродаи ту
Ки додӣ нишон ба ҳамсари номардат.
Буд рӯзе ҳам ки мемондӣ гурусна,
Бо он дӯструякон тифлаконат.
Чу буд шавҳарат ошиқи шайдои шиша,
Надошта парвои тую фарзандонат.
Бо он ҳама зулму ситами ҳаётат,
Басе хомӯш будию кардӣ тоқат.
Аммо рӯзе косаи сабри ту шуд лабрез,
Наистода дигар як дам бо он беадолат.

*17.09.1982*

## БА ХУШДОМАНИ НАКӮКОРАМ

Туро ман бихонам дуюм модар,
Омӯхтам зи ту неку бади рӯзгор.
Буд ҳаётат мушкилу лек босамар,
Шунидам панду ривоятҳо аз ту бешумор.
Мекунӣ шукрат мудом даврони мо,
Чун бидидӣ заҳмати даврони худ.
Мекунӣ ҳурмат мудом дӯстони мо,
Чун бидидӣ машаққати дӯстони худ.
Мекунӣ нақл саргузашти ҳаётат,
Чи қадар ранҷу шиканҷа дидӣ.
Баҳри чӣ шуда хам қаду қоматат,
Чун бидидӣ бас азоби зиндагӣ.
Мекунӣ нақл, ки шӯълаи Октябр,
Дод туро нону бахшид озодӣ.
Мекунӣ шукрат, ки ливои Октябр,
Бинмуд озод писаронат аз бесаводӣ.
Расонда ба камол духтар писаронат,
Лек надорат дилат ҳанӯз тоқат.
Пуштора кунӣ набера-аберагонат,
Нахоҳӣ бекор шиштан як фурсат.
Кунандат ҳурмат дар ҳар хонадон,
Назди ту оянд ба ҳар маслиҳат.
Чун бихоҳанд дид туро ҷовидон,
То ки диҳӣ доимо панду насиҳат.
Чун расидӣ ба пирию камолот,
Буд айни хушу хурсандию завқат.
Лек хӯрдӣ ба сина ду тире,
Рафтанд зи дунё ҷуфт писаронат.
Кунун гӯямат ҳазор раҳмат,
Ба ҳар некие, ки аз ту бидидам.
Бигузор бошӣ ҳанӯз саломат,
Набинӣ дигар дарди фарзанд.

*19.09.1982*

## БА ҲАМКОРАМ М. А.

То ба кай каши ҳиҷрони ҷудоӣ?
То ба кай хӯрӣ ғуссаю ғам?
То ба кай кунӣ ту дилситезӣ,
Набувад бас магар ин бенавоӣ.
Баҳри чӣ ин ҳама рашку ситам,
Баҳри чӣ ин ҳама нолаю ғам.
Баҳри чӣ ин ҷангу ҷадал,
Ту кунӣ он ёри бераҳм.
Надорӣ наход ту ирода,
Чун кунӣ ин мунозира.
Бувад ин ҳама бефоида,
Хуб мешуд гар мекардӣ хотима.
Шавад рӯзе, худ биандешад,
Ҳама он кору рафтораш.
Охир фаҳмад ки пӯшаймо наст,
Бахшиш талабида ояд ба наздат.

*22.09.1982*

## БА ФАРЗАНДОНАМ

Фахрам ки дорам чунин фарзандон,
Хушмуомилаю боақлу бовиҷдон.
Мекунандам доим мададгорӣ,
Ба кори рӯзгору хонадон.
Аз хӯрдӣ вазифашон тақсим кардам,
То ба калонӣ вазифашон бидонанд.
Ҳар яке ба корашон ҳозиру тайёр,
Нахоҳам супоришро дубора кард такрор.

Орзую ҳавасам бувад Ҷамшедҷон,
Чу ӯ бувад фарзанди аввалинам.
Бихоҳам иҷро намояд орзуям,
Ба он орзуе, ки ман нарасидам.

Дорам умеди калон аз Нозимҷон,
Зи хӯрдиаш пурфикру вазнин.
Дорад дар худ сирату хислати падар,
Бихоҳам чун падар низ гардад доною олим.

Дасти ростам бувад Маликаҷон,
Ӯ бувад косашӯю хонарӯбам.
Таълим диҳад додаракаш Олимро,
Ба ҳар коре, ки гӯям, бувад ҳозирҷавобам.

Бо эркаю ноз калон шавад Олимҷон,
Бувад ӯ дӯстдори ҳамаи моён.
Худ 5-сола лек хонад Алифборо,
Хоҳам ки гардад номашро сазовор.

Ҳавасу умеду орзӯям як аст,
Бубинам фарзандонам солиму хушбахт.
Ин меҳри модарии ман пуршукӯҳ аст,
Бигузор соф бошад фақат осмони баланд.

*22.09.1982*

**БА ПАДАРАМ**

Чу бинам қоматат хам шавад рӯз ба рӯз,
Дилам шавад сад афгор бароят.
Чу бинам ожангҳои рӯят зиёд шаванд рӯз ба рӯз,
Шаванд ашкборон чашмонам бароят.
Зи хӯрдӣ то ба калонӣ кашидӣ басе ғурбат,
Надоштӣ шаб хобу на рӯз бедорӣ.
Нашудӣ дур зи падар, то тавонистӣ кардӣ аш хизмат,
Бинмуда интихоб ҳунари деҳқонӣ.
Ҳама деҳқонони деҳро ту будӣ намуна,
Намуда аз дили соф кору бори деҳқонӣ.
Будӣ ту барояшон обрую нишона
Бигрифта ба даст юғу сипору калтаки ҷуфтронӣ.
Лек чархи фалак ҳаётат талх бинмуд,
Оварда ба сарат зулмоту мотам.
Баъди марги модарам авзоат дигар шуд,
Мегаштӣ ту фикронию ғарқи хаёл.
Оқибат фикри зангирӣ пеша кардӣ,
Наход, ки ҳеҷ андеша накардӣ?
Маро бубахш! Намекунамат сиёсат,
Худ донам, чунин бувад ҳаёти одамӣ.

Мекунам ҳис ту худ пушаймонӣ,
Бинмуда зи сари нав хати ҳаётат.
Лек бувад ҳамаи ин аз нотавонӣ,
Надонам чӣ шавад ҳолат оқибат.
Падар! Маро бубахш, ки намудам дил холӣ,
Нахостам, ки биранҷонам туро.
Охир надорад тоқат ин дили зорӣ,
Бидида ҳар дам азобҳои туро.

*09. 1982*

## БА МОДАР

Модар! Сафедии мӯям зиёдтар шавад,
Симои ту пеши чашм ҷилвагар шавад.
Майда будам рафтанат начандон кард таъсир,
Расидам ба камолоту дилам афгортар шавад.
Ёд дорам қомати баландат,
Ёд дорам рӯи гарми беожангат,
Накунам фаромӯш ҳаргиз чашмонат,
Ёд дорам нармию, меҳри дастонат.
Ёд дорам он ҳама азобу кулфатат,
Он ҳама сахтию тангии ҳаётат.
Лек ту будӣ дилсӯзу пуртоқат,
Нашунидам як бор овози баландат.
Ёд дорам меистодӣ фақат хомӯш,
Надода аҳамият ба гуфторҳои бедараки падарам.
Намедодӣ тану асло намекардӣ гӯш,
Ба ҷангу карашмаи ҳамсоя амакам.
Бувад меҳри накӯят мудом дар дил,
Ҳаргиз нашавад дур зи чашм сиратат,
То зиндаам натавонам кунам бурун зи дил,
Он симои неку хую хислатат.

## БА ҶАШНИ ХОРУҒ

Аҷаб хушманзараю зебои Хоруғам,
Сер нашавад дида ҳеҷ зи тамошоят.
Гирифта ба бар чу модар кӯҳҳои осмонбӯсат,
Фуруд орам сари таъзим ба баландии кӯҳсоронат.

Ҷилвагар чу байрақ намоён бувад Хуфакат,
Дур нашавад ҳаргиз зи дидагон.
Мавҷҳои тиллоӣ дорад дарёи Ғундат,
Чашм сер нашавад зи он оби равон.
Бообрӯю бохирад буванд одамонат,
Надоранд хислати бадсириштӣ.
Кунам ҳурматашон чу поквиҷдонанд,
Бинмоям ёд ҳамеша аз нексириштӣ.
Кунун шудӣ 50-сола эй шаҳри азиз,
Хонамат таҳсину гӯям офаринҳо.
Нашавад хира осмони кабудат ҳаргиз,
Гарди зеботар дар гардиши солҳо.

*28. 09. 1982*

* * *

Туро ман, эй азизам, мепарастам,
Ба номи ту ҳаме хӯрам савганд.
Шунидаам «Худои зан бувад мард»,
Ба ростӣ ки туро хонам Худоям.
Зи меҳри ту доимо сарбаландам,
Зи лутфи хушат мудом мекунам ноз.
Ба васфат шунавам офаринҳо,
Номат гар гирам бар забонам.
Ту ҳастӣ азизи ёру дӯстон,
Ту ҳастӣ меҳрубони ҷамъи хешон.
Кунандат ҳурмат дар ҳар хонадон,
Фахранд зи номат хешу таборон.
Азизам туро бошам дуогӯят,
Диҳам сар, гар лозим шавад бар обрӯят.
Нахоҳам шунид дар васфат бадгӯӣ,
Хоҳам овоза бошад мудом номи накӯят.

*1982, Хоруғ*

* * *

Аҷаб ғамгину ғуссапарварӣ ту, эй дил,
Гӯё ки сохта шуда бошӣ ту аз гил.
Ба ночиз ғаш мағаш шави хавотир,
Ҳамеша беқарору бетобӣ эй дил.

* * *

Дунё мисли чархи фалак гардон аст,
Одам дар ин чарх ҳамеша саргардон аст.
Эй чархи фалак ту саргардон мабош,
Ин гирдоби ҳаёт оқибат вайрон аст.

## БА ОДАМОНИ БАХИЛ

Ҳамеша ҳайронам аз баъзе одамон,
Кашанд рашки зиёду доранд бахилӣ.
Набошем охир дар ин дунё ҷовидон,
Пас чаро ин занозаниву кашмакашӣ.
Ҳар кӣ тавонад хӯрад нони ҳалолаш,
Набурда ҳавас аз нони осони дигаре.
Кунам ҳурмат одами ҳунарманд,
Бо сиришту бо ақлу хирадманд.
Он ки ҳамеша некхоҳӣ дигарон аст,
Ба ростӣ, ки одамро ном инсон аст.
Надорам дӯст одамони бевиҷдон,
Пуртақалу нозгару зиштзабон.
Набошанд водор ҳаргиз айби худро,
Ҳамеша дар пайи айби дигарон.
Ҳамаи кор дар дасти одам ҳеҷ аст,
Кунад гар кӯшишу омӯхтан бихоҳад.
Он ки надорӣ ҳунару омӯхтан нахоҳӣ,
Пас чаро дорӣ дигареро бахилӣ.
Чу худ қадам мондам ба мактаби ҳаёт,
Намеомад ягон чӣ аз дастам, мехӯрам савганд.
Аммо зиндагӣ чизе бувад, кунадат маҷбур,
То шавӣ бохабар аз ҳар макри ҳаёт.
Ба некӣ ёд оварам ҳар омӯзгорам,
Чи худ ҳарчӣ донист, маро низ биомӯхт.
Бо пурсупосу зиёда кунҷковӣ,
Намудам аз худ кору бори зиндагӣ.
Кунун чизе зи дастам ояд, надорам асло дареғ,
Баҳри ёру дӯстону хешу наздикон.
Чи худ тавонам биомӯзам бетағирӣ,
Накарда ҳаргиз булҳавасию бахилӣ.

*21.10.83, Хоруғ*

* * *

Баҳри чӣ ноорому пурасрор ин дилам,
Гаштаам парешонхотиру надонам манзилам.
Хоҳам фарёд занам бо тамоми қувва,
То ёбад таскин ин дили нотобам.
Афтад назар ба расмҳои ҷавонӣ,
Шавам ҳайрон «наход ин манам».
Аҷаб чархи саргардон дорад зиндагонӣ,
Кунанд дигаргун сохту сурат тамоман.
Оҳ! Мебуд гар илоҷи аз нав ҷавон шудан,
Менамудам тай боз ҳамин роҳи ҳаётам.
Надорам гилае аз қисмату тақдир,
Ба ғайри он ки бармаҳал рафт модар.
Надорам гила аз ҳеҷ хешу табор,
Дорандам дӯст чу худ дӯст дорамшон.
Фақат доимо дилам дар изтироб,
Зи баҳри падару хоҳару додарон.
Нахоҳам дид нотобиашон,
Нахоҳам дид дилозориашон,
Умед дорам бубинамшон саломат,
Гар кашанд сахтӣ, бинанд ин аз толеъашон.

*12.1982, Хоруғ*

## БА БАРОДАРАМ ГУЛБЕК

Аҷаб ноинсофу бераҳмӣ!
Надорӣ асло фикри ёру хешон.
Намудӣ маро якбора афгор,
Надонам чӣ гуна бо ту кунам гуфту гузор.
Ба ростӣ мӯям сафед ту кардӣ!
Шабу рӯз зи ту ман хотирпарешон.
Чи бераҳмӣ! Чӣ бефикрӣ!
Ҳамеша ашк ба рӯям резаборон.
Надорӣ гӯш ту ҳеҷ насиҳатамро,
Туро гарчанде бошам мисли модар.
Ҳайфи он ҳама лутфу суханҳоям,
Наорӣ ягонтаашро ту ба ҷо.
Накунӣ фикри бечора падар,
Куҷо бошад фикри апаю хоҳар.

Надорӣ раҳми бечора Абиб,
Ки бувад зи баҳрат ҳаме дар ба дар.
Гумон кардам кунун кардӣ хулоса,
Ба он ҳама кору бори гузашта.
Сад афсӯс! Ту ҳоло ҳам бесаришта,
Гарчанде ба 30-қадам гузоштӣ.
То ба кай сӯзам ман зи аламат,
То ба кай ин кору кирдорат?
Наход туро дар сандуқи сина,
Ба ҷои дил санге гузоштаанд.

*29.05.1983*

* * *

Имрӯз шудам андаке хурсанд,
Гирифтам номаи додарамро.
Хондаму гиристаму донистам мақсад,
Оромӣ ёфт андаке диламро.
Навиштааст пӯшаймон аст зи кораш,
Надорад пӯшаймонӣ ҳеҷ суд, чӣ илоҷ!
Дорад умеду ҳанӯз пурармон аст,
Шояд оқибат шавад кораш ба ривоҷ.
Донад ки афгорам, диҳадам тасаллӣ,
Гӯяд ки ҳар ноумедиро оқибат бувад умед.
Накунанд худро ҳисоб чун гунаҳкор,
Чу карда боло дасташ ба ҳимоягарӣ.
Шавам ман хурсанд эй додари ҷон,
Кунам тоқату нарезам ашк дигар.
Гар ин пушаймониат бувад аз дилу ҷон,
Дорам боварӣ, шавад корат босамар.

*15. 10. 82*

## ЗИНДАГӢ

Басе шӯру ғавғо дорад зиндагонӣ,
Аҷаб меҳри пурасрор дорад зиндагонӣ.
Ҳама чиз лозим бувад бар одамизод,
Нашавад сер аз ҳеҷ чиз одамизод.
Ҳамеша дар кашмакашу ғурбати рӯзгор,
Ҳамеша дар тараддуду бувад серкор.

Нахоҳад нишастан, даме ором будан,
Нахоҳад даме бепарво зистан.
Гарчанде шавад мӯи сар чу барф сафед,
Расонда фарзандон ба камол ба умед.
Асло накунад дил ҳанӯз ҳам тоқат,
Дорад фикри рӯзгор одам ҳама вақт.
Чунин аст кору бори зиндагонӣ,
То напӯшӣ чашм дорӣ фикри бандагӣ.
Ҳамеша ғӯтаӣ дар ғаму гирдоби ҳаёт,
Надода тан бар сахтиҳои зиндагонӣ.

*24. 01. 83*

* * *

Аҷаб сохта шудааст ин кори дунё,
Нашинохта одаму лек гар шинос шавӣ,
Бибандӣ ба ӯ унсу гардадат азиз,
Ки гӯё худ як умр бо ӯ пайвандӣ.

* * *

Худовандо! Дорам туро ягона пурсиш,
Нигаҳ дор дар паноҳат кӯдаконам.
Умед дорам бубариам сари вақт,
Ки дарди фарзанд асло набинам.
Намудаам мумкин хатогиҳое дар ҳаётам,
Мекунамат илтиҷо! Маро бубахш!
Мепурсамат бо сад таъзиму тадбир,
Нигаҳ дор дар паноҳат кӯдаконам.

*10. 11. 83*

## ЗАМОНА

Нигаҳ созам чу ин замона,
Биозмоям зи ҳар паҳлу зи ҳар гӯша.
Наёбад таскин ин дили нооромам,
Шавад ҳайрон ба кору кирдори замона.
Кашида заҳмат як умр падар модар,
Кунанд бо умед тарбия фарзанд.
Худ нахӯрда ӯро хӯронанд,
Напӯшида худ ӯро пӯшонанд.

Шавад ноором гаҳе гар тифлакашон,
Напӯшида чашм, кашанд бедорхобӣ.
Нотоб чу гаҳе гардад тифлакашон,
Кунанд рӯз шабҳои дарозе.
Расад лек чу фарзанд бо балоғат,
Шавад ғурбати падар модар зиёдтар.
Кунун ҳамеша буванд дар ташвиш,
Надонанд чӣ дорад фарзанд хоҳиш.
Бо умед хононанду кунанд кадхудо,
Лек худ надошта як умр оромӣ.
Хулоса надидаам то ин дам,
Ки бе фикру ғурбат бошанд пирон.
Доранд ҳанӯз ҳам азобу кулфату ғам,
Гарчанде фарзандашон соҳиби хонадон.

*1983*

## БА ПИСАРАМ ҶАМШЕДҶОН

Парвардамат бо сад нозу карашма,
Бо вуҷуди ту фаҳмидам меҳри модариро.
Биомӯхтам ҳар рафтору кирдорат,
Гузаронида басе шабҳои бехобиро.
Мебурдам завқ зи суханони аввалинат,
Шудам шодон зи қадамҳои нахустинат.
Аҷаб мекардӣ мудом саволборонам,
Намедонистам чи тавр диҳам ҷавоби беҳтаринат.
Шудӣ ҳафтсола бурдамат дабистон,
Супурда бо ду дасти адаб ба муаллим.
Кунун шуда ташвишам дучандон,
Шавӣ то ту соҳиби донишу адабу илм.
Гузашта солҳо паи ҳам нонамоён,
Гаҳе хурсанду гаҳ хотирпарешон.
Вале меболидам ҳаме зи шодӣ,
Шунида дар васфат некусуханон.
Имрӯз расидаӣ ба камолот,
Оё ин хоб аст ва ё бедорӣ?
Чӣ аҷоиб бувад ин чархи зиндагӣ,
Надорам то ҳол ҳеҷ боварӣ.

Дорам умед расӣ ба муродат,
Шавӣ фарзанди сазовори падар-модар.
Бипӯшад ҷомаи амал орзуят,
Гар кӯшишу меҳнат кунӣ чун падар.
Кунамат табрик бо ин рӯзи накӯят,
Гирифтӣ ба даст номаи камолот.
Бувад ин роҳхати зиндагиат,
Кушода бод бар сӯят роҳи ҳаёт.
Дучор оянд аз пешат мушкилиҳо,
Бидон! Зиндагӣ бе ин набувад.
Кашӣ гар гаҳе ранҷу сарсониҳо,
Бидон! Нест ҳеҷ мушкилие ки осон нагардад.
Писарҷонам дорам зи ту ягона пурсиш,
Макун фаромӯш ҳаргиз хонадонат,
Ҳамеша дор дар дил меҳру навозиш,
Макун асло тарки волидонат.

*26. 5. 1983*

## БА МОҲБЕГИМ

Туро парваридам мисли фарзанд,
Нахостам кашӣ ранҷи бемодариро.
Аммо куҷо бошад лутфи модар,
Кай бошад ба ӯ баробар лутфи дигар.
Ҷои модар фақат модар тавон гирифт,
Рози дилу сӯзи дил низ фақат модар тавон гирифт.
Ҳеҷ гаҳ нагирад нозу карашмаат ба гардан касе,
Фақат он модар бувад, ки нозат тавон гирифт.
Хулоса ҳар кору кирдори фарзандро,
Фақат ба модар маълуму аён аст.
Ҳамаи инро ба чашми хеш дидам,
Чаро пас беҳуда гӯяму чӣ ҳоҷати баён аст.
Фахрам имрӯз зи баркамолият,
Баобрӯю боифтихор гаштӣ донишманд.
Кунун хоҳам бидид хушбахтиат,
Илоҳо чун амакат гардӣ иззатманд.

*24. 12. 1983*

## БА ДӮСТОНИ НАЗДИК МУАЛЛИМОН МЕҲРӢ ВА ДИЛДОР

Табрик гӯям шуморо,
Аз тахти дил дӯстон.
Ба ҷашни фирӯзи шумо,
Рӯзи иди муаллимон.
Бошед ҳамеша хурсанд,
Дар байни ёру дӯстон.
Бошед мудом танумаҳд,
Дар байни ҷамъи хешон.
Умед дорам аз шумо,
Ки бошед доим сарафроз.
Орзумандам шуморо,
Бошед мудом сарфароз.
Надорем ҳунари шоирӣ,
Кунем дар васфатон ашъорӣ.
Лутф фармоед зи гетӣ,
Тақдим кунем ин суханони дӯстӣ.

*2. 10. 1982.*

## БА АМАКАМ ТОҲИР

Саломат фиристонам амакҷони азизам,
Дӯст дорамату ҳурмат кунам мисли падар.
Асло накунам фаромӯш хизмати ту
Ки кардӣ доимо бо ман ту сафар.
Намебудӣ ту, куҷо буд хондани ман?
Намешудӣ ту, куҷо буд мақсади ман?
Мекунам ёд доимо ба некӣ,
Намебудӣ ту, куҷо буд бахту давлати ман?
Дар 14-солагиам гирифта зи дастам,
Шудӣ ҷониби Душанбе раҳсипор.
Чу хондан буд ҳавасу орзуям,
Ҳамаро кардӣ розӣ бе гуфту гузор.
Ёд дорам, қадам мемондӣ ту тез-тез,
Чу сагча медавидам ман аз қафоят.
Гаҳе насиҳат карда гоҳ мешудӣ тез,
Будам охир бори гарон бароят.

Накарда гӯш амаки шаҳринишинам,
Ки мегуфт: «Духтарро хондан чӣ лозим».
Ту будӣ баномусу донистӣ диламро,
Намуди осон ҳар мушкиламро.
Кунун хоҳам гӯямат ҳазор раҳмат,
Наёбӣ озору нашавад ғамгин дилат.
Надонам, тавонам оё гардондан хизмати ту
Лек накунам ҳаргиз фаромӯш меҳнати ту.

*5. 10. 1982*

* * *

Дилам ҳамеша пурсӯзу гудоз аст,
Наёбад таскину мудом дар ҷусту тоз аст.
Бувад ҳамеша хавотир, надонам чӣ сабаб,
Набувад охир шоиру на оҳангсоз аст.
Ин чӣ буд ки вақти миёнаумрӣ,
Омад ҳаваси ба қоғаз дилхоликунӣ.
Чаро сари вақт наомад ин фикр бар сар,
Шояд мешуд ҳосил ягон чизи даркорӣ.
Ба гумонам аз ғами додари маҳбусам,
Қариб монда буд, шавам аз ақл беҷо.
Ана ин вақт омадан бар сари ман,
Қаламу қоғазу фикри беҳамто.

*14. 10. 1982.*

## ҚАДРИ НОН

Дар васфи нон шунидаам шеърҳои бешумор,
Лек хоҳам низ хонд суруди худ.
Дар васфи нон шунидаам пандҳои бешумор,
Тавонам гар, низ гузорам дастомади худ.
Чу бинам дар ҳавлию дар ҳар гузаре,
Нони қоқу пораи нонрезае.
Гирадам ларзаю шавам дарди сар,
Зи беҳурматии инсон ба нонрезае.
Бо чӣ қадар сахтию бо чӣ қадар азоб,
Кунанд ҳосил ин неъмати гаронбаҳо.
Чи қадар кашанд ранҷу кунанд тагурӯ,
То ки бошад сер шиками одамизод.

Беҳуда нагуфтаанд дар урфият,
«Қадри зарро заргар донад».
Чу худ накашида ҳеҷ машаққат,
Кучо донад қадру кучо донад қиммат.
Дӯстон аз шумо дорам як илтимос,
Бошед ҳаме бовиҷдону боихлос.
Бидонед қимати меҳнати деҳқон,
Бикунед ҳурмати нонрезаи он.

*29. 09. 1982.*

## ҶАВОНӢ

Чи хуш бувад аёми ҷавонӣ,
Надорӣ ғаму ғуссаи замона.
Ҳаррӯза рӯз гузарад бо хурсандӣ,
Гузарад вақт бо шӯхию тарона.
Дар дил набувад ягон ошӯбе,
Ба ҳар коре ки дастат расонӣ.
Накашӣ ҳеҷ вақт ноумедӣ,
Аз он чизе ки онро натвонӣ.
Муваффақият ҳам бувад ёри ҷавонӣ,
Кунадаш ҳамроҳӣ-садоқат.
Чи хуш бошад ин даври ҷавонӣ,
Тавонӣ гар гузаронаш босаодат.

* * *

Бубин ин осиёби зиндагиро чарх мегардад,
Гаҳе ширину зебо, гаҳ чу ревзак талх мегардад.
Агар дорӣ ту ақлу ҳуш, нигар бар он зи дил берун,
Агар бар дил бигирӣ, сар зи ҷабраш сарғ мегардад.

*Аз апаи Соябегим 2.10.1983*

## КӮДАКИАМ

Расидам ба камолоту миёнаумрӣ,
Лек беш аз беш кӯдакӣ ояд ба ёд.
Пеши назар кулбаи танги бобогӣ,
Солҳои такрорнашуда ояд ба ёд.
Барадам хаёл ба кӯчаҳои танги деҳа,
Саҳаргоҳон равон аз паси гову гӯсфандон.

Чи қадар мекардем шӯхию мазоқ,
Вохӯрда шомгоҳон подабонон.
Хаёлам банд ба дарраю кӯҳҳо,
Ба ҷангалу мағзори лаби дарё.
Мерафтем ҳезумчинӣ бо ҳамсолон,
Бо завқи зиёд хонда таронаҳо.
Дар хоб бубинам фақат хонаи падарам,
Лаби дегдон саргардон модарам.
Оҳ! Мешуд дубора агар такрор ҳаёт,
Мениҳодам бори дигар қадам бар кӯдакиам.

*13. 01. 1984.*

**БА ҲАМСОЯ**

Андаке шуд ба мо ҳамсоя шудӣ,
Лек ақлу хираду одамият аллакай маълум шуд.
Гарчи бошӣ одами хуб дар кӯча,
Лек дар хона язид буданат маълум шуд.
Кас бинадат кашад ҳавасе,
Чун надонад муносибатат ба аҳли хонадон.
Шавадат шиносу фаҳмад булҳавасӣ,
Чун намоӣ танг рӯзгори наздикон.
Садқаи одамгарӣ, садқаи номи калон,
Наход сазовори ин гуна рафторанд зану фарзандон.
Садқаи ин гуна зану бача,
Ки доимо аз дасти ту гирён.
Одамӣ бояд набуд ин қадар бераҳму беинсоф,
Одамӣ нашояд кашад теғ аз ғилоф.
Гавҳари қимати дунё одам аст,
Пас чаро намуд ин рафтори бадхилоф?

*18.01.1984.*

* * *

Ҳаме розӣ бувам аз сарнавиштам,
Ки намуд пайванд бо ту зисту зиштам.
Бувад равшан ҳаме чароғи рӯзгорам,
Ҳаждаҳ соли умри якҷо-чун дар биҳиштам.

*23. 01. 1984.*

**БА Б.А.**

Сад ҳайф ки туро табиб ном бошад,
Ин касби пурифтихор туро назебад.
Ҳайронам з-он ки намудаи ҷой ишғол,
Ҳол он, ки касе дигар ин армон дорад.
Назар бинмоям ба рафтори ҳаррӯзаи ту
Дили бетоқатам тоқ шавад.
Бисанҷам муомилаи ҳаррӯзаи ту
Косаи сабри ман лабрез шавад.
Шавам шарманда зи рафторат ба бемор,
Ки гӯё худ намудаам ин гуна рафтор.
Чу худ зан буда, ҳамаро аз сар гузаштӣ,
Наход, ки қалби эҳсосат то ҳоло нест бедор.
Нахоҳам дид рӯи турушат,
Нахоҳам шунид гапҳои беҷот ба бемор.
Дидан натвонам овезонии қавоқат,
Чӣ гуна созам бо ту гуфтор.
Бисёр касон вохӯрдаам дар роҳи ҳаётам,
Мисли ту сангдилу бераҳм надидам.
Одамӣ бояд дар ҳар мавқею шароит,
Инсон буданаш ҳеҷ фаромӯш накунад.

*25. 01. 198*

* * *

Модар, модар аҷаб пазмону дилгират манам,
Нарасидам ба дидорат-ин будааст тақдирам.
Начашида ширинии ҳаёт, рафтӣ зи дунё,
Ин аст, ки бо ёдат ҳамеша ғамгинам.

* * *

Ман омадаам ки бубинам дидорат,
Кунам розӣ дилу бибӯсам чашмонат.
Накунам пинҳон ҳеҷ айбу гуноҳам,
Шавӣ то ту ризою, намонад армонам.

* * *

Ман садқа шавам ба қадду қомати ту
Мӯйҳои мошу биринҷу мӯи лаби ту.

Кунам шукрат ба даргоҳи Худованд,
Ки қалами рӯзи азал кардастам насиби ту.

*12. 03. 1984.*

## ЗОДРӮЗ МУБОРАК

Азизам туро табрик гӯям,
Рӯзи зодрӯзат бод муборак.
Илоҳо расӣ бар садупанҷ,
Туро парастору дуогӯям.
Набинӣ дигар ҳаргиз ғамро,
Накашӣ дигар ҳеҷ заҳмат.
Аз обрӯят мудом сари баландам,
Шавад дучандон ҳанӯзам обрӯят.
Қасам хӯрам бо номи накӯят,
Ғайри ту кас надоштаму надораму нахоҳам дошт.
Ҳар лаҳзаи умру ботини покам,
Бо ту бидидаму чашидаму ба ту бахшидам.
Фахрмандам ҳамеша аз қисматам,
Намуд бо ту якҷо сарнавиштам.
Бимонад ҷовидон дар дафтари ҳаёт,
Рӯзи неку ҳаёти хуш бо тую фарзандонам.

*15.03.84.*

* * *

Накашам ҳаваси чораю чиз,
Кунам шукрат ҳаме додагиро.
Накашам ҳар касу нокас,
Кунам шукрат хаме будагиро.

* * *

Маро ғайри ту маҳбубтар касе нест,
Ба ҷонам ғайри ту ширинтар касе нест.
Ба ҳар рӯзи зистаам шукрона гӯям,
Ки бо ту меҳрубонам, рӯбарӯям.
То ту ҳастӣ ҳамсарам, сархам нагардам,
Ба пеши ҳар касу нокас сари хам нагардам.
Кунӣ пайдо бо меҳнат нони ҳалолат,
Наояд рост қаллобӣ ба виҷдонат.

То ҳастам ман набинӣ ҳеҷ ғамро,
Кунам бо ту тақсим ҳар дарду аламро.
Шавад лозим гар, кунам ҷонам фидоят,
Ин аст паймонаи ман бароят.

*22. 03. 1984*

## СУРАТИ ЗЕБО

Ту ҳаргиз манигар ба сурати берунӣ,
Машав ошиқи шайдои он рӯи зебо.
Бисанҷ аввалу бинигар бо чашми хеш,
Дорад оё ин шахс дилу ботини зебо.
Одамони хушсурат беш булҳавасанд,
Надошта заррае нияти неку виҷдони пок.
Якеро бадбахт намуда дар фикри дигаранд,
Хонавайронӣ гӯё ба онҳо надорад ҳеҷ бок.
Ҳар як зану мард бояд донад қадри худро,
Назебад ба кас бе қадру қимат умр ба сар бурданд.
Ҳар як зану мард бояд бошад вафодор,
Ба он шахсе, ки як умр бо ӯ аст пайванд.

*05. 04. 1984*

* * *

Дорам ягона армон дар ин дунё,
Набинам ҳаргиз дарди фарзандро.
Саломати фарзандону хешон,
Чӣ бошад аз ин қимматтар дар дунё.

*04. 05. 84*

* * *

Нисфи умрам гузашт бо осудагӣ,
Гарчанде вохӯрдам бас мушкилиҳое.
Вале розиам аз ҳаёти гузашта,
Накашам ҳаргиз пушаймониҳое.
Бувад такягоҳи ман рӯзҳои гузашта,
Қуввати дил буданд падар модар.
Ба умед нигарам ба рӯзҳои оянда,
Фарзандонам бошанд ба ман болу пар.
Умри ман мегузарад бо сарфарозӣ,
Надорам гилаю шиквае зи ҳаёт.

Бувад рӯзе ки дилозурда гардам,
Лек бо ин ҳама ҳастам розӣ.
Дорам хабар зи оқибати умрам,
Кас набурд болину бистар, ман низ набарам.
Ба ҷаҳон бимонанд нишонаам фарзандонам,
Ҳамчуноне ки ман мондаам нишон.

*19. 04. 1984*

* * *

Ҳамеша сари гарангам зи ғами рӯзгор,
Ин даркору вай даркору ҳамагиаш бешумор.
Гарчи бувад серию пурӣ, лек бо ҳамаи ин,
Ҳанӯз ҳам ту бубин, ки нестем бе каму чин.
Хонаам пур мудом зи хешу табори бисёр,
Ман ба ин одат кардам дар солҳои паи ҳам қатор.
Накунам турш ҷабинам, кунам ҳурмати меҳмонам,
Фақат зи он нороз, бувад гар холи дастархонам.
Ин зиндагиро бубин, ки ҳама чиз лозим бувад,
Корҳои ин ҷаҳон ба мисли бозӣ бувад.
Ту надонӣ, киро тавонӣ хурсанд кардан,
Яке гар зи ту розӣ, дигаре озорӣ бувад.
Гарчанде на ҳанӯз пири қашангам,
Аксари вақт гузарад сари гарангам.
Чӣ илоҷ! Бубахшед дӯстон гуноҳам,
Бовар кунед, намерасад ҳуши сарам.

*18-19. 05. 84*

* * *

Кунам кӯшиш ки тан надиҳам,
Ба ҳар мушкили сахти ин рӯзгор.
Шавад лек баъзан чунон вазъият,
Ки натавонам ором шуд аз дасти шайтон.
Надонам чӣ шудаасту аз чӣ асабиам,
Ба ночиз гапе озурда гардам.
Ҳарзамон ҷанг кунам кӯдаконамро,
Аз ин рафторам ҳайрону пӯшаймонам.
Гарчанде тавонам диҳам худро тасаллӣ,
Ки ба ҳар мушкилии зиндагӣ тан надиҳам.

Охир ин кори дунё ҳар хел бошад бигзарад,
Набуда вобастаи доду вою тангдилӣ

*23. 6. 84.*

* * *

Дилам зиқу дилам зиқу дилам зиқ,
Надонам чӣ сон оромаш диҳам як дақиқ.
Хотирам парешон, хаёлам банди писарҷонам,
Бирафт ӯ баҳри хондану ман сарсонам.
Кунам зорию тавалло ҳар дам Худоро,
Ки шавад дастгиру мушкилкушои ҷигарбандам.
Ба муроду ба мақсад расонад орзуяш,
Чун аз беривоҷиаш ман низ озурда гардам.

*07. 07. 84*

* * *

Худоё! Ба гумонам фақат некхоҳам,
Некӣ гар натавонам, касеро бадӣ низ нахоҳам.
То тавонам диҳам зи дастам нону намак,
Афсӯс лек, ки ҳаққи нону намакам набинам.

## ҚИСМАТ

Эй кош зиндагӣ чун ид мебуд,
Ғаму ғуссаи зиндагӣ сарнагун мебуд.
Дурӯза ҳаёт мегузашт бо хурсандӣ,
Надошта шиква зи дарду ҳамеша солим мебуд.
Қисмат гуфта одамӣ ба ҳарчӣ тан бидиҳад,
Тангию сахтии ҳаёт зи қисмат бубинад.
Ҳар неку баде, ки ояд ба сару танаш,
Қисмат гуфта, ба он ҳам тан бидиҳад.
Намебуд қисмат, намешуд ду дилдода бо ҳам,
Намебуд қисмат, куҷо буд шахси беғам.
Қисмат гуфта тан ба тақдир бидиҳад,
Ки бе қисмат набувад ҳеҷ кори олам.

*25. 10. 84*

* * *

Аҷоиб бувад умр дар ин дунёи фонӣ,
Гумон дорӣ, ки ҳамеша ҷавонӣ.
Чу пас нигарӣ ба гузашта рӯзҳоят,
Афсӯс! Набувад нишоне зи ҷавонӣ.

Гумон дорӣ ҷовидонанд падару модар,
Ту бошӣ ғамхорашону кунӣ хизмат ба сар.
Лек бехабар зи он ки дар як рӯзи сиёҳ,
Раванд аз сару ту монӣ бе қиблагоҳ.
Накарда адо қарзи фарзандӣ,
Бимонда дар дил ҳазор ормонҳо,
Нахон ин қадар пурсӯз эй мурғи саҳарӣ,
Ки шавам ман якбора ғамгину нолон.

*13. 11. 84*

* * *

Гуфтаанд: «Некӣ куну дар Даҷла андоз,
Ки эзид дар биёбонат диҳад боз»
Некиҳое кардам ман бешумор,
То ҳол лек надидаам шавадам мададгор.
Ҳамаро кунам ғамхорию парастиш,
Ба умеде, ки шавад чорае ночориамро.
Лек то ҳол надидаам навозиш,
Зи ононе, ки бидидаанд фақат некиамро.
Рост бувад гуфтаи халқ:
«Ки сазои некиро бадӣ хоҳад».
Накунад тоқат дили одаткардаи ман,
Касеро бадию, фақат некӣ хоҳад.

*24-25. 11. 84*

* * *

Ин ғурбати дунё маро кушт тамоман,
Ҷон дар бадану ҳуш парешон тамоман.
Эй кош намебуд ғами дунё ин қадар бисёр,
Дурӯза ҳаёт мегузашт ба хушҳолӣ тамоман.
Афсӯс ҳаёти одамӣ мисли обу ҳаво аст,
Гаҳ равшану гаҳ торику гаҳ абри сиёҳ аст.
Гарчанд кунӣ кӯшиши он, то надиҳӣ тан,
Афсӯс, вале ки ин кӯшиш амри маҳол аст.
То ҷон дар бадану қувва дар дасту по аст,
Набошад даме оромию, фикр ба ҷо аст.
Аҷабо! Гузарад ҳаёту одамӣ ту бехабар,
Расида он рӯз, ки туро гӯристон макон аст.

*19. 02. 85.*

* * *

Диёри нозанинам, аҷаб ту дилрабоӣ,
Саросар гулу гулзор аҷаб ту дилситоӣ.
Кашида сар ба фалак қуллаҳои мармаринат,
Шуда гул-гулшукуфон саҳроҳои махмалинат.
Кунам шукрат, ки бинам осмони беғуборат,
Кунам шукрат, ки бинам кӯҳҳои пур зи ганҷат.
Шаваду гаҳе гар равам зи барат,
Кунам ҳамеша ёди оби зулолат.
Мебуд гар ҳунарам, васфат ҳамеша,
Менамудам эҷод суруду тарона.
Афсӯс надорам ҳунари эҷодӣ,
Лек дил хоҳад хонд васфат фасона.

*21-22. 05. 85. Хоруг.*

* * *

Бизистам аллакай нисфи умрам,
Аҷабо, ҳанӯз фарқ миёни дӯсту душман надорам.
Ба гумонам ҳамаро нексиришту некхоҳам,
Наход, ки вуҷуд дорад дар ин умр бадхоҳам.
Умрам бигзашт фақат зи бахри мардум,
Набуда рӯзе, ки набудам дар хизмати мардум.
Ҳаргиз нагузашт зи гулӯ пораи ноне,
Гар хӯрдам варо танҳо бе аҳли мардум.
Имрӯз чу шунидам бадхоҳии касе ба васфам,
Дунё шуда торик якбора дар назарам.
Ҳарчанд кунам фикрам ба манзил нарасад,
Ёрони худо, ман чӣ кардам ва чист гуноҳам?

*24. 07. 85, Душанбе.*

* * *

Кунам шукрат ин соли бобарорро,
Ин соли накӯи пурбақоро.
Кунун гар номус бикунанд шабу рӯз,
Шаванд соҳибэҳтиром дар як рӯз.
Гарчанде бикашам қинӣ, чӣ чора?
Ҳаёти одамӣ ҳамин аст охир.
Расанд ба камолот кӯдакону кунанд парвоз,
Ҳаёти одамӣ фақат бувад дар даву тоз.

Фақат кунун фаҳмидам азоби модарамро,
Азоби ҷудоӣ аз ҷигарбанд.
Фақат кунун дарк кардам эҳсосоташро,
Чу бигзарам ҳамаи инро аз сар.

## БА БАРОДАРАМ

Аз роҳи рост ту худро бероҳ кардӣ,
Ҷонат дар азобу ба танат кулфат кардӣ.
Сад ҳайф, бигзаранд солҳои ҷавоният,
Беҳудаю, бедараку ҳасратзадагӣ.
Эй вой аҷаб шум буд толею тақдири ту
Бигзашт бо сад азоб нисфи умри ту.
Ҳарчанд мани сангдил накунам фикр,
Афсӯс надорам чорае бар сарнавишти ту.

*10. 10. 85, Хоруғ.*

* * *

Фарзанди падар, аҷаб ту доғам кардӣ,
Дунёи сафеда шаби торум кардӣ,
Бошад ба замин оё мисли ту касе,
Хунҳо ба дилу ду дида зорум кардӣ.

* * *

Дар рӯи замин хушбахттарин кас манам,
Чор гавҳари қиматбаҳоро ман модарам.
Худовандам насибам накун дарди сарашон,
То бошаму бошад он сарвари олӣ ба сарам.

* * *

Дар рӯи замин ҳеҷ зоғе бе доғ набувад,
Надида касе, ки ӯ бефироқ набувад.
Вақти ситаму ғам гумон барӣ, ки мислат касе нест,
Бидида ғами касе, фикр кунӣ, ки мислат ҳазор бувад.

*03. 12. 85, Хоруғ.*

* * *

Нисфи зиёди умр гузашт,
Эй вой, афсӯс, зиндагӣ.
Хоҳ неку хоҳ бад, ки гузашт,
Эй вой, афсӯс, зиндагӣ.

Бист сол умри оилавӣ,
Гӯё чу бист рӯзе гузашт.
Сад шукр гӯям ҳар замон,
Бе шӯру беғавғо гузашт.
Афсӯс нарасад кас ба қадр,
Қимати одамӣ гузашт.
Вақти ҳурмату эҳтиром,
Вақти қадрдонӣ гузашт.
Бо ин ҳама сери пурӣ,
Додани нон аз байн гузашт.
Кучо бувад лутфи сухан,
Он хушгуфторӣ гузашт.

*15. 06. 86*

**БА СӮГВОРИИ БАРОДАРИ НОКОМАМ АБИБ**

Наврӯзи навбаҳорон,
Омада шоду хандон.
Мардумҳо шодӣ мекард,
Ҳар гуна бозӣ мекард
Лек дар ин рӯзи баҳорон,
Ду рухсорам зи ашк резаборон.
Бигирям ҳар дам барои додарам,
Додари ба ҷону дил баробарам.
Нав дилам каме таскин ёфта буд,
Алами бемодарӣ зи ёд рафта буд.
Кунун мусибати нав ба сар омад,
Ба сари бародари нокомам аҷал омад.
Омад аҷалу надид ки ёш аст,
Дорад ба дил сад армону дар талош аст.
Бубрида тори умраш накарда фикре,
Ки овард ғаму андӯҳ бар падари пираш.
Худовандо, аҷаб кори берасм ту дорӣ,
Бубарӣ ҷавонон бе ҳеҷ парвое.
Чаро мурданро накардӣ ту ба навбат,
Ман аз ту норозиам, хайр ихтиёрат.

*25. 03. 89, Хоруғ*

## АЛЛА, Ё ХУД АЛАФТУ БАЛАФТ БА НАБЕРААМ ҶАМШЕДҶОН ГУФТААМ АЗ ЗАБОНИ ХУДАШ

*(Вақте ки падару модараш ӯро ба мо монда ба Русия ба муҳоҷират рафтанд)*

Мамо мамо Суҳайло,
Дади дади Нозим,
Шумо ба кучҷо рафтед,
Маро мондету рафтед.
Конфето да даҳни шумо,
Чаро маро мондет.
Шумо ба худтон беғам,
Сайру гашт мекунед.
Му да офтоби қурок,
Чупонӣ мекуным.
Му да пушти момо,
Аз қафои молыко.
Му да пушти бобо,
Аз қафои говуко.
Рӯи му пӯст дохтаст,
Аз гармию хунукӣ.
Шумо аз кучҷо донед,
Чӣ азобуст чупонӣ.

* * *

Му да бари апа, бо ҳамроҳии ҷия.
Меравем ба Авҷи та, медароем ба чашма.
Он ҷо оббозӣ мекным, бисёр ҳам шодӣ мекным.
Тезтаракак биёед, шуморо пазмон шудам,
Зудтаракак биёед, бисёр ҳам дилгир шудам.
«Яфтал гуфта – нон тал», ҳама рафтед ба Маскав,
Пулёби агар хоҳед, ин ҷо ҳам пул меёбед.

*1. 11. 2002, Авҷ*

## АЛЛА БА БАХТБЕГИМҶОН

*(Вақте ки Суҳайло ӯро дар синни 1 солаю 3-моҳа ба мо монду худаш боз ба Русия рафт)*

Мамо мамо Суҳайло, дади дади Нозим,
Шумо ба Москва рафтед, маро ба Авҷ овардед,
Аҷаб шумо ноинсоф, аҷаб шумо беинсоф.
На раҳм доред ба момо, на ғам доред ба бобо.
Вой бар ҳоли момоҷон, чӣ кор кунад removedобоҷон,
Дар ҳамаи корҳошон, ман кашол дар кашталшон.
Момо пухтупаз кунад, ё ки рӯбучин кунад,
Ё ки ба оғил давад, ё ки маро бубинад.
То ба кай шумо гардед, дар ғарибиҳои дур,
Баргардеду биёед, хонамон шавад пурнур.

*4. 05. 2003, Авҷ*

* * *

Бахтбегимҷон гулворӣ, мушки қаламфурворӣ,
Қадаш кавги Авҷ ворӣ, гӯшыкош халтаворӣ.
Дилум дилум дилуме.
Линҷакош момошворӣ, биникош картошкворӣ,
Лабҳо олучаворӣ, дандонҳо садафворӣ.
Дилум дилум дилуме.
Чашмакош бодомворӣ, абру думби мор ворӣ,
Мӯякош тилловорӣ, дастакош арча ворӣ.
Дилум дилум дилуме.

*05. 2003. Авҷ*

* * *

Омад баҳору зи умри мо боз як сол бигзашт,
Хоҳ бад буду хоҳ нек, ҳар чӣ ҳам буд – бигзашт.
Шукрона кунем як лаҳзаи умри имрӯзаи худ,
Фардо чӣ шавад ё нашавад бинем боз ба чашми худ
Ғанимат шуморам тани сиҳати азизонам,
Нахоҳам дид дарду алами хешу қавмонам.
Дар зикри Худою, илтиҷоям шабу рӯз,
Худоё! Саги дарат ман, з-ин беш масӯзонам.
Одамӣ макун фикри буду набуди гузаштаро,
Мабош дар фикри корҳои аз пеш ояндаро.

Шукрат бикун имрӯза доди Худоро,
Барор аз дил Хадича ғаму андӯҳи беҳударо.

*23. 03. 2010. Авҷ*

* * *

Эй булбулакони деҳаи Авҷ,
Шодона баҳоратон муборак.
Боз омадааст фасли Наврӯз,
Чаҳ-чаҳи шумо ба ин диёр муборак.
Сар ба фалак кашида кӯҳҳо,
Сарсабзӣ кунанд дарахти беду буттаҳо.
Бар гӯш расад шир-шири дарёчаи кӯҳӣ,
Бархезӣ зи хоб бо қақраи кабкҳо.
Аҷоиб манзарае дорӣ зебодиёрам,
Беҳуда набуд мафтунат Бахтбегим модарам.
Гарчанд бувад мушкил ин ҷо зиндагонӣ,
Ба ҳар мушкилӣ тан дода дӯстат дорам.
Баъди чанде ҷамъ шаванд наберагонам,
Хонаи калонам пур шавад аз хандаи дӯстрӯяконам.
Имсол ҳамроҳашон нест Зеварҷон,
Ӯ хатмкунандаю ба ӯ барор мехоҳам.

*11. 05. 2010. Авҷ*

* * *

Ба дӯстони ҷонӣ сар ба таъзим оварам,
Хеле ҳам кам монданд онҳо.
Ноҳаққии наздикон бисёр дидам,
Таваккалшон фақат ба яздони пок мондам.
Кунам шукронаи рӯзи неку сухани нек,
Нагӯям сухан аз кашмакашу ҷанҷолҳо.
Бадкоронро бадӣ нахоҳам,
Таваккалшон фақат ба яздони пок монам.

*11. 02. 2011. Авҷ*

## БОЗ БА АВҶ ОМАДЕМ

*(Аз забони наберагонам)*

Хонаи бобои мо, лонаи умеди мо,
Ҳарҷо агар ҳам бошем, ҳастем дар фикри шумо.
Боз ба Авҷ омадем, шодикунон омадем,
Салом мегем бобоҷон, салом мегем момоҷон.

Шумо ба мо интизор, ду чашм ба роҳи мо чор,
Мо ба шумо мададгор, дар корҳои бешумор.
Дар гӯш суханҳоятон, дар сар пандҳоятон,
Қувва аз шумо гирем, меравем бар ҷоямон.

Тобистон ҳам тамом шуд, боз раворави мо шуд,
Хайр мегем species бобоҷон, ғамгин машав момоҷон.
Боз ба Авҷ меоем, шодикунон меоем.
Салом мегем бобоҷон, салом мегем момоҷон.

*04. 06. 2012. Авҷ*

* * *

Авджик, Авджик!
Ты надёжный наш привал,
Авджик, Авджик!
Ты последный наш причал *(Припев)*

Пусть хоть тут мало домов, но понятно всем без слов,
Что повсюду и везде, с нами духи предков.
Мы им очень рады, вечно благодарны,
За успех наших детей, за здоровье внуков.

*Припев*

Немало мы бродили, как молоды мы были,
И вот по зову предков, мы к тебе пришли.
Мы им очень рады, вечно благодарны,
За то что мы дышим, за то что ещё живы.

*Припев*

Корабль нашей жизни, к берегам своим причалился,
Нас приняли твои духи, свои раскрыв объятия.
Мы им очень рады, вечно благодарны,
За то что у наших дверей, не затёрся след друзей.

*Припев*

Всякое у нас бывало, и радость и горе,
Всё мы преодолевали, были духи у нас везде.
Мы им очень рады, вечно благодарны,
За то что тянем ещё лямки своей жизни.

*Припев*

*18. 09. 2012. Авдж*

## МУНДАРИҶА

Мавҷу авҷи зиндагӣ (Дафтари хотираҳо)................................ 3
Санҷиши қалам (Аз дафтарчаи шеърҳо) .............................. 110

**Хадича Давлатмамадова**

**МАВҶУ АВҶИ ЗИНДАГӢ**
*(Аз дафтари хотира)*

Муҳаррири ороиш *Ромиш Шералӣ*
Муҳаррири саҳифабандӣ *Меҳрӣ Саидова*

Ба матбаа 27.05.2014 супорида шуд.
Чопаш 29.05.2014 ба имзо расид. Андоза 60х84 1/16.
Ҷузъи чопӣ 9,0. Адади нашр 100 нусха.

Муассисаи нашриявии «Помир»-и
736111, ш.Хоруғ, кӯчаи Ш.Шотемур, 133/1

Дар матбааи ҶДММ «Офсет-Плюс» чоп шудааст.